11893а

У.А. ҒАФФОРОВА
М.Ш. ФАЙЗУЛЛОЕВА

# ЭТИКА

## ИЛМ ДАР БОРАИ АХЛОҚ



ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД
БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

ИНСТИТУТИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ
ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

У.А. Ғаффорова
М.Ш. Файзуллоева

# ЭТИКА
# ИЛМ ДАР БОРАИ АХЛОҚ

Хуҷанд - 2020

*Бо қарори Шӯрои табъу нашри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба нашр тавсия шудааст.*

ББК – 87.715
Ф - 22

У.А.Ғафforова, М.Ш.Файзуллоева.
Этика илм дар бораи ахлоқ. Нашри сеюм. – Хуҷанд: Ношир. 2020. – 124 саҳ.

Муқарризон:
д.и.ф., профессор Зоҳидов О.Х.
н.и.ф., дотсент Атаев А.М.

Китоби мазкур дар бораи пайдоиши илми этика, марҳилаҳои инкишофи он, мақсад ва вазифаҳои этика, мафҳумҳои асосии ахлоқ, моҳияти ахлоқи инсон, этикаи касбӣ ва этикаи оиладорӣ сухан меронад.

ISBN 978-99975-58-21-3

© Ғафforова У.А., Файзуллоева М.Ш.

КИТОБХОНА
ДПДТ ба номи С.АЙНӢ
АМВОЛ № 11893а

**Пешрафти ҳар кадом ҷомеаро инсонҳои дорои ғановати маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ таъмин менамоянд. Иқтидори зеҳнӣ ва маънавию ахлоқӣ яке аз омилҳое мебошад, ки ҷомеаро пайваста пеш мебарад. Мо сиёсати давлатдории худро тавре ба роҳ монданӣ ҳастем, ки равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ бо камолоти маънавӣ, покизагии ахлоқӣ ва инкишофи маърифати ҷомеа дар ҳамоҳангӣ ва пайвастагии доимӣ ҷараён дошта бошанд.**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# САРСУХАН

Этика илм дар бораи ахлоқ мебошад. Ахлоқ илмест, ки донистани он ба кулли инсоният ҳатмӣ аст. Зеро, тамоми ҳаёти инсон аз ахлоқ иборат аст. Моҳияти зиндагӣ низ дар ташаккулёбии ахлоқ аст. Дар ҷомеаи имрӯза ба ахлоқ таваҷҷуҳи баланд зоҳир мегардад.

Ҳар шахсе, ки ба такомул кӯшиш менамояд, бо фанни этика бояд ошно бошад. Илми этика дар бораи арзишҳои ахлоқ баҳс карда, тамоми шохаҳои ҳаётро фаро мегирад. Омӯхтани илми этика аслиҳаи пурзӯре дар рушди ахлоқи инсон аст. Этикаи муосир қоидаҳои рафтор, дар фазои орому осуда, бидуни мунокиша, низоъ ва парешонию парокандагӣ зистанро ба инсон меомӯзонад. Бисёр қоидаҳои этикӣ дар зери урфу одат ва анъанаҳои халку миллатҳои гуногун ба амал омада, меъёрҳои умумии ахлокро ташкил медиҳанд. Албатта, меъёрҳои этикаи кунунӣ аз меъёрҳои ахлоқии сад сол муқаддам тафовут доранд, яъне этика ҳамкадами замон аст. Ахлоқ илми беканорест, ки кулли илмҳо тобеи он мебошанд. Ахлоқ татбиқи илм дар ҳаёт аст. Дар ин хусус бузургон фармудаанд: «Мақсуд зи маърифат одамӣ аст».

Китоби “Этика илм дар бораи ахлоқ” чун дастурамал барои донишҷӯён таҳия гардидааст ва итминон дорем, ки он дар раванди таълиму тарбия муфид хоҳад буд.

# ЭТИКА ҲАМЧУН ИЛМ

Этика - калимаи юнонӣ буда, маънояш «ахлоқ» мебошад. Этика инчунин маъноҳои «урфу одат, анъана, таомул, хислат, рафтор, тарзи зист»- ро низ фаро мегирад.

Дар бисёр забонҳои имрӯза мафҳумҳои «этика» ва «мораль» барои ифода кардани ахлоқ истифода бурда мешаванд. Вожаҳои «этика» ва «мораль» дар ибтидои пайдоиши худ ахлоқро ифода мекарданд. Минбаъд онҳо маъноҳои гуногунро пайдо карданд. Мораль - маҷмӯи қоидаҳое, ки барои мӯътадил гардонидани муносибати байниҳамдигарии одамон истифода бурда мешавад.

Мутафаккири Рими қадим Ситсерон (I т.м.) истилоҳи этикаро ба забони лотинӣ «mores» - «мораль» тарҷума кардааст, ки маънояш «анъанаҳои умумии ҷомеа» мебошад.

Ахлоқ - аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш «хулқу атвор» мебошад.

Этика - илмест, ки қонунҳои умумитарин, вазифа ва қоидаҳои ахлоқро меомӯзад. Яъне этика илм дар бораи ахлоқ аст.

Асосгузори илми этика файласуфи Юнони қадим Арасту (IV т.м.) аст. Дар давраҳои қадим ахлоқро «қоидаҳои тиллоӣ» меномиданд. Афлотун ва Суқрот ахлоқро «қонуни осмонӣ» ва К.Маркс ва Ф.Энгелс ахлоқро «маҳсули олами воқеӣ» номидаанд.

Этика дар ибтидо одатҳои ҳамзистии якҷояи одамонро ифода мекард. Минбаъд этика қоидаҳоеро фаро гирифт, ки онҳо низоъҳои байни одамонро пешгирӣ карда, дар ҷамъият оромиро таъмин мекарданд. Маънои этика зина ба зина васеъ гардид. Ахлоқ ҳамчун падидаи таърихию иҷтимоӣ ба манбаи нашъунамои ҷомеа табдил ёфт.

Дар давраи муосир этика илмест, ки ахлоқи инсонро

таҳқиқ менамояд. Этика илми фалсафӣ буда, пайдоиш, ташаккул ва моҳияти ахлоқро меомӯзад ва маҷмӯаи қоида ё қонунияти ҳаётро таълим медиҳад. Этика инсонро ҳамчун субъекти ахлоқ меомӯзад. Этика раҳнамоест, ки чӣ тавр муносибат кардан, қавӣ ирода будан, ба садои қалби худ гӯш кардан ва ғайраро меомӯзонад. Этика силоҳи иҷтимоиест, ки ихтилофоти байни одамонро барҳам дода, муносибати онҳоро ба эътидол меоварад.

Илми этика исбот кард, ки ахлоқ арзиши муқаддам ва муқаддас аст. Тибқи илми этика, ахлоқ - асоси ҳаёти маънавӣ ва арзиши нодиртарини тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Ахлоқ - меъёрҳо дар бораи рафтори инсон буда, онҳоро илми этика пешниҳод менамояд. Ахлоқ манбаи ҳамаи шуурҳои ҷамъиятӣ аст. Тавассути ахлоқ олам аз худ карда мешавад. Дар ахлоқ одамият арзиши волотарин аст.Тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамида вазифаи шохаҳои фарҳанг - дин, илм, адабиёт, санъат, сиёсат ба шумор меравад.

Мақсад ва вазифаи асосии фанни этика тарбияи инсони комил мебошад. Аммо, этика исбот менамояд, ки масъалаи тарбияи инсони комил ҳамчун муаммои азалӣ ва абадии башар боқӣ хоҳад монд. Ҳар як шахс олами ботинии худро дорад. Омӯхтани олами пурасрори одам ва накӯ сохтани сирати инсон ҳадафи илми этика мебошад. Илми этика масъалаҳои зеринро меомӯзад: муайян кардани моҳияти ҳаёти инсон, таҳқиқи принсип ва меъёрҳои ахлоқ, сабабҳои пайдоиши некӣ ва бадӣ, омӯхтани инсон ҳамчун шахс ва ғайра.

Илми этика аз ҷиҳати мазмун гуногунҷабҳа буда, қисмҳои назариявӣ ва амалии он ба ҳам тавъаманд мебошанд. Этика некӣ ва накӯкориро таълим медиҳад ва омӯхтани он дар рафтори шахс намоён мегардад. Этика шахси накӯкорро ҳамчун идеали ҷомеа арзёбӣ намуда, моҳияти мафҳумҳои «шараф», «қадр», «хайрхоҳӣ», «раҳмдилӣ», «саховатмандӣ», «ӯҳдадорӣ» ва ғайраро шарҳ медиҳад. Этика барои инкишоф

додани хислатҳои нек, ба монанди боинтизомӣ, иҷро кардани ваъда, эҳсоси шарму ҳаё, барои кирдори нолоиқ пушаймон шудан, иқрор шудан ба гуноҳи худ.. ва ғайра кӯшиш менамояд. Этика инчунин хислатҳои манфӣ - дуруғгӯӣ, хиёнат, ҳасуд, кинаю адоватро низ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Этика - назарияи илмӣ буда, ахлоқи шахс ва ҷомеаро меомӯзад. Этика меъёрҳои рафтори инсон дар ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти касбиро муайян менамояд. Мақсади илми этика дигаргун сохтани аъмоли инсон ва ба ин васила беҳтар кардани тарзи зист, осеб ва халал нарасонидан ба ҳамдигар мебошад, яъне этика на фақат назарияи ахлоқ, балки роҳу усулҳои дар амал татбиқ кардани онро меомӯзад. Илми этика нуфузи ахлоқро дар пешравии маънавию иҷтимоии инсон муқаррар мекунад. Илми мазкур навовариҳои ахлоқро мунтазам ба ҳаёти ҷомеа ворид менамояд.

Ҳамин тавр, этика қисми амалии илми фалсафа буда, муносибати инсонро нисбати олам меомӯзад. Этика бо кулли илмҳо, ки моҳияти ҳастии инсонро таҳқиқ менамоянд, алоқаманд мебошад. Вазифаи фанҳои гуманитарӣ - фалсафа, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, сотсиология, демография, эстетика, ҳуқуқ, таърих, аз ҷумла этика аз инсоншиносӣ иборат аст. Лекин, ахлоқи инсонро танҳо илми этика меомӯзад. Илми этика дар замони имрӯза дар ҷабҳаи ба низом даровардани ахлоқи ҷамъият нақши муассир дорад.

# ДАВРАҲОИ РУШДИ ИЛМИ ЭТИКА

Илми этика дар рушди худ давраҳои қадим, эҳё, маорифпарварӣ, сотсиалистӣ ва демократиро дарбар мегирад. Дар аҳди қадим файласуфон ахлоқро чун урфу одат ва қоидаҳо эзоҳ медоданд. Онҳо аз асри VII т.м. барои аз худ кардани табиати инсон шурӯъ карданд ва ин давра дар таърихи илми этика «давраи қабл аз илми этика» номида мешавад.

Дар Ҳиндустон таълимоти фалсафӣ - ахлоқии ҷайния мавҷуд буд, ки тибқи он инсон бо рафтори худ қисмати нек ва ё бади хешро сохта метавонад. Дар Чини қадим таълимоти динӣ-ахлоқии даосия вуҷуд дошт. Поягузори таълимоти даосия файласуфи Чин Лао-Тсзи (IV-III т.м.) буда, ӯро “муаллими кӯҳна” меномиданд. Лао-Тсзи дар рисолаи «Даодэтзин» ғояҳои ахлоқии худро баён кардааст.

Конфутсия таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Чин буда, асосгузори он Конфутсий (551 - 479 т.м.) мебошад. Дар бораи ин файласуф шоири чинӣ Сима Сян-жу (179 – 117 т.м.) маълумот гирд овардааст. Конфутсий дар вилояти Лу (ҳоло Шандун), дар оилаи ҷанговар ба дунё омада, аз падар бармаҳал ятим мемонад ва ӯро модараш тарбия мекунад.

Конфутсий на фақат аз ҷиҳати руҳӣ, балки ҷисман низ нерӯманд буд ва қади вай 1.91 метр дарозӣ дошт. Ӯ камсухан, ботамкин ва меҳнатдӯст буд ва илму ҳунари зиёдро омӯхта, дар касбҳои гуногун софдилона кор мекунад. Вай шаҳри Лоиро, ки маркази дини даосизм буд, зиёрат карда, бо асосгузори он Лао Тсзи вомехӯрад. Ӯ ба Конфутсий хоксорӣ, нафъоварӣ ва муҳокима накардани одамонро панд медиҳад.

Конфутсий дар 20-солагиаш чун ҳаким шинохта мешавад. Ӯ дар 30 - солагӣ мактаби хусусии худро таъсис дод, ки онро зиёда аз 3 ҳазор шогирдонаш хатм карданд.

Дар мактаби ӯ фарзандони ҳамаи табақаҳо таҳсил карда метавонистанд, зеро, пардохти он гарон набуд. Конфутсий дар мактаб аз ахлоқ, бо усули баҳсу мунозира дарс мегуфт. Дар 52 - солагиаш ӯро ба хизмати ҳарбии шоҳигарии Лу даъват менамоянд. Конфутсий дар муддати 4 - сол то вазифаи мушовири давлатӣ бардошта шуда, симои сеюм дар дарбор мегардад. Фаъолияти сиёсии ӯ ба пешравии шоҳии Лу кӯмак мерасонад. Аммо, маишатпарастии шоҳи Лу - Дин Гун ӯро маҷбур месозад, ки дарборро тарк намояд. Сипас, Конфутсий дар тӯли 14-сол ба музофотҳои гуногуни Чин сафар мекунад, ки дар ҳама ҷо одамон ӯро бо эҳтиром пазирой карданд.

Ба Конфутсий дар 64-солагиаш, ҳокими шоҳигарии Вей - Чу Гун яке аз мансабҳои дарборро пешҳод менамояд. Лекин, ӯ таклифи шоҳро рад мекунад, чунки вай гайриқонунӣ соҳиби тахт гашта буд. Конфутсий аз бунёди шакли давлатдорӣ, ки бо ахлоқи накӯ асос ёфтааст, навмед шуда, ба ватанаш бармегардад ва бо касби худ машғул мешавад. Марги писар ва завҷааш ӯро ба андӯҳи сахт мебарад. Дере нагузашта, Конфутсий низ дар синни 73-солагӣ аз олам чашм мепӯшад. Мухлисонаш дар назди қабри ӯ якчанд сол иқомат мекунанд.

Шогирдони Конфутсий дар асоси сӯҳбатҳои устоди худ асари "Мунозира ва мусоҳиба", ки ба ахлоқ бахшида шудааст, тартиб медиҳанд. Конфутсий одоби муоширатро таҳқиқ кард, ки он аз эҳтироми аҳли оила, дӯстон, ҳукуматдорон иборат буда, расму оин ва қоидаҳои ибодатро низ фаро мегирад. Ба ақидаи файласуф ахлоқ бо ҳаёти воқеӣ ва дониш алоқаи ногусастанӣ дорад. Вай маргро ҳақиқат мепиндорад. Конфутсий даосияро "амали зоҳидона" номида, онро идеал намеҳисобад, аммо таъкид мекунад: "Ман ба гузашта итминон дорам ва онро дӯст медорам". Ӯ тараққиётро ҷонибдорӣ менамояд, аммо сулҳ ва осоишро

аз он воло мегузорад ва чунин мегӯяд: "Табаддулот ба мероси ахлоқии ниёгон набояд осеб расонад".

Аз Конфутсий ҳикматҳои зиёд боқӣ мондаанд.

- *Одамони қадим беандешагию бисёргӯиро барои худ нанг мепиндоштанд.*
- *Донишманд аз норасоиҳои худ хиҷолат намояд, лек аз ислоҳи онҳо ор накунад.*
- *Ба оқил оромӣ, ба саховатманд ғамхорӣ ва ба диловар ҷасорат ҳамроҳ бошад.*
- *Шахсони бохирад бо атрофиён дар мадоро зиндагӣ кунанд, аммо ба онҳо пайравӣ накунанд. Касони беҳиммат бо дигарон нифоқ кунанд, лекин бо онҳо пайравӣ намоянд.*
- *Ростгорӣ ҳамаро дӯстдори худ гардонад. Дурӯғ афродро аз худ дур созад.*
- *Хомӯшӣ дӯсти содиқ аст ва ҳеҷ гоҳ хиёнат накунад.*
- *Ислоҳ накардани хатоҳои гузашта иштибоҳи сахттарин аст.*
- *Дарк кардани инсон (яъне ботини ӯ) кори мушкил бувад.*
- *Қалби инсони бовиҷдон ором бошад. Шахси бевиҷдон доимо дар изтироб бошад.*
- *Сарват ва шӯҳратро бо меҳнати софдилона бояд ба даст овард.*
- *Се чиз ҳаргиз барнагардад: вақти гузашта, сухани гуфта ва имконият. Вақтро набояд беҳуда сарф кард, бо андеша бояд сухан гуфт ва набояд имкониятро аз даст дод.*
- *Касе моҳияти ҳаётро надонад, маънии маргро ҳам дарк накунад.*
- *Сухан бояд бо мазмун бошад, вагарна он чизи бефоида аст.*
- *Инсонро се рафтор - дурандешӣ, ибратгирӣ ва таҷрибаандӯзӣ бохирад намояд.*
- *Донишро қатра-қатра ҷамъ мекунем ва онро мисли дарё ба одамон медиҳем.*

- *Марди бузург нисбати худ сахтгир аст, марди кӯчак нисбат ба дигарон.*
- *Касе, ки ба одамон хайр мекунад, ба худ низ нафъ меоварад.*
- *Агар шоҳ одил бошад, корҳо бидуни фармони ӯ иҷро шаванд. Лек, шоҳ беадл бошад, новобаста бо фармони бисёр, одамон ба ӯ итоат накунад.*
- *Шахси бузург на он шахсест, ки ҳеҷ гоҳ мағлуб нашудааст, балки онест, ки пас аз мағлубият боз пирӯз гаштааст.*
- *Хислатҳои табиӣ одамонро ба ҳам оваранд, аммо одатҳо онҳоро ҷудо созанд.*
- *Нафси зиёд инсонро ба ваҳшигӣ ва дониши зиёд ӯро ба доноӣ мебарад. Тавозуни нафс ва дониш бошад, инсонро ба камол мерасонад.*
- *Маҳзун намешавам, агар одамон манро нафаҳманд, лек маҳзун мешавам агар одамонро ман нафаҳмам.*
- *Ҷое, ки раҳму шафқат ҳукмрон аст, макони зебост.*
- *Бахт он аст, ки шуморо дарк намоянд, бахти азим он аст, ки шуморо дӯст доранд ва бахти ҳақиқӣ дар он аст, ки шумо одамонро дӯст доред.*
- *Дар хона падару модар ва берун аз он калонсолонро ҳурмат кунед.*
- *Бо волидайн бо ҳалимӣ муносибат намоед ва дар ҳама ҳолат ҳурматро нигоҳ доред. Аз онҳо ҳарчанд хаста шавед, ҳам ғавғо набардоред. Хушнудии волидайн сабаби комёбиҳои фарзанд мебошанд.*
- *Касбро аз самими қалб интихоб намоед, он гоҳ шумо дар ҳаётатон ягон рӯз меҳнат намекунед.*
- *Ба некӣ бо накӯӣ ҷавоб диҳед, ба бадӣ бошад бо адолат.*
- *Ранҷишро фаромӯш кунед, аммо некиро аз хотир набароред.*
- *Касе шуморо озор додан хоҳад, донед, ки вай худ озурда аст.*
- *Дар фикрронӣ покиза бошед. Зеро, аз он амалҳои тоза бароянд.*

- *Гузаштаро биомӯзед, то ки ояндаро кашф созед.*
- *Ростгӯ бошед ва одамонро дӯст доред.*
- *Хизмат ба Ватан, қарзи мард аст.*
- *Мунтаззам илм омӯзед ва некӣ карданро ёд гиред.*

Ғояҳои Конфутсий бо номи «конфутсия» маълум гаштаанд. Конфутсия таълимоти сиёсӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва динӣ буда, асоси онро «жен» – одамият ташкил медиҳад. Мувофиқи он, инсон танҳо бо муҳаббат ба зиндагии шоиста ноил шуда метавонад. Яке аз принсипҳои конфутсия "он чизе, ки ба худ намехоҳӣ, ба дигарон низ махоҳ" мебошад.

Дар маркази таълимоти конфутсия инсон қарор дорад. Худшиносии инсон ба воситаи одоби ӯ инъикос ёфта, он бо шинохтани некӣ ва бадӣ алоқаманд аст. Шикастанафсӣ ва накӯӣ асоси гуманизми конфутсияро ташкил медиҳанд. Конфутсия 2500 сол инҷониб устоди маънавии мардуми Чин мебошад. Ҳоло беш аз 300 млн. чиниён ба конфутсия пайравӣ мекунанд. Ин таълимот дар Корея, Ҷопун, Тайван ва дигар кишварҳо низ эътиқодмандони зиёди худро дорад. Конфутсия чун дастоварди фарҳангӣ дар садсолаи охир дар ҷаҳон маъруф гаштааст. Конфутсий яке муаллимони барҷастаи илми ахлоқ аст ва ақидаҳои ӯ дар тарбияи инсон аҳамияти хоса доранд.

**Демокрит Абдерагӣ** (V-IV т.м.) файласуф - материалисти намоёни юнонӣ буда, дар шаҳри Абдера ба дунё омадааст. Демокрит ба Миср, Бобулистон, Форс, Ҳиндустон, Эфиопия саёҳатҳо карда, бо ақидаҳои фалсафии халқҳои дунё ошно шудааст. Барои мероси падарро ба сафар сарф карданаш, ӯро ба суд мекашанд. Демокрит дар суд аз асараш "Олами азимбунёд" («Великий мирострой») порчаҳо қироат мекунад. Ҳамватанонаш беҳуда нарафтани меросро дарк намуда, Демокритро сафед мекунанд. Зиндагии ин олим ғалатӣ буд: аз шаҳр берун рафта, ба андешаҳо фурӯ мерафт ва гоҳо дар қабристонҳо пинҳон мешуд. Баъзан бе

сабаб механдид ва ӯро “файласуфи хандон” меномиданд. Ҳатто вайро девона пиндошта, табиби машҳур Буқротро даъват мекунанд. Табиб олимро руҳан ва ҷисман солим эътироф карда, қайд менамояд, ки Демокрит хирадмандтарин шахс мебошад, ки вай дар ҳаёти худ мулоқот кардааст. Демокрит 104 сол умр дидааст.

Аз рӯи маълумоти таърихӣ Демокрит муаллифи 70 асар мебошад. Аммо, онҳо то имрӯз маҳфуз намондаанд. Диоген Лаэртӣ асарҳои зерини Демокритро номбар кардааст: “Дар бораи ҳолати руҳии донишманд” («О душевном расположении мудреца»),“Дар бораи накӯкорӣ” («О добродетели»), “Дар бораи сайёраҳо”(«О планетах»), “Дар бораи эҳсосот” («О чувствах»), “Дар бораи тафовути шакл” («О разнице форм»),“Дар бораи лаззатҳо” («О вкусах»), “Дар бораи рангҳо” («О цветах»), “Дар бораи тафаккур” («Об уме»), “Дар бораи мантиқ ё қонунҳои дин”(«О логике или канонах»), “Сабабҳои пайдоиши ҳодисаҳои кайҳонӣ” («Причины небесных явлений»), “Сабабҳои ҳодисаҳои самовӣ” («Причины воздушных явлений»), “Сабабҳои ҳодисаҳои заминӣ” («Причины наземных явлений»), “Сабабҳои пайдоиши оташ ва ҳодисоти оташӣ” («Причины огня и огненных явлений»), “Сабабҳои пайдоиши овозҳо” («Причины звуков»), “Сабабҳои пайдоиши тухмҳо, рустаниҳо ва ҳосилҳо” («Причины семян, растений и плодов»), “Сабабҳои пайдоиши мавҷудоти зинда” («Причины живых существ»), “Дар бораи ҳамшафатии масоҳати доирашакл ва куррашакл” («О соприкосновении круга и шара»), “Дар бораи ҳандаса” («О геометрии»), “Дар бораи раҳҳо ва ҷисмҳои ақлнопазир” («Об иррациональных линиях и телах»), “Ададҳо”(«Числа»), “Проектҳо” («Проекции»), “Соли тавоно” («Большой год»), “Тавсифи само” («Описание неба»), “Тавсифи замин” («Описание земли»), “Тавсифи қутбҳо” («Описание полюсов»), “Тавсифи нурҳо”

(«Описание лучей»),"Дар бораи усулҳо ва ҳармония" («О ритмах и гармонии»), "Дар бораи наср"(«О поэзии»), "Дар бораи ҷазобияти шеърҳо" («О красоте стихов»), "Дар бораи мусиқӣ" («О пении»), "Илми тиб" («Врачебная наука»), "Дар бораи парҳезкорӣ" («О диете»), "Дар бораи рассомӣ" («О живописи»), "Дар бораи зироаткорӣ" («Земледелие»), "Дар бораи соҳаи ҳарбӣ", «О военном строе» ва ғайра.

Демокрит яке аз асосгузорони назарияи атом мебошад. Вай бо Суқрот ва Анаксагор қаробат дошт. Демокрит дар ақидаҳои фалсафӣ-ахлоқии худ ба масъалаи инсон эътибор дода, мафҳуми умумиэлинии ахлоқ - "меъёр"-ро инкишоф медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки меъёр мувофиқ омадани рафтори инсон бо имконият ва қобилиятҳои табиии вай мебошад. Демокрит хушҳолии инсонро дар қаноатмандӣ ва шукргузорӣ мебинад ва надоштани донишро сабаби бадбахтӣ меҳисобад. Олим ба хулоса меояд, ки дар натиҷаи ҳосил кардани дониш мушкилот ҳалли худро меёбад, яъне ҳикмат воситаи дарёфти саодат аст. Ӯ дар фалсафаи некбинонаи худ бадиро ҳолати мутлақ ё абсолютӣ намешуморад.

Демокрит доир ба ахлоқ чунин гуфтааст: *«Саодат мақсади асосии инсон буда, он ба воситаи накӯкорӣ, накӯкорӣ бошад ба воситаи тарбия ба даст оварда мешавад. Асоси саодат - ахлоқ ва ҳикмат аст».*

**Суқрот** (V-IV т.м.) мутафаккир, ҷанговари ватандӯст ва нотиқи машҳури юнонӣ мебошад. Суқрот дар оилаи ҳайкалтарош ба дунё омадааст. Ӯ дар давраи бачагиаш аз омӯзгорон навиштан ва хонданро меомӯзад. Суқрот бо Ксантип ном зан издивоҷ карда, онҳо соҳиби якчанд фарзанд мегарданд. Олим ҳаёти хоксорона дошт ва кару фарро дӯст намедошт.

Нависанда ва таърихнигори Юнони қадим Ксенофон

дар асараш “Хотираҳо дар бораи Суқрот” навиштааст, ки одамон на барои суханвариро омӯхтан, балки накӯкориро омӯхтан, яъне барои накӯ иҷро кардани ӯҳдадории худ нисбати аҳли оила, хешовандон, дӯстон, ватан ва ҳамватанон аз Суқрот панд мегирифтанд.

Ба ақидаи Суқрот, танҳо шахсони некахлоқ давлатро идора карда метавонанд. Вай барои ҳақиқатро ҳифз кардан дар ҳаёти ҷамъиятии Афина фаъолона иштирок мекард, баҳри барқарор кардани адолат мубориза мебурд ва аз сохти ғуломдорӣ безор буд. Суқрот роҳнамои сиёсатмадор ва сипаҳсолори Афина Алкивиад буда, дар майдони ҷанг ҳаёти вайро аз марг наҷот додааст. Пас аз пошхӯрии ҳокимияти Алкивиад, Суқротро ба худоёни юнонӣ эътиқод накарданаш гунаҳкор мекунанд. Аз сабаби шаҳрванди озоди Афина буданаш вайро ба қатл (аз дасти ҷаллод) маҳкум намекунанд. Ӯ маҷбуран заҳр нӯшида, ҳалок мешавад.

Суқрот ягон асар наофаридааст ва ақидаҳои илмии худро шифоҳӣ боқӣ гузоштааст, ки онҳоро шогирдони ӯ Афлотун, Каллий, Телеклид, Эвполид, Амейпсий, Аристофан ва Арасту дар китобҳояшон навиштаанд. Суқрот аввалин олими файласуф дар таърихи илми фалсафа мебошад. Ӯ дар фалсафа ва ахлоқ одамият, яъне гуманизмро асос гузошт. Суқрот якчанд масъалаҳо, ба монанди накӯкорӣ, адолат, моҳияти ҳаёт, нисбӣ будани дониш ва гайраро ба илм дохил кардааст. Ба ақидаи ӯ, мақсад аз офариниши кулли ҳастӣ инсон аст. Ҳадафи маънавиёти инсон дарёфтани некӣ, зебоӣ, саодат мебошад. Накӯкорӣ аз дониш бармеояд ва инсони некомӯз ҳаргиз амали бад карда наметавонад. Зеро, некӣ ин худ дониш аст ва танҳо ақли солим инсониятро накӯкор карда метавонад.

Суқрот дар ахлоқ принсипи мулоҳизакориро инкишоф дод. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон ба садои қалб, ки бо илоҳиёт пайваста аст, бояд гӯш андозад ва он барои

ҳақиқатро дарк кардан кӯмак мерасонад. Ба ақидаи олим бунёди накӯкорӣ дар идора кардани нафс аст ва ӯ чунин мегӯяд: «Инсони бохирад саодатманд шуда метавонад. Вазифаи этика ташаккул додани хислатҳои неки одамӣ аст. Этика барои ба саодат ноил шудани инсон бояд кӯмак расонад. Накӯкорӣ ба воситаи маърифат ҳосил шуда, маърифат худ накӯкорӣ аст, ки он дар худидоракунӣ, адолат ва мардонагӣ зоҳир мегардад».

Аз Суқрот ҳикматҳои зиёд боқӣ мондаанд.

- *Худро бишнос.*
- *Накӯӣ - дониш аст.*
- *Дониш - ганҷ ва иззат аст.*
- *Зиндагӣ машқи мурдан аст.*
- *Шарм пероям беҳтарин аст.*
- *Бадиро ягон инсон намепазирад.*
- *Хулқи бад душмани бадтарин аст.*
- *Ҳеҷ кас бо иродаи худ бадӣ намекунад.*
- *Андозаро нигоҳ дор ва аз ҳад нагузарон.*
- *Мардонагӣ ва адолат асоси одамӣ аст.*
- *Ҳақиқат ва накӯкорӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд.*
- *Дониш манбаи накӯкорӣ ва нодонӣ боиси беахлоқиҳо аст.*
- *Ман ҳаминро медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам ва дигарон инро ҳам намедонанд.*

**Афлотун** (V- IV т.м.) файласуфи юнонӣ буда, дар Афина дар оилаи ашроф ба дунё омадааст. Маънои калимаи «Платон ё Афлотун» «васеъ» мебошад, яъне Афлотун комати баланду китфҳои васеъ дошт. Устодаш Суқрот чунин номро ба ӯ гузошта буд. Номи аслии Афлотун Аристокл буд. Афлотун бо номи "Академия" мактаб таъсис дод. Пайдоиши мафҳуми "академия" бо мактаби Афлотун алоқаманд аст. Марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳоло дар ҷаҳон академия номида мешаванд.

Афлотун дар асарҳояш «Нафс», «Сиёсат», «Ҷумҳурият»,

«Қонунгузорӣ», «Дифои Сукрот», «Давлат», «Георгий», «Теэтет», «Федон» ақидаҳои ахлоқии худро баён карда, дар бораи тозагии қалб, аз лаззатҳои дунявӣ озод ва аз орзуву ҳавасҳо дур буданро таъкид менамояд. Афлотун ба тартиб даровардани эҳсосот ва ба розигии Худо равона кардани тамоми нерӯро вазифаи инсон меҳисобад. Ба ақидаи ӯ моҳияти ҳаёт дар абадияти рух аст. Зебоиҳои олам ва накӯкориҳои одамон аз зебоӣ ва накӯии ҷузъ маншаъ мегиранд. Вазифаи давлат тарбия кардани одамон аз рӯи қобилияти онҳо мебошад. Давлат бояд зебоӣ ва ҳақиқатро муттаҳид созад. Нуқтаи олии ахлоқ саодат аст.

Афлотун чунин пандҳоро гуфтааст:

- *Худо дар худи мост.*
- *Худо - манбаи ахлоқ аст.*
- *Забони ҳақиқат одӣ аст.*
- *Ин дунё сояи олами дигар аст.*
- *Ҳақиқат дар дунёи дигар вуҷуд дорад.*
- *Беҷазо мондани ҷинояткор беадолатист.*
- *Худо кайҳонро бо некӯтарин ваҷҳ офаридааст.*

**Арасту** (IV т.м.) дар оилаи табиби дарбори шоҳи Мақдуния ба дунё омадааст. Дар синни 17-солагӣ ба Академияи Афлотун дохил шуда, дар он 20 сол, аввал чун шогирд, сипас ҳамчун устод фаъолият бурдааст. Пас аз вафоти устодаш Афлотун шаҳри Афинаро тарк карда, ба сайёҳат баромад ва сониян устоди Искандари Мақдунӣ гардид. Соли 335 т.м. дар шаҳри Ликей муассисаи илмӣ - Перипата (калимаи юнонӣ буда, маъноаш «сайру гашт») ё мактаби машшоияро таъсис дод. Машшоъ - калимаи арабӣ буда, маъноаш «сайру гашт» мебошад. Арасту баъди вафоти шогирдаш Искандар ба таъқиб дучор шуд ва Афинаро тарк кард. Ӯ ба боғи худ, ки дар ҷазираи Эвбей воқеъ гардида буд, фирор карда, пас аз муддати кӯтоҳ оламро падруд намуд.



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Анбор № 118932

Арасту аз худ осори бойи маънавӣ боқӣ гузоштааст. Ӯ муаллифи асарҳои «Равоншиносӣ», «Мобаъдуттабиа», «Сиёсат», «Балоғат» ва «Бутиқо» (Шеърият) мебошад. Арасту низ чаҳор унсур - об, ҳаво, оташ ва хокро ҷавҳари ҳастӣ меҳисобад. Ӯ илмро ба пояи баланд бардошта, онро ба 4 гурӯҳ ҷудо кардааст:

- фалсафаи аввал (илоҳиёт);
- фалсафаи сонӣ (табиатшиносӣ, риёзӣ, равоншиносӣ);
- фалсафаи амалӣ (ахлоқ, маданият, иқтисодиёт, сиёсат);
- фалсафаи тасвирӣ - шеърият, санъат, эҷодиёт.

Арасту ба илми ахлоқ асос гузошта, ба он «этика» ном гузошт, яъне этикаро аз фалсафа ҷудо карда, ба илми мустақил табдил дод. Вай мафҳуми «этика»-ро барои ифодаи хислатҳои нек истифода бурдааст. Асари барҷастаи Арасту «Этика» («Этикаи Никомах» ва ё «Этика Кабир») буда, дар он ахлоқ таҳқиқ карда шудааст. Принсипи асосии этикаи Арасту - амали бохирад ва боэътидол мебошад.

Арасту таълим медиҳад, ки этика - илми махсуси амалӣ дар бораи ахлоқ, ки мақсади он омӯхтани роҳи накӯкорӣ ва саодат аст. Ӯ дар бобати ахлоқ чунин гуфтааст: *«Табиат ба дасти инсон нерӯи тавонои озод ва шахсиро дар ҷабҳаи ахлоқ вогузоштааст, то ки бо иродаи худ дар интихоби нек ва ё бад ин силоҳро истифода барад. Бинобарин, инсон бидуни риояи қоидаҳои ахлоқ ба махлуқи ваҳшӣ, беқадр, ки эҳсосоти ҷинсию ғизогии худро идора карда наметавонад, табдил меёбад».*

Арасту илҳомбахш ва бунёдкори баробарӣ, озодфикрӣ ва демократия буда, дар асараш "Сиёсат" менависад, ки ҳама намуди ғуломдорӣ зидди табиат аст. Ин ақида дар он айём навишта шудааст, ки дар ҳама кунҷи дунё ғуломдорӣ ҳукмрон буд. Арасту олими энсиклопедист буда, дар шарқ бо унвони "муаллим-ул-аввал" машҳур гаштааст. Ҳикматҳои Арасту чунинанд:

- *Оила давлати хурд аст.*
- *Хирад илми аниқтарин аст.*
- *Саодат бо накӯкорӣ алоқаманд аст.*
- *Этика илм дар бораи амали инсон аст.*
- *Инсон на бо эҳсосот, балки бо ақл ба саодат ноил мегардад.*
- *Вазифаи давлат тарбия кардани шаҳрвандони накӯкор аст.*

**Эпикур** (IV – III т.м.) файласуф ва маорифпарвари Юнони қадим буда, дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Эпикур дар ҷазираи Самоси Юнон ба воя расидааст. Шавқу рағбати вай нисбати илм аз 14-солагиаш оғоз ёфтааст. Эпикур дар 18-солагиаш сокини Афина мегардад. Дар 32-солагиаш мактаби фалсафии худро дар боғе таъсис дод, ки дар даромадгоҳи он чунин навишта шуда буд: “Меҳмони арҷманд, шумо дар ин ҷо лаззати бахтро эҳсос менамоед”.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Эпикур дар асари Диоген Лаэртӣ «Дар бораи ҳаёт, таълимот ва пандҳои файласуфон» ва дар асари Лукретсий Кар «Дар бораи табиати ашё» маълумот дода шудааст. Мувофиқи манбаъҳои таърихӣ Эпикур муаллифи беш аз 300 асар мебошад. Аммо то имрӯз аз онҳо баъзе саҳифаҳо боқӣ мондаанд. Ӯ ақидаи атомшиносии Демокритро инкишоф дода, назарияи атомро дар илми физика асос гузоштааст.

Ба ақидаи Эпикур ахлоқ барои қонеъ гардонидани талаботи ҳаётии инсон лозим аст. Худо ба амали инсоният дахолат намекунад ва танҳо ахлоқро ба низом медароварад, накӯкории олӣ ин хирадмандӣ аст, ки дар интихоби он инсон озод аст, бахт наҷот аз бадӣ аст, инсон табиатан аз машаққат раҳо ёфта, ба ҳаловат, оромӣ ва хурсандӣ майл дорад, азоби рӯҳӣ вазнинтар аз азоби ҷисмонӣ аст, омили ҳаёти хушбахтона ин дӯстӣ аст, дӯстона зистан аз рӯи хирад аст.

Ақидаҳои фалсафии Эпикур ҳастишиносӣ, маърифат

ва ахлоқро дарбар мегирад. Вай дар таҳқиқоти худ дар бораи мавҷудияти Худо, моҳияти олам, ҳодисаҳои физикӣ, арзишҳо, ҷомеа ва шахс сухан ронда, ба рушди илми фалсафа саҳм гузоштааст. Ба ақидаи олим хирад ба эҳсосот вобастааст, омӯхтани табиат инсонро аз тарси марг раҳо дода, ба лаззати рӯҳӣ ва ба саодат ноил шудан кӯмак мерасонад.

Эпикур таълим медиҳад, ки ҳаёти инсон аз азобу машаққат, тарсу ҳарос бояд озод бошад ва баръакс дар он аломатҳои хушбахтӣ - осудагӣ, дӯстӣ, қонеияти маънавӣ, эҳсосоти нек ҳукмрон бошанд, то ки ба инкишофи ахлоқ мусоидат намоянд.

Ҳикматҳои Эпикур чунинанд:

- *Худо идеал аст.*
- *Тақдири инсон дар дасти худи ӯст.*
- *Бо хирад мурдан, беҳ аз бехирад зистан.*
- *Инсон натиҷаи инкишофи табиат аст.*
- *Ҳаёти хуб доштан ва марги хуб доштан ин илм аст.*
- *Худо дар байни одамон аст ва ба ҳаёти онҳо мудохила намекунад.*
- *Инсон барои таваллудаш бояд аз худ ва волидайни худ миннатдор бошад.*

Дар аҳди қадим файласуфон Сенека, Аристип, Протагор, Диоген Синоӣ, Антисфен доир ба ахлоқ ақидаҳо баён кардаанд. Дар ин давра, дар достонҳои Ҳомер «Илиада» ва «Одиссея», дар достони Гесиод «Осор ва айём» ахлоқи неки одамӣ ситоиш карда шудаанд.

Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони замони қадим таҳкурсии илми этика буда, онҳо минбаъд ба рушди таълимотҳои ахлоқӣ таъсири худро расониданд.

Дар асрҳои миёна (аз асри V то нимаи асри XVII) дар ҳаёти маънавии Аврупо дини насронӣ ҳукмрон гардид. Дар ин давра ақидаҳои ахлоқӣ хусусияти динӣ гирифта, дар маркази онҳо муҳаббат ба Офаридгор қарор дошт. Муҳаббат

принсипи асосии ахлоқ ба шумор мерафт ва хислатҳои неки одамиро «қоидаҳои тиллоӣ» меномиданд. Файласуфон дар соҳаи илми этика ба саволи «Оё тақдири инсон ба ахлоқи ӯ вобаста аст ва ё ба иродаи Илоҳӣ?» ҷавоби саҳеҳ ҷустуҷӯ карда, андешаҳои хешро дар ин бобат баён карданд.

**Августини Қуддус** (IV-V) файласуфи италиёӣ буда, дар Алҷазоир ба воя расидааст. Ӯ дар асарҳояш «Дар бораи абадияти рӯҳ», «Омурзиш» таълим медиҳад, ки Худованд соҳиби нерӯи тавоност ва ӯ инсонро озод офаридааст. Лекин озодӣ маънои онро надорад, ки инсон аз меъёр гузарад, яъне вай бояд тафаккур ва амалиёти худро ба ризоияти Офаридгор равона созад. Вазифаи инсон риоя кардани қоидаҳои ахлоқ - адолат, ҳикмат, мардонагӣ, накӯкорӣ аст, то ки ба саодат ноил гардад.

**Фомаи Аквинӣ** (XIII) низ файласуфи италиёӣ буда, ақидаҳои ахлоқии худро дар асарҳояш «Маҷмӯаи илоҳиёт», «Маҷмӯаи зидди бутпарастон» баён кардааст. Ӯ иттиҳоди хирад ва эътиқод, дин ва фалсафаро зарур ҳисобида, таъкид мекунад, ки фармоиши Офаридгор дар замин бояд иҷро шавад. Вазифаи илм омӯхтани олам мебошад. Лекин, болотар аз шуури инсон олами дигар вуҷуд дорад, ки он олами ҳақиқат буда, тафаккури инсон аз омӯхтани он оҷиз аст. Бинобарин, фалсафа бояд ба дин хизмат кунад, чунки ҳақиқат ба воситаи хирад ба даст оварда мешавад. Ахлоқи намунавӣ гарави саодат аст. Саодати олӣ - илоҳиёт, яъне шинохтани Худо буда, инсон танҳо ба воситаи ахлоқи накӯ ва ҳикмат ба он ноил мегардад. Асоси озодии инсон хирад аст.

**Пейер Абеляр** (XI-XII) файласуф ва адиби фаронсавӣ мебошад. Абеляр фарзанди заминдори калон буд, аммо ӯ аз мероси падар даст кашида, ҳаёти худро ба илм бахшид. Дар асарҳои худ «Этика», «Оре ё На», «Таърихи саргардониҳои ман» ақидаҳои ахлоқии хешро навиштааст. Абеляр хулқи неки инсонро арзиши воло мешуморад. Ба андешаи ӯ,

инсон бо иродаи худ амалҳои нек карда метавонад. Озодии инсон аз бузургии ҳикмати Офаридгор далолат медиҳад ва ҳар як шахс дар назди ӯ барои рафтори худ ҷавобгар аст.

Калисо ақидаҳои Абелярро маҳкум намуда, асарҳои ӯро сӯзонид.

**Мишел Монтен** (XVI) низ файласуфи фаронсавӣ буда, дар асари худ «Таҷрибаҳо» чунин ақидаҳо иброз намудааст: рушди ахлоқӣ - рушди ҳақиқии одам аст; шахси боахлоқ ин инсони боандеша аст; ҳамаи хислатҳои нек барои инсон имконпазиранд; ахлоқи одам якранг нест ва он бо олам алоқаманд буда, инсон дар ҷустуҷӯи суди боадолат ва қонуни инсонпарвар аст. Монтен мегӯяд: *«Ман ба худ нигоҳ мекунам ва дар он шарм ва беҳаёгӣ, доноӣ ва нодонӣ, сукут ва пургӯӣ, меҳнатдӯстӣ ва танбалӣ, накӯкорӣ ва фиребгарӣ, сахигӣ ва бахилӣ ва ғайраро мебинам, ки дар ҳар инсон ин хислатҳои ба ҳам зидро дидан мумкин аст. Аз ин рӯ, ман дар бораи шахсияти худ хулосаи аниқ ва асоснок гуфта наметавонам».*

Дар асрҳои миёна таълимотҳои гуногуни ахлоқӣ вуҷуд доштанд. Мутафаккирони ин давр барои омӯхтани моҳияти ахлоқ кӯшиш кардаанд.

Дар давраи Эҳё (XIV-XVI) идеологияи гуманизм пайдор гардид. Дар маркази ақидаҳои ахлоқӣ инсон қарор дошт. Тибқи онҳо, инсон офаридаи Худованди Бузург мебошад, одам ҷисман нобуд мегардад, лекин рӯҳи вай абадӣ зинда аст, тавассути ахлоқ рӯҳоният ва қувваи эҷодии инсон ташаккул мeёбад, ахлоқ воситаи шинохтани одам ва амалишавии нерӯ ва имкониятҳои ботинии инсон мебошад. Дар давраи Эҳё ҳамаи комёбиҳои фарҳангӣ ба нафъи инсоният нигаронида мешаванд. Бори аввал анъанаҳои беҳтарини тамаддуни давраи антиқа, ки асоси онҳо одамият буд, дар давраи Эҳё барқарор карда шуданд.

**Ҷордано Бруно** (XVI) олим-нуҷумшиноси забардасти итолиёӣ буда, асари «Дар бораи бепоёнии кайҳон ва оламҳо»-

ро навиштааст. Бруно оид ба ахлоқ ақидаҳо баён карда, шахсеро, ки фаъолияти худро ба манфиати ҷомеа мебахшад, инсони боахлоқ меномад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсони комил доимо ба навоварӣ ва амалҳои пешқадам кӯшиш мекунад, шахс бояд худ ва атрофи хешро такмил диҳад, ахлоқи нек дар муҳаббати одам зоҳир мегардад ва он дар ягонагии руҳӣ ва ҷисмии шахс ба амал меояд, инсони бомуҳаббат шахси бунёдкор ва ҷасур буда, меҳри ӯ дар амалҳои нек зоҳир мегардад, хизмат ба ҷомеа корнамоии одами боахлоқ аст.

Дар давраи нав (XVII-XIX) ба рушди илми этика маорифпарварони фаронсавӣ Волтер, Монтескё, Руссо, Дидро, Ламетри, Голбах, Гелветсий ва дигарон саҳми босазо гузоштанд. Онҳо бо ақидаҳои худ баҳри саодати инсон мубориза бурда, таъкид мекарданд, ки озодӣ бо хирад, маърифат ва накӯкорӣ алоқаманд аст ва барои беҳбудии ҳаёт неъматҳои моддӣ байни аҳли ҷомеа бояд баробар тақсим карда шаванд. Маорифпарварони франсавӣ манфиатҷӯии инсонро нишондиҳандаи ахлоқи шахс мешуморанд.

**Клод Адриан Гелветсий** (XVIII) идеологи инқилоби буржуазии Фаронса мебошад. Вай дар асарҳояш «Дар бораи хирад», «Дар бораи қобилиятҳои ақлонӣ ва тарбияи инсон» менависад, ки накӯкорӣ - кӯшиш ба саодат аст, накӯкорие, ки бо манфиати умум алоқаманд аст ин адолат - асоси ҳаёти инсон ва ҷомеа мебошад, аз ин рӯ, давлат бояд адолатро қонунӣ гардонад, сиёсате, ки ба саодати инсон равона карда шудааст, ба ахлоқ хизмат мекунад.

**Поль Анри Голбах** (XVIII) низ идеологи инқилоби буржуазии Фаронса мебошад. Ӯ дар асарҳояш «Асоси ахлоқи умумибашарӣ», «Низоми иҷтимоӣ» қайд менамояд, ки инсон ва талаботи вай асоси ахлоқро ташкил медиҳанд. Ба ақидаи Голбах хирадмандӣ, тавоноӣ, адолат, фаъолияти манфиатбахш хусусиятҳои ахлоқ мебошанд, тарбия ва омӯзиш, ҷорӣ кардани қонунҳои одилона, ба вуҷуд овардани

шароити беҳтарини зист пояи ҷомеаи адолатпешаанд, неру ва ахлоқи инсон бо баробари дониши ӯ рушд меёбанд.

Асарҳои Голбах бар зидди истисмори сохти феодалӣ - динӣ ва сармоядорӣ равона шуда буданд. Ақидаҳои Голбах минбаъд асоси таълимоти сотсиализми хаёлӣ гардиданд.

**Томас Гоббс** (XVI-XVII) мутафаккири англис мебошад. Ӯ дар ақидаҳои ахлоқии худ ба олами ботинии инсон назар карда, қадр ва эҳтиромро чизи бебаҳо меҳисобад. Ба ақидаи Гоббс, ахлоқ - маҷмӯаи муносибатҳои ҳақиқӣ, ки ба манфиати одамон барқарор шуданд. Ӯ дар асараш «Левиафан» навиштааст, ки вазифаи давлат таъмин кардани осудагии шаҳрвандон ва ҳимоя кардани шаъну шарафи онҳо мебошад.

**Бенидикт Спиноза** (XVII) файласуфи нидерландӣ буда, муаллифи асарҳои "Ахлоқ", "Рисолаи сиёсӣ" ва "Рисолаи илоҳӣ - сиёсӣ" мебошад. Спиноза дар ақидаҳои ахлоқии худ дар бораи ҳуқуқҳои табиии инсон сухан меронад ва вазифаи давлатро дар таъмини озодӣ ва бехатарии одамон мебинад.

Намояндагони фалсафаи классикии Олмон И.Кант, Ф.Гегел ва Л.Фейербах низ доир ба ахлоқ андешаҳои худро иброз кардаанд.

**Иммануил Кант** (1724 -1804) файласуф, табиатшинос ва кайҳоншиноси немис мебошад. Кант дар асарҳояш "Нақди хиради ноб" ва "Нақди хиради амалӣ" доир ба маърифат (гносеология), ахлоқ (этика) ва зебоишиносӣ (эстетика) таҳқиқот ба анҷом расонидааст. Ӯ хусусияти ахлоқи инсонро худмухтор, яъне озод муайян кардааст. Ба ақидаи Кант, хирад ва илм бояд баҳри беҳбудии ҳаёти иҷтимоӣ хидмат намоянд, ба воситаи таълими илм ва рушди ахлоқ озодӣ ва тараққиёти ҷомеа ба даст оварда мешавад, ахлоқ яке аз шохаҳои озодист, ки иродаи он ба худи одам вобастааст, этика ба инсон роҳи ба саодат ноил шуданро не, балки роҳи ба саодат лоиқ шуданро меомӯзонад, ахлоқ ба инсон аз тарафи табиат ато нашудааст, балки дар натиҷаи барҳам додани

худбинӣ дар одам пайдо шудааст, инсон дар натиҷаи рушди ахлоқӣ ба абадияти руҳӣ муваффақ мешавад.

**Фридрих Гегел** (1770 - 1831) дар рушди таълимоти диалектика саҳми худро гузошта, доир ба илми фалсафа "Фалсафаи дин", "Фалсафаи таърих", "Фалсафаи ҳуқуқ", "Фарҳанги илмҳои фалсафӣ", "Илми мантиқ" ва "Падидашиносии рӯҳ" - ро навиштааст. Ӯ бори аввал ахлоқ ва одобро ҳамчун мафҳумҳои алоҳида эзоҳ додааст. Гегел дар фалсафаи худ зиддияти дохилиро сабаби инкишоф мепиндорад. Ӯ таълим медиҳад, ки ахлоқ ин муносибат байни оила, ҷомеа ва давлат мебошад, рушди объективонаи ахлоқ ба муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва динӣ вобастааст, ахлоқ нерӯи пешбарандаи ҷомеа аст, озодии ахлоқӣ зарурати эътирофшудаи таърихист, озодии шахсӣ ба озодии умум, яъне давлат вобастааст, барои инсон чизи бебаҳо ин ҳаёти шахсии ӯст, ахлоқ - худидоракунии дохилии инсон, ки барои амалишавии накӯкорӣ ва иҷрои ӯҳдадорӣ равона карда шудааст, ахлоқ шохаи озодии ҳақиқӣ буда, ба воситаи он инсон ба некӣ ва поквиҷдонӣ майл карда метавонад.

Гегел оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро макони пайдоиш ва рушди ахлоқ меҳисобад. Ӯ инчунин дар бораи аҳамияти никоҳ ва оила мулоҳизаҳои худро баён кардааст.

**Людвиг Фейербах** (1804 -1842) доир ба илми фалсафа асарҳои "Моҳияти дини масеҳӣ", "Асосҳои фалсафаи оянда" - ро навиштааст. Вай дар фалсафаи худ ба инсоншиносӣ таваҷҷуҳ медиҳад. Фейербах масъалаҳои ахлоқро таҳлил карда, қайд мекунад, ки кӯшиш ба саодат қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи инсон буда, он танҳо дар натиҷаи ваҳдату иттиҳоди одамон имконпазир аст.

Доир ба ахлоқ мутафаккирони давраи нав Томас Ҷефферсон, Сен-Симон, Шарл Фурье, Роберт Оуэн ва Томас Пейн низ ақидаҳо баён намудаанд. Дар замони нав нووбаста аз шаклҳои гуногуни ахлоқ илми этика рушд ёфта, чун давраҳои пешина, асоси он аз гуманизм иборат буд.

# АҚИДАҲОИ АХЛОҚИИ ХАЛҚИ ФОРСУ ТОҶИК

Дар асрҳои миёна дини ислом асоси ҳаёти маънавии аксарият халқҳо ва давлатҳои шарқ гардида буд. Дар зери ҷаҳонбинии ислом ҳама ҷабҳаҳои фарҳанг, аз ҷумла илми ахлоқ низ нашъунамо ёфтааст. Дар ин давра симоҳои намоёни илм ва адаб ҳаёт ва фаъолият бурда, аз худ мероси пурғановат боқӣ гузоштанд, ки мабдаи онҳо аз ахлоқ иборат аст.

Бузургони форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941), Абулқосим Фирдавсӣ (932-1020), Абӯнасри Фороби (873-951), Абубукри Розӣ (865-935), Абӯалӣ ибни Сино (980-1037), Носири Хусрав (1004-1088), Абӯалӣ Ҳасаи ибни Алии Тусӣ - Низоулмулк (1017-1092), Умари Хайём (1048-1131), Унсурмаолии Кайковус (XI), Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111), Ҳаким Саноӣ (1079-1140), Низоми Ганчавӣ (1141-1209), Фаридаддини Аттор (1145-1221), Носируддини Тӯсӣ (1201-1273), Саъдии Шерозӣ (1203-1305), Ҳофизи Шерозӣ (XIII-XIV), Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ (1207-1273), Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325), Мирсаидалии Ҳамадонӣ (1314-1386), Убайди Зоконӣ (1270-1371), Камоли Хуҷандӣ (1321-1400), Абдурраҳмони Ҷомӣ (XIV-XV), Бадриддини Ҳилолӣ (1470-1529), Камолиддин Биноӣ (XVI), Зайниддини Восифӣ (1485-1551), Ҳусайн Воизи Кошифӣ (XV-XVI), Абдурраҳмони Мушфиқӣ (1525-1588), Соиби Табрезӣ (1603-1677), Зебуннисо (1639-1702), Абулқодири Бедили Деҳлавӣ (1644-1721), Муҳаммадшарифи Гулханӣ (1770-1822), Мирзосодиқи Муншӣ (1758-1819), Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ (1780-1843), Сайидои Насафӣ (XVII-XVIII), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1818-1894), Мирзо

Ҳабибуллоҳи Қоонӣ (1808-1854), Абдулқодирхоҷаи Савдо (1823-1873), Аҳмади Дониш (1826-1897), Шамсуддини Шоҳин (1859-1894), Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902) ва дигарон бо ақидаҳои ахлоқии худ машҳур гаштанд.

«Синбоднома»-и Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Зафарнома» ва «Донишнома»-и Сино, «Ақлнома»-и Саноӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Иқболнома» ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тусӣ, «Кимёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Панднома» ва «Хусравнома»-и Фариддадини Аттор, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Комде ва Мадан»-и Абдулқодири Бедил, «Ҳайвонотнома»-и Сайи- дои Насафӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Соқинома»-и Абдурраҳмони Мушфиқӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра ба ахлоқ бахшида шудаанд.

Китобҳои номбурда асарҳои илмию ахлоқӣ ва бадеиву ахлоқӣ буда, дар онҳо хулқи нек ситоиш ва тарғиб карда шудааст. Бузургони ниёгон ғояҳои худро бештар дар шакли назм боқӣ гузошта, дар борaи бохирадӣ, некӯкорӣ, додгустарӣ, суханварӣ, босабрӣ, дӯстӣ, ишқу муҳаббат, шарму ҳаё, моҳияти ҳаёт ва ғайра пандҳои воло гуфтаанд. Мутафаккирони форсу тоҷик устодони илми ахлоқ мебошанд. Онҳо моҳияти ахлоқро таҳқиқ намуда, ақидаҳои худро дар ин бобат китобат кардаанд.

# АНДАР ОДОБИ НАКӮ

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

*Рӯдакӣ*

Хоҳӣ бошад қалби ту чун ойина,
Даҳ чиз бурун кун аз даруни сина:
Ҳирсу ҳасаду бухлу дурӯғу ғайбат,
Кибру ғуруру рашку риёву кина.

*Аттор*

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ адаб харӣ арзон аст,
Аз беадабӣ кас, ки ба мақсад нарасад,
Зеро адаб тоҷи сари мардон аст.

*Ҷомӣ*

Такаббур сарбаландонро кунад паст,
Тавозӯъ зердастонро забардаст.
Тавозӯъ кун, ки ёбӣ арҷмандӣ,
Фурӯтан шав, ки бинӣ сарбаландӣ.

*Ҳилолӣ*

Ибодат ба ҷузъ хидмати халқ нест,
Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.

*Саъдӣ*

Адаб тоҷест, аз нури илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав, ҳар ҷо ки хоҳӣ.

*Румӣ*

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.

*Фирдавсӣ*

Гар ба олам обрӯ мебоядат,
Доимо хулқи накӯ мебоядат.

*Аттор*

Дил ба даст овар, ки Ҳаҷҷи Акбар аст,
Як дил аз сад Ҳаҷҷи Акбар беҳтар аст.

*Кошифӣ*

Нахуст одамиситатӣ пешакун,
Пас он гаҳ малакхӯӣ андеша кун.

*Саъдӣ*

Ҳофизо, илму адаб варз, ки дар маҷлиси шоҳ,
Ҳар киро нест адаб, лоиқи сӯҳбат набувад.

*Ҳофиз*

Адаб бар рӯи ҳар шахс нигаҳ дор,
Касеро аз касе камтар мапиндор.

*Роғиби Самарқандӣ*

Чун во намекунӣ гиреҳе, худ гиреҳ мабош,
Абрӯкушода бош, чу дастат кушода нест.

*Соиб*

То битавонӣ ранҷа магардон касро,
Бар хашми хеш маншон касро.
Гар роҳати ҷовид тамаъ медорӣ,
Меранҷ ҳамешаву маранҷон касро.

*Хайём*

Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй,
Дил аз тирагиҳо бад ин об шӯй.

*Фирдавсӣ*

Кардам аз ақл суоле, ки бигӯ имон чист?
Ақл дар гӯши дилам гуфт, ки имон адаб аст.
Чашм бикшову бубин ҷумла Каломуллоҳро,
Оят-оят ҳама маънии Қуръон адаб аст.

*Румӣ*

Салом дон, ки бошад калиди адаб,
Такаббуру тундӣ ба монанди шаб.

*Саъдӣ*

## Дар бораи хирад

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад раҳнамову хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.

*Фирдавсӣ*

Хирадро ба имону ҳикмат бипарвар,
Ки фарзанди худро чунин гуфт Луқмон.

*Носири Хусрав*

Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан,
Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.

*Ҳилолӣ*

Ҳар ки дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.

*Аттор*

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

*Румӣ*

Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи худ реш.

*Фирдавсӣ*

Хирадманд бошад талабгори илм,
Ки гарм аст пайваста бозори илм.

*Саъдӣ*

Обод аз ақл гашт гардун,
В-озод ба ақл гашт Луқмон.

*Носири Хусрав*

## Дар бораи некӣ ва бадӣ

Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
Не бад-он чашм, ки андар ӯ нигарӣ,
Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз то бад он бигзарӣ.

*Рӯдакӣ*

Ба некӣ гиройу маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.

*Фирдавсӣ*

Накӯӣ кун, агар туро дастрас аст,
К- ин олам ёдгори бисёр кас аст.

*Саноӣ*

Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣкӯш в-он гаҳ дар амон бош.
*Носири Хусрав*

Неку бад ҳар ду тавон кард, валекин бешак,
Нек душвор кардану бадӣ сахт осон.
*Фаррухӣ*

Он чи мақсуди одамизод аст,
Номи нек асту он дигар бод аст.
*Деҳлавӣ*

Нек бошию бад гӯядхалқ,
Беҳ, ки бад бошию некат донанд.
*Саъдӣ*

То тавонӣ ҳеҷ касро бад магӯй,
Пеши мардум айби кас ҳаргиз маҷӯй.
*Аттор*

Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,
Бар кас маписанд, бародари ман.
Гар модари хеш дӯст дорӣ,
Дашном мадеҳ ба модари ман.
*Саъдӣ*

Бо нек ба некӣ бикӯш, зеро
Бад ҷуз ки сазои бад набошад.
*Носири Хусрав*

Хӯи бад бар тан балои ҷон бувад,
Мардуми бадхӯ на аз инсон бувад.
*Аттор*

Сад бор бадӣ кардиву шарми ту наомад,
Некӣ чи бадӣ дошт, ки як бор накардӣ!?

*Саноӣ*

Бад мекунию нек тамаъ медорӣ,
Некӣ набувад сазои бадкирдорӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Хӯи бад дар табиате, ки нишаст,
Наравад то ба вақти марг аз даст.

*Саъдӣ*

Некхоҳӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон сӯҳбат мадор,
Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.

*Ҳофиз*

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад,
Як бад накунад то ба худаш сад нарасад.
Ман неки ту хоҳаму ту хоҳӣ бади ман,
Ту нек набинию ба ман бад нарасад.

*Хайём*

Ростӣ шуғли некбахтон аст,
Ҳар киро ҳаст, некбахт он аст,
Дил зи бахри чӣ дар качӣ бастӣ?
Ростӣ пеша кун, зи ғам растӣ.

*Саноӣ*

Гар ҳамехоҳӣ, ки гӯяндат накӯ,
Эй бародар ҳеҷ касро бад магӯ.

*Аттор*

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад.
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.

*Рӯдакӣ*

Дар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки ҷузъ накӯии аҳли карам нахоҳад монд.

*Ҳофиз*

## Дар бораи ишқу муҳаббат

Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ, дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ, зи баҳри ҳеҷ, бар ҳеҷ мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ чӣ мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ.

*Ҳофиз*

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеҷ кас.

*Ҳилолӣ*

Диле, ки ошиқу собир бувад, магар санг аст,
Зи ишқ то ба сабурӣ ҳазор фарсанг аст.

*Саъдӣ*

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.
Гуфтамаш: Дар оби ораз акси рӯятро намо,
Гуфт: Ҳар дам худнамоӣ хуш намеояд маро.

*Камол*

Ишқ аз доираи ақл бурун кард маро,
Дохили силсилаи аҳли ҷунун кард маро.

*Фузулӣ*

Дилам хонаи меҳри ёр асту бас,
Аз он менагунҷад дар ӯ кини кас.

*Саъдӣ*

Эй бародар, ишқ савдои хуш аст,
Дӯзах андар ошиқӣ ҷои хуш аст.

*Анварӣ*

Касе, ки аз ишқ холӣ шуд, фусурдаст,
Гараш сад ҷон бувад, бе ишқ мурдаст.

*Низомӣ*

Оре, ошиқ, ки покбоз аст,
Ишқаш на зи олами маҷоз аст.

*Ҷомӣ*

Дило, дар ошиқӣ собитқадам бош,
Ки дар ин раҳ набошад кор беаҷр.

*Ҳофиз*

Зи берангӣ мазан дам дар муҳаббат,
Ки олам гӯшае аз ранги ишқ аст.

*Зебунисо*

Ҳарчанд, ишқ дарднок аст,
Осоиши синаҳои чок аст.

*Ҷомӣ*

Касе, ки ёри вафодори меҳрубон дорад,
Саодати абаду умри ҷовидон дорад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

## Дар бораи дӯстӣ

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

* * *

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

* * *

Завқи ҷаҳон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Бе дӯст зиндагонӣ завқи ҷаҳон надорад.

*Ҳофиз*

Гар ғубори хотире аз дӯстон бинӣ маранҷ,
К-аз дуои душманон беҳтар бувад дашноми дӯст.

*Зебунисо*

Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафои дӯстро,
Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.

*Камол*

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

*Рӯдакӣ*

Ҳамон дӯстӣ ба касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

*Фирдавсӣ*

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.

Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст,
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт.
*Сино*

Дӯст гарчӣ дусад, ду ёр бувад,
Душман арчӣ яке, ҳазор бувад.
*Саноӣ*

Дӯст он аст, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.
*Саъдӣ*

Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, ки он бувад ҷовидон.
*Абӯшакури Балхӣ*

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.
*Ҷомӣ*

Дӯсти бад бошад риёкор, эй писар!
Ту тамаъ з-он дӯст бардор, эй писар!
*Аттор*

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
*Саъдӣ*

## Дар борaи сабру шарм

Ганчи сабр ихтиёри Луқмон аст,
Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест.
*Саъдӣ*

Агар сабрат ба дил чу ёр гардад,
Зафар охир туро дилдор гардад.
*Носири Хусрав*

Гар сухан хоҳӣ, ки гӯӣ чун шакар,
Сабр кун аз ҳирсу ин ҳалво бихар.
*Румӣ*

Эй дил, сабур бошу махӯр гам, ки оқибат,
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар гардад.
*Ҳофиз*

Аз сабр ёфтам раҳи худро дар ин ҷаҳон,
Ҳар носабур бирафт бо хатою бесомон.
*Таскинии Хуҷандӣ*

Сабр талх омад, валекин оқибат,
Меваи ширин диҳад пурманфиат.
*Румӣ*

Гӯянд санг лаъл шавад дар мақоми сабр,
Оре шавад, валек бо хуни ҷигар шавад.
*Ҳофиз*

Сабру илму ҳилм доруи диланд,
Ҳирсу буғзу кина захри қотиланд.
*Аттор*

Сабру зафар, дӯстони якдигаранд,
Бар асари сабр навбати зафар ояд.

*Ҳофиз*

Он ки худ бад бувад, надорад ор,
Гар туро бад кунад, надорад шарм.

*Тусӣ*

Шарму озарм ҷумлагӣ бардошт,
Ҷамъе аз душманон бад ӯ бигмошт.

*Саноӣ*

Хирадманд гӯяд, ки бунёди хӯй,
Зи шарм асту дониш нигаҳбони ӯй.

*Абӯшакури Балхӣ*

## Дар бораи моҳияти ҳаёт

Сухан аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯй,
Ки кас накушоду накушояд ба ҳикмат ин муамморо.

*Ҳофиз*

Асрори азалро на ту дониву на ман,
Ва ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.

*Хайём*

Як қадам роҳ аст Бедил аз ту то домони хок,
Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ ҳушёр бош!

*Бедил*

Дар лаби ҷӯй нишину гузари умр бубин,
К-ин ишорат зи ҷаҳони гузарон моро бас.

*Ҳофиз*

В-ин мулки чаҳон ба кас намонад ҷовидон,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

*Хайём*

Ҷаҳон, эй бародар, намонад ба кас,
Дил андар Ҷаҳонофарин банду бас.
Макун такя бар мулку дунёю пушт,
Ки бисёр кас чун ту парварду кушт.

*Саъдӣ*

Ҳама накӯӣ пеша кун гар тавон,
Ки бар кас намонад ҷаҳон ҷовидон.

*Фирдавсӣ*

Бедор шав, эй дил ки ҷаҳон мегузарад,
В-ин мояи умрройгон мегузарад.
Дар манзили танг махусбу гофил манишин,
К-аз манзили умр корвон мегузарад.

*Румӣ*

Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.
Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон,
Умр асту бад-он сон гузаронӣ, гузарад.

*Хайём*

Сармояи умр бас азиз аст,
Дарёб, ки ин нафас азиз аст.

*Ҳилолӣ*

## Андар сухангӯӣ

Бидон, к-аз забон аст мардум ба ранҷ,
Чу ранҷиш маҳоҳӣ суханро бисанҷ.

*Фирдавсӣ*

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз лаб во кунад, расво шавад.

*Бедил*

Бо лутфу марҳамат дилро нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор.

*Носири Хусрав*

Сухан кам гуфтану андеша кардан,
Беҳ аз бисёргӯӣ пеша кардан.

*Ҳилолӣ*

Касе мавзун набошад, нест инсон,
Сухан санҷидагӯӣ нест осон.

*Саноӣ*

Зи бисёрдонон фиросат гувост,
Ки бисёргӯй аз фиросат ҷудост.

*Ҷомӣ*

Хомӯшӣ мояи мардони роҳ аст,
Ки дар гуфтан басе шарру гуноҳ аст.

*Носири Хусрав*

Забоне, ки дорад сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд ҷавоб.

*Низомӣ*

Зи захми синон беш захми забон,
Ки ин тан кунад хаставу он равон.

*Асадии Тӯсӣ*

Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ.

*Биноӣ*

Бо ширинзабонию лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле бо мӯе кашӣ.

*Саъдӣ*

Сухан, к - аз даҳон ногумон ҷаҳад,
Чу морест, к - аз хона берун ҷаҳад.
Нигаҳ дор ӯро аз ӯ чун сазад,
Ки наздиктарро сабуктар газад.

*Балхӣ*

Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гуй бо мардум калом.

*Аттор*

Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.

*Фирдавсӣ*

Хомӯш будан накӯ фазл аст, лекин,
На чандоне, ки гӯяндат, ки гунгӣ.
Ҳамон беҳтар, ки дар базми афозил,
Зи донишҳои худ бичунгӣ.

*Тусӣ*

Ҳарфи накӯ агарчӣ дурр гӯй,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯй.
Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

*Биноӣ*

## Андар илму дониш

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.

*Рӯдакӣ*

Тоҷи ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.

*Ҷомӣ*

В-он кас, ки ба лавҳу хат напардохт,
Ҳаргиз сияҳ аз сафед нашнохт.

*Ҳилолӣ*

Ҷумла торикист ин меҳмонсарой,
Илм дар вай чун чароғи раҳнамой.

*Аттор*

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

*Фирдавсӣ*

Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

*Биноӣ*

То ту дар илм бар амал нарасӣ,
Олими фозилӣ, вале накасӣ.

*Саноӣ*

Моле, ки зи ту наситонад, илм аст,
Чизе, ки ба ҳақ расонад, илм аст.

*Омулӣ*

## Мазаммати хислатҳои бад

Барбанд ду чашми айббинро,
Бикшой ду чашми ғайбдонро.

*Шамси Табрезӣ*

Дили зердастон набояд шикаст,
Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст.

*Саъдӣ*

Зинҳор ба айби кас мапардоз,
К-он айб расад туро ҳаме боз.

*Шамсиддини Шоҳин*

Гузар аз тундию аз тундхӯӣ,
Тавозуъ пеша гиру тозарӯӣ.

*Носири Хусрав*

Аз тавозӯъ бузургвор шавӣ,
В-аз такаббур золиму хор шавӣ.

*Саъдӣ*

Говону харони борбардор,
Беҳ, з - одамиёни мардумозор.

Бадахтартар аз мардумозор нест,
Ки рӯзи мусибат касаш ёр нест.

*Саъдӣ*

Ҳар кас, ки тухми ҷафоро бикишт,
На хуш рӯз бинад, на хуррам биҳишт.

*Фирдавсӣ*

Ҳар ки дар банди дилозорӣ бувад,
Дар уқубат кориӯзорӣ бувад.

*Аттор*

Файзу ҳаловат аз дили бе кибру кин талаб,
Занбӯрро зи хона барор, ангубин талаб.

*Бедил*

На ҳар одамизода аз дад беҳ аст,
Ки дад з-одамизодаи бад беҳ аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳасадро дар зифи сах машмор!
Дами ханҷар зи борикист хунхор.

*Бедил*

Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ришва махӯр,
К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.

*Сино*

## Андар касбу ҳунар

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри онро дар дилаш андохтанд.

*Румӣ*

Куҷо боҳунар шуд асири ниёз,
Ҳунарманд ҳар куҷо бувад сарфароз.

*Фирдавсӣ*

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

*Низомӣ*

Гар таваккал мекунӣ, дар кор кун,
Касб кун, пас такя бар ҷаббор кун.

*Румӣ*

Гӯшт бар гови варз накӯтар,
Зинати мард дониш асту ҳунар.

*Саноӣ*

Шавад бандаи боҳунар шаҳриёр,
Нажоду бузургӣ наояд ба кор.

*Фирдавсӣ*

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест.

*Ҷомӣ*

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар накӯшӣ.

Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.

*Ҳилолӣ*

Ба поён расад кисаи симу зар,
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.

*Саъдӣ*

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

*Саъдӣ*

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гаҳе бӯстон аст.

*Носири Хусрав*

Қиммати мард на ба симу зар аст,
Қиммати мард ба илму ҳунар аст.

*Бедил*

Мардон бо саъю ранҷ ба ҷое расидаанд,
Ту бе ҳунар куҷо расӣ аз нафспарварӣ?

*Саъдӣ*

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.

*Ҷомӣ*

Ҳар кас, ки ҳаст аз ҳунар баҳравар,
Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар.

*Саъдӣ*

**Абубукр Муҳаммад ибн Закариё ибни Яҳёи Розӣ** (865-935) файласуф ва олими тиб буда, дар ҷабҳаҳои илм беш аз 170 асар таълиф намудааст. Закариёи Розӣ юнониҳоро «аҳли ҳикмат» номида, дар илми тиб ба Букроту Ҷолинус ва дар илми фалсафа ба Суқрот, Афлотун ва Арасту пайравӣ менамояд.

Закариёи Розӣ асари худ «Тибби рӯҳонӣ»- ро доир ба илми ахлоқ ва тиб навиштааст, ки он аз 20 боб иборат аст. Мақсади Розӣ дар ин асар ислоҳ кардани нафси инсон мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки одамон аз ҷиҳати моддӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба ҳамдигар эҳтиёҷ доранд. Дар ин китоб оиди шикастани ҳавову ҳавас, сабабҳои пайдо шудани нафси бад, такаббур ва худписандӣ, фурӯ бурдани ғазаб, худдорӣ аз дурӯғгӯӣ ва бахилӣ, андӯҳ ва оқибатҳои манфии он, зарари пурхӯрӣ ва майпарастӣ, омӯхтани сарфакорӣ, манзалати худро дар ҳаёт дарёфтан, амали манфиатбахш, ободии охират ва ғайра ақидаҳо навишта шудаанд.

Закариёи Розӣ ҳар як офаридаи неки инсонро эҳтиром ва қадр менамояд. Ӯ ба маҳсули меҳнати дигарон соҳиб шуданро "истисмор" номида таъкид мекунад, ки сарватро бояд бо меҳнати ҳалол ба даст овард. Олим тамоми комёбиҳоро маҳсули хирад шумурда, қайд мекунад, ки ақл - неъмати Худованд буда, бояд роҳнамои ҳаёт бошад ва нафсро мутеи худ созад. Розӣ мегӯяд: "Касе, ки ғуломи шаҳват аст, аз ҳайвон ҳам бадтар аст. Хирад ва дониш шахсро аз табиати ҳайвонӣ нигаҳ медорад".

**Абӯнаср Муҳаммад ибн Форобӣ** (873-951) олими энсиклопедист мебошад. Ӯ асарҳои файласуфони юнонӣ Афлотун, Арасту, Буқрот, Демокрит ва Арастуро омӯхта, ба онҳо тафсир навиштааст. Ин олим дар соҳаҳои ахлоқ, тиб, фалсафа, сиёсат, нуҷум ва риёзӣ зиёда аз 130 асар офаридааст. Форобӣ бо номи «муаллим-ул-сонӣ» (пас аз Арасту) дар Шарқ шуҳрат пайдо кардааст.

Форобӣ дар асарҳояш «Шарҳ-ул-ахлоқ», «Ас-саодат», «Мадинат-ул-фазила» ақидаҳои ахлоқии худро навиштааст. Вай нафсро ба 3 гуруҳ - наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо кардааст. Ӯ хирад ва хулқи некро сифатҳои беҳтарини одамӣ меҳисобад. Олим мегӯяд, ки инсон бо ақли худ хулқи нек ва ё бадро пайдо карда метавонад, тани солим боиси такомули одоби шахс гардида, носолимӣ низ ба он таъсири манфӣ мерасонад, барои нигоҳ доштани саломатӣ меъёри ғизо ва меҳнатро бояд риоя кард, дар рушди хирад озодию ирода роли муҳим мебозанд.

Дар маркази ақидаҳои файласуф тарбияи инсони нек қарор дорад. Форобӣ масъалаи инсонро ба илми фалсафа дохил кардааст. Зеро, таҳқиқи моҳияти олам ва одам ба ҳалли муаммоҳои ахлоқ мусоидат менамоянд. Форобӣ ба Демокрит ва Арасту пайравӣ карда, саодатро мақсади асосии ҳаёт, дониш ва ахлоқро воситаи дарёфти он ва бахтро натиҷаи амалҳои нек меҳисобад. Ба ақидаи олим, инсон табиатан бояд ҳақиқатҷӯю адолатҷӯ бошад. Ӯ накӯкориро амали мақбул мепиндорад ва роли муаллимро дар тарбияи инсон боло гузошта, аҳамияти омӯхтани касбу ҳунарро таъкид мекунад.

**Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдулло ибни Сино** (980-1037) нобиғаи нотакрори башар, ки дар ғарб бо номи Авитсена машҳур гашта, бо асарҳои пурарзиши худ ба рушди фарҳанги ҷаҳон саҳми босазо гузоштааст. Ибни Сино дар соҳаҳои илм зиёда аз 450 асар офарида, 160 то аз онҳо то ҳол боқӣ мондаанд. Ибни Сино дар ин бора мегӯяд:

*Дар парда сухан нест, ки маълум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.*
*Дар маърифат чу нек фикр кардам,*
*Маълум шуд, ки ҳеч чиз маълум нашуд.*

Ибни Сино дар асарҳояш «Донишнома», «Рисолаи нафс», «Саломон ва Абсол», «Пирӯзинома», «Тадбири ман-

зил» ва ғайра ахлоқро таҳқиқ кардааст. Олим ба муҳаббат, эҳтироми инсон, покизагии ботинӣ, андӯхтани дониш таваҷҷуҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ ахлоқ махсули инкишофи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа буда, тағирёбанда аст, вазифаи илми ахлоқ инкишоф додани хислатҳои нек ва рафъи хислатҳои бад мебошад, некӣ кӯмаки холису бе тамаъ ба одамон аст.

Ибни Сино низ мисли Афлотун ва Форобӣ нафси инсонро ба се намуд - наботӣ, ҳайвонӣ ва нотиқа ҷудо кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки рӯҳи инсон аз хирад ва эҳсосот иборат аст, ақл асоси мавҷудияти инсон ва роҳнамои ҳаёт аст, ақл - нерӯи тавонест, ки дорои қобилияти омӯхтан ва идоракунии нафсро дорад, дар вуҷуди ҳар инсон табиатан нафс ниҳон буда, зери тасарруфи ақл бояд онро идора кард, зеро, ғазаб аз нафси ҳайвонӣ бармеояд, нафси нотиқа ҷавҳари рӯҳии одам буда, он абадӣ аст, инсон нафси худро ислоҳ карда, бояд хушхулқ гардад ва сипос ба одамон некӣ кунад.

Ибни Сино дар асараш «Пирӯзинома» хислатҳои кина, бахилӣ, дурӯғ, ҳасудро танқид карда, онҳоро "нобудкунандагони инсон" меномад. Олим қайд мекунад, ки инсон бо ахлоқ ва ахлоқ бо хирад вуҷуд дошта метавонад, бераҳмӣ, чашмгуруснагӣ, ҷоҳилӣ, хасисӣ ва ғайра нуқсонҳои рӯҳӣ буда, маҳви онҳо ғайриимкон аст ва идора кардани онҳо шарт ва зарур аст.

Ба ақидаи Ибни Сино, дар натиҷаи пирузии некӣ аз болои бадӣ «лаззат» ва дар ҳолати баръакс «алам» бармеояд, лаззати ҳақиқӣ на ба воситаи ошомидану муҷомиат аст, балки дар идроку маърифат аст, лаззати рӯҳӣ - лаззати инсони комил, лаззати ҳиссӣ - лаззати инсони нокомил мебошад, инсон бояд ба камолоти рӯҳӣ кӯшиш намояд.

Ибни Сино дар асараш "Тадбири манзил" дар бораи масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ сухан меронад. Ӯ таъкид мекунад, ки барои ислоҳи хулқи худ шахс бояд аз ахлоқи озоду одии мардум огоҳ шуда, онро бо одоби худ муқоиса

намояд, сипас сифатҳои некро нигоҳ дорад, то ки нобуд нашаванд ва агар ниҳон бошанд онҳоро ба ҳаяҷон оварда қавӣ гардонад, тадбир дар рафтори инсон зарур аст, зеро бо воситаи сиёсат ва тадбири нек одамонро ба роҳи рост даъват карда, аз роҳи нодуруст боздоштан мумкин аст, ҳусни тадбир бештар ба подшоҳон, сиёсатмадорон ва фармондорон ногузир аст.

Ибни Сино дар асари номбурда оиди одоби оиладорӣ мегӯяд, ки зани нек дар ҳама кори оила шарики мард аст, зани накӯ боақл, диндор, бошарм, зираку бофиросат, дӯстдору бомуҳаббат, беғаму покдил бошад, аз сиёсати мард тарсад, ба шавҳар забондарозӣ накунад ва ӯро эҳтиром намояд; мард дар оила вазифадор аст, ки дину мурувват ва ҳурмати худро ҳифз намояд, ба ваъда вафо кунад, занро дар вазъияти хуб нигоҳ дорад ва ӯро бо корҳои муҳим машғул созад, падар дар ҳаққи фарзанд ӯҳдадор аст, ки ба вай номи нек бимонад, фарзанд то сесолагӣ шоҳона ва то даҳсолагӣ ғуломона тарбия карда шавад, сипас вай дастгир ва рафиқи волидайн хоҳад шуд.

Ибни Сино инчунин дар бобати таълиму тарбия, омӯхтани касбу ҳунар, одоби устод ва шогирд ва ғайра ақидаҳои хешро иброз намудааст.

**Унсурмаолии Кайковус** дар асри XI умр ба сар бурда, яке аз шоҳони Зиёриён буд. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ин донишманд маълумоти кофӣ то имрӯз расида наомадааст. Падар ва бобои Унсурмаолӣ низ шахсони бомаърифати замонаи худ буданд. Ӯ дар синни 63-солагӣ бахшида ба писараш Гелоншоҳ асари «Қобуснома»-ро навиштааст. Асари мазкур аз 44-боб иборат аст ва чаҳор боби аввалаш хусусияти динӣ дошта, бобҳои дигар ба масъалаҳои гуногуни ахлоқ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, дар бораи ҳурмати волидайн, зарурати омӯхтани илму ҳунар, риоя кардани андарзҳои Анӯшервон, дар бораи пирӣ ва ҷавонӣ, дӯстӣ

ва ишқу муҳаббат, меъёри ҳазлу шӯхӣ, зарари майнӯшӣ, аҳамияти хоб ва истироҳат, одоби суханронӣ, таомхӯрӣ, меҳмондорӣ ва меҳмоншавӣ, ҳаммомкунӣ, қоидаҳои шикоркунӣ, сарватҷамъкунӣ, амонатдорӣ, харидани манзил ва асп, одоби оиладорӣ ва тарбияи фарзанд, роҳи наҷот ёфтан аз душман, дар хусуси ҷазо додан ва бахшидан, корҳои деҳқонӣ, оиди илми тиб, нуҷум ва ҳандаса, шоирӣ ва шеърият, ҳаловати сарояндагӣ ва мусиқанавозӣ, дар бораи вазифаи қозигӣ, муфтигӣ, сипаҳсолорӣ, вазирӣ ва гайра пандҳо гуфта шудаанд.

Унсурмаолии Кайковус дар «Қобуснома» одоби рафторро таълим дода, ҳар як мавзӯи ахлоқро бо ҳикояву ривоятҳо шарҳ додааст. Ӯ ба фарзандаш насиҳат карда, чунин мегӯяд: "Асли худ, яъне падару модарро ҳурмат намудан ва ҳаққи онҳоро риоя кардан ба фарзанд воҷиб бошад. Ҳамеша эшонро хушнуд намуда, ба дуои онҳо сазовор бошӣ. Бо хирад тавонгар бош, на ба мол, чунки молро бурда тавонанд, хирадро натавонанд. Бохирад ҳунар омӯз, ки одами беҳунар суд надорад. Ҳунари беҳтарин сухан гуфтан аст. Забонро ба хуш гуфтан одат бинмой. Ҳар киро забонаш хуш, дӯстонаш бештар аст. Суханро бамавқеъ гӯй ва аз сухани беҷо дурӣ гузин, хуб гӯй то хуб шунавӣ. Сухан рост гӯй, хештанро бо рост гуфтан маъруф кун. Ҳар чӣ гуӣ бо некӯтарин ваҷҳе бояд гуфт, то ки сухандон бошӣ. Андешаро ибтидои гуфтори хеш дон, то аз гуфта пушаймон нашавӣ, ки пешандешӣ кордонӣ аст. Бо мардум накӯ сухан кун. Зеро, бо сухани нек руҳ тоза ва аз сухани нохуб он тира гардад. Сардсухан мабош, ки сухани сард чун тухмест, ки аз вай тухми душманӣ рӯяд. Бисёрдону камгӯй бош, на камдону бисёргӯй, ки хомӯшӣ солимист ва бисёр гуфтан бехирадист".

Унсурмаолӣ некиро аз фазилатҳои беҳтарин ҳисобида мегӯяд: ***«Некиро аз некӣ дарег мадор ва некомӯз бош. Некӣ***

*куну некфармой бош. Бар некӣ кардан пушаймон мабош, ки сазои неку бад дар ҳар ду ҷаҳон ба ту расад. Накӯкорӣ бар дили ту роҳат расонад ва бадӣ ғам биёварад. Зеро, некӣ охир як рӯз бор диҳад. Некӣ пеша кун ва некӣ кардан маёсой ва хилофи он рафтор макун. Муқаддимаи некӣ шарм аст ва муқаддимаи бадӣ бешармист. Сӯҳбати неконро фаромӯш накун ва ба некӣ носипос машав».*

## АНДАРЗҲОИ УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС

- *Ҳар лаҳза бо омӯхтани одоб ва ҳунар машғул бишав, зеро дониш ҷустан бартарӣ ҷустан бошад.*
- *Панду ҳикмат бештар бишунав ва қабул кун, ки онҳо чашми хирадро равшан кунанд.*
- *Сӯҳбат бо хирадманд дор, ки аз сӯҳбати некон мардум некном гарданд.*
- *Ҷаҳд кун то писандидаи оқилон бошӣ, на писандидаи ҷоҳилон.*
- *Касро наёзор, гарчаде туро бегуноҳ биёзоранд, чунки асли одамӣ камозорист.*
- *Доно он гоҳ бошӣ, ки бар нодонии хеш воқиф гардӣ, яъне чун худро нодон донистӣ, доно гаштӣ.*
- *Ранҷи тану моли хешро, ҳатто аз ҳосиди худ ҳам дареғ мадор, бошад, ки он душман дӯст гардад.*
- *Ҷузъ бо худ ба дигарон рози хеш магӯй, пеши одамон бо кас рози хеш магӯй, агар бигӯӣ пас он суханро пас роз магӯй.*
- *Одамон бештар нисбати якдигар бадгумонанд.*
- *Бо пирони оқилу дӯстони мушфиқ машварат кун.*
- *Ҷои шарму ҷои бешармиро бибояд донист.*
- *Саломатии одам дар ду гетӣ андар ҳунар аст.*
- *Сармояи ҳама некиҳо дар донишу адаб аст.*

- *Хушхулқиро пеша кун ва аз бадӣ дурӣ ҷӯй.*
- *Тани худро ба итоати ақл даровар.*
- *Коҳилӣ маризии тан бошад.*

Асари «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус бо номҳои «Насиҳатнома», «Андарзнома» низ маълум буда, ба аксарият забонҳои дунё тарҷума шудааст. «Қобуснома» яке аз дурдонаҳои адабиёти классикии тоҷик мебошад ва дар тарбияи насли наврас аҳамияти хос дорад.

**Имом Ғаззолӣ Абуҳомид Муҳаммад** (1059-1111) олими намоёни ислом ва фалсафаи шарқ буда, дар Тӯси Эрон ба дунё омадааст. Ӯ дар Ғурғон ва Нишопур таҳсил карда, минбаъд дар илми илоҳиёт донишманд мегардад. Имом Ғаззолӣ бо пешниҳоди сарвазири давлати Салҷуқиён Низомулмулк дар мадрасаи "Низомия"-и Бағдод ҳамчун мударрис фаъолият мебарад. Ӯ дар натиҷаи тезу тунд шудани зиддиятҳои динӣ, зиндагии сӯфиёнаро пеша менамояд. Имом Ғаззолӣ муаллифи зиёда аз сад асар буда, онҳо ба илоҳиёт, фалсафа, мантиқ ва тасаввуф мансубият доранд. Олим масъалаҳои ахлоқро дар асарҳои худ "Насиҳат - ул-мулук", "Эҳёу улум - ид - дин", "Кимиёи саодат", "Мактуб ба фарзанд", "Асрори бебаҳои қалб" ва ғайра таҳқиқ кардааст.

Имом Ғаззолӣ хулқро ба ҳайвонӣ, ваҳшигӣ ва малакӣ ҷудо мекунад, хислатҳои некро ситоиш намуда, онҳоро боиси некӯаҳволии инсон ва сифатҳои бад ғазаб, талбис, бахилӣ, дағалӣ, бедодгарӣ, беҷуръатӣ, хӯрдагирӣ, шӯҳратпарастиро чун иллатҳои инсон эзоҳ медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки идоракунии ҳиссиёт ва шикастанафсӣ хулқи некро фароҳам оварда, инсонро ба саодат ноил менамояд.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ** (XV-XVI) дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзавори Эрон ба дунё омадааст. Ӯ илмҳои зиёдро аз худ кардааст. Кошифӣ маҳорати нотиқӣ дошта, дар шаҳрҳои Нишопуру Машҳад воизӣ мекард. Соли 1455 дар Ҳирот бо Абдурраҳмони Ҷомӣ вохӯрда, шогирди вай

мегардад. Бо доираи мактаби адабии Ҷомӣ ошноӣ пайдо мекунад. Кошифӣ дар Ҳирот аз олам чашм мепӯшад.

Кошифӣ оид ба нуҷум, риёзӣ, таърих, адабиёт, панду ахлоқ ва санъати суханварӣ беш аз 40 китоб навиштааст. Асарҳои ахлоқии Кошифӣ “Анвори суҳайлӣ” ва “Ахлоқи мӯҳсинӣ” мебошанд. Кошифӣ асари “Калила ва Димна”-и Абумаолӣ Насруллоро аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда буд, аз нав таҳрир менамояд ва ба он “Анвори суҳайлӣ” ном мегузорад. Ӯ дар ин асар доир ба тарбияи инсон дар оила ва ҷомеа, қоидаҳои давлатдорӣ сухан меронад. Кошифӣ ҳар як образи асарро бо хислатҳои нек офарида, одамонро ба роҳи рост ҳидоят менамояд.

Кошифӣ дар тӯли солҳои 1500 - 1501 асари “Ахлоқи мӯҳсинӣ”-ро навиштааст, ки он аз муқаддима ва 40-боб иборат аст. Ин китоб бо номи “Футувватномаи Султонӣ” низ маълум буда, паҳлӯҳои гуногуни ахлоқро фаро гирифтааст. Муаллиф ин асарро ба Абдулмӯҳсини Мирзо писари Ҳусайн Бойқаро (ҳокими Хуросон дар солҳои 1469 - 1506) тақдим карда, номи ӯро ба асар гузоштааст. Кошифӣ одоби накӯро барои мустаҳкам кардани салтанати шоҳӣ зарур меҳисобад.

Кошифӣ чунин панд медиҳад: *“Ҳар чӣ гӯӣ, бо накӯтарин ваҷҳе бояд гуфт, то сухандону сухангӯй бошӣ. Агар сухане гӯиву надонӣ чӣ ту бошӣ чӣ он мург, ки ӯро тӯтӣ хонанд, ки вай низ сухангӯй аст, на сухандон. Сухангӯю сухандон он бувад, ки ҳарчӣ бигӯяд, мардумро маълум шавад, то аз ҷумлаи оқилон бошад... Сардсухан мабош, ки сухани сард чун тухмест, ки аз вай душманӣ рӯяд. Агарчӣ доно бошӣ, худро нодон шумор то дари омӯхтан бар ту кушода гардад ва ҳеҷ суханро машикан ва маситой то нахуст айбу ҳунари онро маълум нагардонӣ”.*

Ҳусайн Воизи Кошифӣ таъкид мекунад, ки дар натиҷаи омӯхтани мунтазам ва муттасил дар инсон сухандонӣ ҳосил мегардад ва кас бе душворӣ ва парешонӣ фикри

худро баён карда метавонад. Кошифӣ маданияти сухангӯӣ ва муоширатро таълим додааст, ки онҳо то имрӯз арзиши баланд доранд.

Хулоса, асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик маъхазҳои нодиртарини тамаддуни ҷаҳонӣ буда, ақидаҳои ахлоқии онҳо барои ҳамаи замонаҳо пешқадам буданд ва боқӣ хоҳанд монд. Ғояҳои ниёгон имрӯз аз тарафи миллату халқҳо, кишвару минтақаҳои дунё дар ҷабҳаи ахлоқ хеле васеъ истифода бурда мешаванд.

# АХЛОҚ ВА ДИН

Дин - вожаи арабӣ буда, маънояш «расму оин» мебошад. Мафҳуми «религия» динро ифода мекунад. Религия - калимаи лотинӣ буда, маънояш «благочестие, святость», яъне «накӯкирдорӣ» мебошад. Дин яке аз шаклҳои махсуси шуури ҷамъиятӣ буда, дар бораи моҳияти ҳаёти инсон баҳс менамояд. Дин аз ҷиҳати шаклҳои таърихии худ ба ибтидоӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ҷудо мешавад.

Динҳои ибтидоӣ - анемистӣ, тотемистӣ, фетишистӣ буда, тахминан 35-40 ҳазор сол муқаддам дар натиҷаи тарси одамон аз ҳодисаҳои табиат пайдо шудаанд. Одамони ибтидоӣ офтоб, маҳтоб, замин, об, оташро низ парастиш намуда, асрори ҳаётро ҷустуҷӯ мекарданд. Дар динҳои ибтидоӣ некӣ, бадӣ, хавфу хатар инъикос ёфта буданд. Динҳои ибтидоӣ ҳоло дар баъзе ҷазира ва кишварҳои Африқо боқӣ мондаанд.

Динҳои миллӣ ва ё халқӣ - зардуштия, яҳудия, браҳмания, ҳиндуия, монавия, маздакия ва ғайра мебошанд. Динҳои миллӣ некӣ ва накӯкориро тарғиб карда, онро воситаи дарёфти саодати инсон меҳисобиданд.

Меҳрпарастӣ дини қадимтарини халқҳои ориёнажод буда, тибқи он Меҳр номи Офаридгор сарчашмаи меҳр, равшанӣ, гармӣ ва тамоми ҳастӣ мебошад. Ин динро дар аҳди қадим бисёр қавму халқҳои дунё қабул кардаанд ва меҳрпарастӣ бо номи «митраизм» паҳн гаштааст.

Зардуштия дини тоисломии халқи тоҷик буда, дар асрҳои VII - VI т.м. дар Бохтар пайдо шудааст. Ғояҳои дини зардуштия дар китоби «Авесто» навишта шуда, дар он доир ба ахлоқ, фалсафа, ҳуқуқ, сиёсат, ҷуғрофия, мусиқӣ, адабиёт ва дин маълумот дода шудааст. Тибқи таълимоти зардуштия ахлоқ аз се ҷузъ - пиндори нек, гуфтори

нек, рафтори нек иборат аст. Ин олам майдони набарди Аҳурамаздо ва Аҳриман мебошад, инсон дар амалиёти худ ба Аҳурамаздо пайравӣ карда, бояд некӣ бар бадӣ пирӯзӣ ёбад. Дар «Авесто» чунин омадааст: «Эй Аҳурамаздои Бузург, маро тавассути ростӣ дар зери ҳимояи худ ҷой бидеҳ, то ки пиндор ва рафтори нек ба сӯи мо руй оваранд». Дини зардуштия одамонро ба меҳнатдӯстӣ даъват намуда, кишоварзӣ, зироаткорӣ ва чорводориро шуғли беҳтарин мешуморад.

Монавия таълимоти динию фалсафӣ, ки аз Ҳинд то Рум паҳн шудааст. Монӣ файласуф, рӯҳонӣ, забоншинос ва рассом буда, дар асри III умр ба сар бурдааст. Ӯ асарҳои «Заҳҳотиё», «Сафар-ул-асрор», «Аржанг», «Инҷил» ва ғайраро навиштааст. Тибқи таълимоти монавия ҳаёти инсон аз ду нерӯ - нур - манбаи некӣ ва зулмот - манбаи бадӣ иборат аст. Монавия забонро аз гуфтори зишт, дастро аз амалҳои ношоям ва дилро аз ҳавасҳои бад манъ мекунад.

Маздакия (V-VI) таълимоти динию фалсафӣ ва иҷтимоӣ буда, асосгузори он Маздак мебошад. Ин таълимот низ ҳаётро аз муборизаи хайр ва шар иборат мешуморад. Маздак инқилобгари ислоҳотҳо буда, вай аз шоҳаншоҳони империяи Сосонӣ ҷорӣ кардани баробарии иҷтимоии табақаҳоро талаб менамояд ва муқобили сохти феодалӣ ва моликияти хусусӣ баромад мекунад. Ақидаҳои Маздак зидди зулму истибдоди сохти феодалӣ равона шуда буданд. Дар зери тарғиботи Маздак халқи меҳнаткаш шӯриш бардоштанд, ки он тамоми ҳудуди империяи Сосониёнро солҳои 499 - 529 фаро гирифт. Аммо шӯриш пахш гардида, Маздак ва пайравони он бераҳмона қатл карда шуданд.

Динҳои ҷаҳонӣ - буддоия, насрония ва ислом мебошанд. Ақидаҳои ахлоқии динҳои номбурда дар ҳаёти маънавии башарият нақши барҷаста доранд. Динҳои ҷаҳонӣ таълим медиҳанд, ки инсон танҳо ба воситаи ахлоқи шоис-

та ба саодат хоҳад расид.

Дини буддоия дар асрҳои VII - VI т.м. дар Ҳиндустон ба вуҷуд омадааст. Таълимоти ахлоқии буддоияро ҳафт талабот - андешаи нек, гуфтори нек, рафтори нек, муомилаи нек, муносибати нек, иродаи нек ва касбу кори нек ташкил медиҳад. Осеб нарасонидан ба одам ва олам - идеали ахлоқии буддоия мебошад. Ҳоло беш аз 500 млн одамон ба дини буддоия пайравӣ менамоянд.

Дини насрония дар ибтидои асри I милодӣ дар Фаластин пайдо шудааст. Ин дин дар вазъияте ба вуҷуд меояд, ки зиддияти ахлоқӣ хеле шиддат ёфта, зулму ситам нисбат ба заҳматкашон авҷ гирифта буд. Таълимоти дини насрония дар китоби муқаддас «Инҷил» зикр шуда, аз чунин пандҳо иборат аст: зино накун, бегуноҳро накуш, гувоҳии бардурӯғ надеҳ, ришва нагир, бевазан ва ятимро азият надеҳ, дуздӣ накун, сухани беҳударо ба забон нагир, ба роҳи бад марав, бо дигарон нек рафтор намо, то ки бо ту нек рафтор кунанд, одамонро дӯст дор, ҳатто душманатро низ ва ғайра.

Дар фалсафаи насронӣ инсон сарвати олӣ ва асил, барандаи ду мабдаъ - рӯҳ ва ҷисм аст, яъне мавҷудоти байни фариштагон ва ҳайвонот маънидод шудааст, инсон дар олами сағири худ олами кабирро дарёфта, ифодагари ҳарду олам мебошад. Тибқи этикаи насронӣ рушди ахлоқ инъикоси симои илоҳӣ дар инсон аст. Тафаккур, озодӣ ва қадри инсон нишонаҳои ҳақиқати илоҳӣ дар одам мебошад. Имон танҳо дар дили пок қарор дорад. Инсон бояд бо меҳру муҳаббат, тоату ибодат ва амалҳои нек имонро парвариш намояд.

Имрӯз дини насрония беш аз 1,5 млрд мӯътақидони худро дорад.

Ақидаҳои ахлоқии шарқ, то пайдо шудани ислом зери ғояҳои илмии Юнон ва Рими қадим инкишоф меёфтанд.

Дини ислом дар ибтидои асри VII дар нимҷази-

раи Арабистон падид омадааст. Ислом - вожаи арабӣ буда, маъноям "итоат" мебошад. Қуръони Карим китоби муқаддас буда, солҳои 610-632 нозил шудааст ва аз 30 пора, 114 сура ва 6666 (ё 6226) оят иборат аст. Қуръон китоби самовӣ, мӯъҷиза ва манбаи ҳикмат мебошад. Ҳадисҳо - гуфтору рафтори Муҳаммад (с) буда, пас аз китоби Қуръон сарчашмаи дуюми ислом мебошанд. Беш аз ҳафт ҳазор ҳадисҳо дар асари «Саҳеҳ- ал-Бухорӣ»-и Абӯ Абдулло Муҳаммад ибни Исмоил-ал-Бухорӣ (IX) навишта шудаанд. Андар ахлоқ чунин ҳадисҳо гуфта шудаанд:

- *Дин адаб аст.*
- *Сукут ҳикмат аст.*
- *Шарм аз имон аст.*
- *Сухан дар мухтасарӣ зебост.*
- *Баракоти умр дар кори нек аст.*
- *Муомилаи хуш бо одамон нисфи ақл аст.*
- *Хушахлоқӣ нишонаи имони комили шахс аст.*
- *Парвардигорам одоби беҳтаринро ба ман омӯзонидааст.*
- *Ман барои мукаммал намудани ахлоқи нек фиристода шудаам.*
- *Салом яке номҳои Худои Таъоло аст, пас онро байни худ паҳн намоед ва ҳар киро бинед салом гӯед.*
- *Салом қарз аст. Ҳар ки пеш аз салом сухан кунад, пас ба ӯ посух надиҳед.*
- *Ба аҳли оилаатон салом кунед, то баракоти хонадонатон зиёд шавад.*
- *Мӯъмин касест, ки мардум аз дасту забони вай дар амон аст.*
- *Омӯхтани илм барои ҳар як муслим ва муслима фарз аст.*
- *Ҳар ки хашми худро фурӯ барад, Худо дили ӯро аз амну имон пур кунад.*
- *Шахсе, ки ба шумо бадӣ накардааст, донед, ки дар ҳаққи шумо некӣ кардааст.*

Дар давраи ҷоҳилия занону духтарон аз озодӣ маҳрум буданд. Ислом ҳуқуқу озодиҳои онҳоро эълон кард. Дар сураи "Ан-Нисо" доир ба мақому манзалати зан дар оила ва ҷомеа сухан меравад. Дар бораи эҳтироми зан чунин ҳадисҳо гуфта шудаанд:

- *Модар розӣ - Худо розӣ.*
- *Ҳурмати зан воҷиб аст.*
- *Ҳуқуқи зан муқаддас аст.*
- *Биҳишт дар зери пойи модарон аст.*
- *Хушнудии Худо дар хушнудии зан аст.*
- *Зан зеботарин мавҷудоти олам аст.*
- *Модар сарчашмаи тарбияи ҷомеа аст.*
- *Аввал ба модар, дуюм ба модар, сеюм ба модар ва чорум ба падар некӣ кунед.*

Тибқи ахлоқи ислом Офаридгори Бузург одамро барои шиносонидани худ офаридааст. Инсон халифаи Парвардигор дар замин буда, кулли ҳастӣ барои ӯ халқ карда шудааст. Аз ин рӯ, инсон бояд ба мавҷудоти зинда осеб нарасонида зиндагӣ кунад, ҳаёти худро накӯ бунёд намояд ва дар бораи атрофиёни худ низ ғамхорӣ кунад. Хушбахтии шахс дар ин дунё он гоҳ имконпазир аст, ки ӯ ба асли худ, яъне покӣ баргардад. Дар ҳар як кас сифатҳои Худованд гузошта шудаанд, ки инкишоф додани онҳо вазифаи шахси мусулмон аст. Шахси боимон бояд парҳезкор, яъне аз бадӣ дур бошад. Агар гуноҳ содир кунад, онро дарк карда, истиғфор намояд ва ба такрори он роҳ надиҳад. Мӯъмин шахсест, ки танҳо хислати неки одамонро ба забон мегирад, на ҷиҳати бади онҳоро, мунофиқ бошад, баръакс фақат хислатҳои манфии одамонро дида метавонад.

Этикаи ислом чунин меъёрҳои ахлоқиро аз мусулмонон тақозо менамояд: худотарсӣ, порсоӣ, боҳимматӣ, поктинатӣ, ростқавлӣ, нерӯмандӣ, хушмуомилагӣ, бомаърифатӣ, раҳмдилӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ,

боҳаёӣ, покизагӣ, саховатмандӣ, тавозӯъ, тифоқӣ, босабрӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ, боэҳтиромӣ, боэътимодӣ, вафодорӣ, боадолатӣ, сарфакорӣ ва ғайра.

Ислом таълимоти ахлоқии динҳои пешинаро идома ва такмил дода, онро дар ҷомеа татбиқ намуд. Дини ислом дар тӯли садсолаҳо ахлоқи беҳтаринро тарғиб карда, инсониятро ба саодати ҳар ду олам даъват менамояд. Пайравони ислом зиёда аз 1,5 млрд.-ро ташкил дода, ҳоло теъдоди мусулмонон дар ҷаҳон афзуда истодааст.

Ҳамин тавр, дин яке аз сарчашмаҳои муҳими ахлоқ мебошад. Дар этикаи динӣ розигии Худованд мақсади олии ахлоқ аст. Ҳадафи асосии дин рушд додани ахлоқи писандида аст, ки пандҳои зерин аз он далолат диҳанд.

Яҳудия: он чӣ бад мебинӣ, ба дигарон махписанд.



Ҳиндуия: ба дигарон онро раво мадор, ки ба ту дард меоварад.



Даосия: бурди дӯстро бурди худ шумор, бохташро бохти худ.



Буддоия: ба дигарон раво мадор, он чӣ худ бад мешуморӣ.



Насрония: бо дигарон он чунон рафтор кун, ки мехоҳӣ бо ту чунин рафтор кунанд.



Ислом: наметавон мӯъмин шумурд онеро, ба хоҳару додари худ он чӣ ба худ мехоҳад, намехоҳад.



# ЗИНАҲОИ ИНКИШОФИ АХЛОҚ ВА ЗИДДИЯТҲОИ ОН

Ахлоқ падидаи қадимтарин ва ҳодисаи объективонаи ҳаёти ҷомеа мебошад. Ахлоқ дар натиҷаи муносибати байниҳамдигарии одамон ба вуҷуд омада, бо баробари истеҳсолот рушд ёфтааст. Ахлоқи ҷомеаи ибтидоӣ аз тазод озод буд. Дар натиҷаи ҳамзистии якҷояи одамон қоидаҳои ахлоқ ба вуҷуд омаданд, ки риояи онҳо барои ҳама ҳатмӣ гардиданд. Одамони ибтидоӣ дар шакли гурӯҳ, авлод ва қабила зиндагӣ мекарданд, то ки худро аз гуруснагӣ ва офатҳои табиӣ наҷот диҳанд. Онҳо дар асоси ёрии байни ҳамдигарӣ, алоқаҳои хешу таборӣ ҳаёт гузаронида, бо мадади якдигар неъматҳои моддиро ба даст меоварданд.

Дар асари Ф.Энгелс «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» дар бораи ахлоқи ҷомеаи ибтидоӣ маълумот дода шудааст.

Дар натиҷаи пайдо шудани моликияти хусусӣ ва табақаҳои сарватманд ҷомеаи ибтидоӣ барҳам хӯрда, ҷомеаи гуломдорӣ ба вуҷуд омад. Давлатҳои тавонои ғуломдорӣ дар Миср, Бобулистон, Юнон ва Рими қадим таъсис ёфтанд. Дар ин ҷомеа заминдорону сарватмандон ҳукмрон гардида, табақаҳои поёнӣ - ғуломону заҳматкашонро истисмор мекарданд. Одамоне, ки ҳангоми ҷанг асир меафтоданд, ё ки қарзи худро ба соҳибаш пардохта наметавонистанд ба гулом табдил меёфтанд. Ғулом озодии худро аз даст дода, моликияти ғуломдор мегардид ва соҳибаш вайро ҷазо дода ё фурӯхта метавонист. Ғуломро «воситаи меҳнат», «олоти мутаҳаррик» ва ё «олоти нотиқ» меномиданд.

Маҳз, дар сохти ғуломдорӣ бори аввал ҳуқуқи инсон поймол карда шуда, дар ахлоқи инсоният ихтилофот ба

вуҷуд омад, ки ин низои шадидтарин буд. Зиддияти ахлоқӣ минбаъд дар ҷомеаҳои феодалӣ ва капиталистӣ инкишоф ёфта, беадолатию бешафқатӣ авҷ гирифт. Дар натиҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда сохти ғуломдориро сохти феодалӣ иваз кард.

Феодал - калимаи лотинӣ буда, аз ду ҷузъ «феод» - замин, «феодал»- заминдор таркиб ёфтааст. Дар ҷомеаи феодалӣ замин воситаи асосии истеҳсолот буда, он дар дасти табақаҳои ҳукмрон ва заминдорон қарор дошт ва деҳқонон тобеи онҳо буданд. Дар ин сохти ҷамъиятӣ истисмори одам дар шаклҳои гуногун - андозҳои гарон, меҳнати пурмашаққат, музди ночиз ва ғайра ба амал меомаданд. Деҳқон аз субҳ то шом дар замин кор карда, бар ивазаш қути лоямут мегирифт. Дар зери шиканҷаи ҳукмдорон аҳволи табақаҳои поёнӣ тоқатфарсо гардид, норозигию ошӯбҳои омма афзуд, қувваҳои истеҳсолкунанда тараққӣ карданд ва дар оқибат сохти феодалӣ завол ёфта, сохти сармоядорӣ ба вуҷуд омад.

Дар давраи нав (XVII-XIX) сохти сармоядорӣ (капиталистӣ) дар кишварҳои ғарб тараққӣ кард. Дар ин давра муборизаи синфӣ, ҷангҳо, бӯҳрони умумӣ, инқилобҳо, истисмор, бедодгарӣ нисбати табақаҳои меҳнаткаш авҷ гирифта, зиддияти ахлоқӣ шиддат ёфт. Дар сохти сармоядорӣ ҳокимият дар ихтиёри капиталист ё соҳибкорхона қарор дошт. Дар корхонаҳои саноатӣ аҳволи коргарон хеле вазнин буд: рӯзи корӣ 14-16 соат тӯл кашида, музди меҳнат ночиз буд, занону кӯдакони ноболиғ нисбати мардон музди кам мегирифтанд, дар истеҳсолот зуд-зуд ҳодисаҳои нохуш ба амал меомаданд, сармоядорон аз меҳнати коргарон даромади зиёд ба даст меоварданд.

Дар Аврупо дар ибтидои асри XIX муборизаи меҳнаткашон барои баробарии иҷтимоӣ оғоз ёфт. Муфлисӣ аҳволи коргаронро тоқатфарсо намуда, онҳо дар шаклҳои гу-

ногун мубориза мебурданд: дастгоҳҳои истеҳсолиро нобуд месохтанд, биноҳои корхонаҳоро оташ мезаданд.

Мувофиқи ривоятҳо коргар Нед Лудд бори аввал дастгоҳи истеҳсолиро гунаҳкори бенавогии худ ҳисобида, онро шикаст, ки ин воқеа соли 1810 ба вуқӯъ омад. Коргарони зиёд ба вай пайравӣ карданд ва он номи «ҳаракати луддистӣ»-ро гирифт. Ин аввалин муборизаи коргарон ба муқобили сармоядорон буд.

Парламенти Англия бо талаби табақаи сарватмандон дар бораи ҳукми қатл қонун қабул кард, ки он ба пахш кардани ҳаракати луддистӣ равона шуда буд. Дар натиҷа зиёда аз 40 нафар луддистҳо ба ҳалокат расонида шуданд.

Дар аввали солҳои 30-юми асри XIX бофандагони шаҳри Лиони Фаронса шӯриш бардошта, зиёд кардани музди меҳнатро талаб карданд. Аммо соҳибони корхонаҳо талаботи онҳоро рад карданд. Шӯришҳое, ки солҳои 1831-1834 дар Лион ба амал омаданд, аз тарафи низомиёни Ҳукумати Фаронса пахш карда шуданд. Соли 1844 бофандагони шаҳри Силезияи Олмон низ зидди соҳиби корхона шӯриш бардоштанд. Артиш ошӯбро фурӯ нишонд ва беш аз 150 нафар ҳабс карда шуданд.

Коргарон аз амалиёти стихиявӣ тадриҷан ба муборизаи шуурнок гузаштанд, то ки ба мақсади худ ноил шаванд. Солҳои 1836-1842 дар Англия ҳаракати чартистӣ ба вуҷуд омада, аввалин ҳизби оммавии коргарон таъсис ёфт. Намояндагони ин ҳизб барои ҷинси марди аҳолӣ ҳуқуқи интихоботро аз Парламенти Англия талаб карданд. Дар зери фишороварии чартистон соли 1847 Парламент дар бораи ҷорӣ кардани рӯзи кори 10 - соата қонун қабул кард.

Дар охири асри XIX дар натиҷаи муборизаи қатъӣ коргарон ба якчанд ҳуқуқҳои сиёсӣ ноил шуда, аҳволи худро беҳтар карданд: қонунҳо дар бораи беҳтар кардани шароити меҳнатӣ ва музди меҳнат қабул шуданд, барои коргарон

кӯмакпулӣ муайян гардид, дар давлатҳои пешрафта рӯзи корӣ то 9-соат ихтисор шуда, рӯзи истироҳат ҷорӣ гардид, конгресҳои байналмилалии коргарон барпо шуд, иттифоқи касаба ба фаъолият шурӯъ намуд ва ғайра. Ислоҳоти дуюм (1867) ва сеюми (1884-1885) Англия ба корғарон имконияти дар интихоботи Парламент иштирок карданро дод. Конститутсияи Олмон (1871) ба ҳамаи мардон, ки синнашон аз 25-сола боло аст, хуқуқи интихоботиро дод. Тибқи конститутсияи Фаронса (1875) мардҳо дар синни 21-солагӣ хуқуқи интихоб карданро соҳиб шуданд.

Аҳволи вазнини меҳнаткашон норозигии табақаи зиёиро низ нисбати сохти сармоядорӣ ба вуҷуд овард. Онҳо дар бораи ҷомеаи боадолат ақидаҳо баён карданд, ки дар заминаи он таълимоти сотсиалистӣ пайдо шуд.

Сотсиал - калимаи лотинӣ буда, маъноям «ҷамъият» мебошад. Сотсиалистони франсуз Анри Сен - Симон, Шарл Фурье ва сотсиалисти англис Роберт Оуэн сохти капиталистиро танқид карда, ба одилона тақсим кардани маҳсули меҳнат даъват менамуданд. Аммо онҳо роҳи ба ҷомеаи одилона ноил шуданро нишон дода натавонистанд. Ин роҳро мутафаккирони олмонӣ Карл Маркс ва Фридрих Энгелс аз ҷиҳати илмӣ нишон доданд.

Ҳамин тавр, сохти феодалӣ нисбати сохти гуломдорӣ ва сохти капиталистӣ нисбати сохти феодалӣ пешқадам буданд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамаи ин ҷомеаҳо зиддияти ахлоқӣ авҷ гирифта буд. Зеро, дар онҳо идеологияи иртиҷоии синфҳои болоӣ ҳукмфармо буданд, қонунҳои ноодилона амал карда, барои нигоҳ доштани сохти истисморгар хизмат мекарданд. Дар тӯли таърих ғуломон зидди ғуломдорон, деҳқонон алайҳи заминдорон, коргарон муқобили сармоядорон, яъне мазлумон бо золимон мубориза бурданд, то ки адолат барқарор гардад. Дар ҷомеаҳои истисморгар ахлоқи табақаҳои болоӣ танҳо манфиати онҳоро ва

ахлоқи табақаҳои меҳнаткаш манфиати тамоми одамонро ифода мекард.

Дар натиҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ на танҳо ҷамъият инкишоф ёфт, балки ихтилофот дар ахлоқи инсон бештар гардид. Барҳам додани зиддиятҳо орзую ормони заҳматкашон буд, ки он дар афкори равшанфикрон инъикос ёфтааст.

# ҒОЯҲОИ АХЛОҚӢ ДАР РУСИЯИ ТОИНҚИЛОБӢ

Дар нимаи асри XIX Русия ба сохти капиталистӣ дохил шуд, ки ғояҳои ахлоқии ин даврро муаммоҳои ҷомеа ташкил медоданд. Таълимоти ахлоқии мутафаккирони рус дар зери ҷаҳонбинии Аврупо ба вуҷуд омада буданд.

**Виссарион Григорьевич Белинский** (1811-1848) адиб ва мунаққиди рус мебошад. Белинский беадолатиҳои ҷомеаро зери танқид гирифта, халқро ба муборизаи зидди истисморгарон даъват менамояд. Нависанда дар асарҳояш барои ба даст даровардани реализми адабиёти рус ва ҳифзи шарафи халқ мубориза бурда, аз ҷазоҳои ҷисмонӣ озод кардани деҳқонон ва гузаронидани ислоҳоти иҷтимоиро талаб мекард. Асарҳои Белинский дар бедории сиёсӣ ва худогоҳии халқи рус таъсири худро расониданд.

**Александр Иванович Гертсен** (1812-1870) публисист, рассом ва файласуфи рус мебошад. Шӯриши декабристон (25.12.1825) ба инкишофи ақидаҳои Гертсен таассурот бахшид. Вай соли 1853 нашриёти озод, маҷаллаи «Ситораи тобон» (Полярная звезда) ва рӯзномаи «Зангула» (Колокол)-ро таъсис дода, бо интишоротҳои худ ошкоро зидди мутлақияти подшоҳӣ мубориза мебарад. Дар таълимотҳои фалсафӣ-ахлоқии Гертсен инсон ҳамчун мавҷудоти мустақил қарор дорад. Ӯ дар ин бора навиштааст: *«Озодии шахс – амали бузургест, танҳо дар зери он озодии халқ имконпазир аст. Инсон озод аст ва озодӣ ба муҳит вобастааст. Қисми зиёди тақдири мо дар дасти худи мост, ки инро дарк намуда, бояд аз даст надиҳем».*

А.И.Гертсен таълимот доир ба диалектикаи шахс ва ҷомеаро инкишоф дод. Диалектика - калимаи юнонӣ буда, маъноящ «баҳсу мунозира» мебошад. Диалектика усули илми фалсафа мебошад, ки ба воситаи он ҳақиқат ба даст оварда мешавад.

Гертсен қайд мекунад, ки инсони озод ахлоқи худро бунёд карда метавонад, яъне рафтори шахс нисбат ба атроф ба иродаи одам вобастааст. Файласуф дар таълимоти илмӣ-ахлоқии худ мафҳумҳои «эгоизм» ва «индивидуализм»-ро бештар истифода мебарад. Ба андешаи ӯ, будуни онҳо на таърих, на ҷомеа ба вуҷуд меомаданд ва ҳаёт ба олами паҳновари ваҳшиён табдил меёфт.

**Николай Гаврилович Чернишевский** (1828-1889) олим-файласуфи рус мебошад. Ӯ факултети таърих ва фалсафаи Донишгоҳи Петербургро хатм карда, ҳамчун сармуҳаррир дар маҷаллаи «Ҳамзамон» (Современник) фаъолият мебарад. Чериишевский дар асараш «Принсипи антропологӣ дар фалсафа» чунин навиштааст: *«Ҳавасмандии умумии инсонӣ аз ҳавасмандии миллат, ҳавасмандии миллат аз ҳавасмандии табақаҳои алоҳида, ҳавасмандии аксарият аз ҳавасмандии ақаллият бартарӣ дорад».*

Ба ақидаи олим, ба инсон набояд ҳамчун ашроф ё вассал, соҳиби корхона ё коргар муносибат кард, балки бо ҳамаи одамон рафтори саҳеҳ, нек ва зебо кард, ки ин муносибати ҳақиқӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ аст. Чернишевский дар асараш «Чӣ бояд кард?» дар бораи ҷомеаи идеалӣ тасаввуроти худро баён карда, озодии шахсро асоси ҷомеаи адлпеша меҳисобад. Сотсиализми Чернишевский хусусияти утопистӣ, яъне хаёлӣ дошт, аммо вай аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва ахлоқӣ барои исбот кардани он кӯшиш кардааст. Чернишевский дар мулоҳизаҳои этикии худ он чизе, ки барои инсоният новобаста аз миллат ва табақа муфидаст, «некӣ» номидааст.

Ҳамин тавр, дар асри XIX инқилобчиёни рус - Белинский, Гертсен, Чернишевский, Добролюбов, Писарев, Салтиков-Шедрин, Шелгунов, Танеев ва дигарон бо ғояҳои ахлоқии худ, баҳри демократикунонии ҳаёти ҷамъият мубориза бурданд. Онҳо таълимоти худро дар зери ғояҳои материалистони франсуз С.Симон, Ш.Фуре, файласуфи англис Р.Оуэн ва олими немис Л.Фейербах инкишоф доданд.

# ЭТИКАИ МАРКСИСТӢ

Карл Маркс ва Фридрих Энгелс асосгузорони таълимот ва ахлоқи марксистӣ мебошанд. Онҳо назарияи инқилоби сотсиалистиро кашф карданд, ки тибқи он синфи коргар танҳо ба воситаи аслиҳа ҳокимияти сиёсиро ба даст оварда метавонад.

**Карл Генрих Маркс** файласуф, сотсиолог, иқтисоддон, нависанда, шоир, рӯзноманигор ва арбоби ҷамъиятӣ мебошад. Маркс 5-уми майи соли 1818 дар шаҳри Трири Олмон ба дунё омада, 14 - майи соли 1883 дар Лондон вафот кардааст. Ӯ дар рушди илм саҳми бонуфуз гузоштааст. Карл Маркс дар фалсафа назарияи материализми таърихӣ ва диалектикӣ, дар иқтисодиёт назарияи арзиши даромад ва дар сиёсат назарияи муборизаи синфиро асос гузошт. Ин назарияҳо таҳкурсии идеологияи коммунистӣ ва сотсиалистӣ гардида, номи «таълимоти марксистӣ»-ро гирифтаанд. Карл Маркс муаллифи асари «Сармоя» (1867) мебошад.

**Фридрих Энгелс** (1820, Вуппертал - 1895, Лондон) олим, файласуф ва мутафаккири олмонӣ аст. Дар оилаи бофанда ба дунё омадааст. Ӯ дар мактаб, баъд дар гимназия таҳсил кардааст. Аммо дар зери тазйиқи падараш гимназияро тарк карда, дар ширкати савдо фаъолият мебарад. Ҳамзамон фалсафа, таърих, адабиёт ва дигар илмҳоро мустақилона меомӯзад. Ба мусиқӣ ва шеърнависӣ рағбати зиёд дошт. Энгелс инчунин дар дарсҳои лексионии Университети Берлин иштирок мекард. Энгелс бо таклифи падараш дар шаҳри Манчестри Англия фаъолияти худро идома дода, дар он ҷо аъзои Ҳизби коргарии чартистон мегардад ва соли 1844 ба ватанаш баргашта, ба ҳаракати сотсиалистон ҳамроҳ мегардад. Вай дар рӯзномаву маҷаллаҳо чун инқилобгар бар зидди сохти фарсудаи сармоядорӣ бо ақидаҳои илмию сиё-

сии худ баромад мекунад. Энгелс соли 1942 бо муҳаррири рӯзномаи "Рейн" Карл Маркс вохӯрда, бо ӯ ошно мегардад. Фаъолияти минбаъдаи Энгелс ҳамроҳи дӯст ва ҳамқадамаш Карл Маркс ба амал меояд. Онҳо дар якҷоягӣ асарҳои "Оилаи муқаддас", "Идеологияи немис" (1845), "Манифести Ҳизби коммунистӣ" (1848) ва ғайраро навиштанд.

Фридрих Энгелс муаллифи асарҳои "Аҳволи синфи коргари Англия", "Диалектикаи табиат", "Дар масъалаи манзил", "Дар бораи эътибор", "Зидди Дюринг", "Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат" мебошад.

Таълимоти марксистӣ дар заминаи сотсиализми хаёлии фаронсавӣ, фалсафаи классикии немис ва иқтисоди сиёсии классикони англис ба вуҷуд омада, ба бунёди ҷомеаи боадолат равона карда шудааст. Маркс ва Энгелс сохти сармоядориро сохти беадолат меноманд. Онҳо исбот карданд, ки сохти капиталистӣ хусусияти зидди инсонӣ дошта, дар он пешравии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ғайриимкон аст, меҳнати кироя ба мақсади ба даст овардани даромад истифода бурда шуда, аз ҷиҳати руҳию ҷисмонӣ шахсияти инсонро барбод медиҳад.

Ҷаҳонбинии фалсафаи марксистӣ ғояҳои пешқадамтарин дар таърихи илми этика мебошанд. Этикаи марксистӣ таълимоти инсонпарвар аст. Мувофиқи он инқилоб меҳнаткашонро аз истисмор раҳо дода, ҷамъияти боадолатро сохта метавонад, зеро, синфи меҳнаткаш муҷаддиди ахлоқи башар аст. Олам макони амалиёти инсон буда, шахс бо тафаккури худ онро дигаргун карда метавонад, бунёди ахлоқи нек дар ҷамъият ногузир аст, байни инсон ва олами воқеӣ муносибати дӯстона бояд амал намояд.

То асри XIX дар илми фалсафа ахлоқ ҳамчун зуҳуроти маънавӣ маҳдуд буд. Этикаи марксистӣ ба ахлоқ мубоизаи сиёсиро дохил кард, инкишофи таърихро чун ҷараёни табиӣ ва иҷтимоӣ исбот намуда, рисолати озодибахши

синфи коргарро муайян кард. Карл Маркс ва Фридрих Энгелс симоҳои барҷастаи қарни XIX буда, бо ақидаҳои худ ҷаҳонро тағйир доданд, ки ин кашфиёти бузурги ахлоқӣ буд. Маркс ва Энгелс муборизони роҳи ҳақиқат, адолат ва саодат буданд. Ғояҳои онҳо баҳри барҳам додани зулму таадӣ ва тантанаи некӣ, ҷорӣ кардани қонун ва сиёсати одилона, баробарҳуқуқии кулли одамон, пойдор намудани осоиш ва ҳамкорию дӯстии халқу миллатҳо равона карда шудаанд. Асарҳои ин файласуфон беш аз 80 миллион нусха нашр шудаанд.

К.Маркс ва Ф.Энгелс бо таълимоти ахлоқии худ дар рушди илми этика саҳми барҷаста гузоштанд. Назария ва этикаи марксистиро В.И.Ленин инкишоф дода, дар амал татбиқ кард.

**Владимир Илич Ленин** (1870 - 1924) бунёдгузори давлати шӯравӣ ва муаллифи асарҳои сершумори илмӣ мебошад. Куллиёти В.И.Ленин 50 ҷилдро дарбар мегирад.

Асосгузорони назарияи марксистӣ қонунҳои тараққиёти ҷамъияти инсониро омӯхта, онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил карданд. Онҳо ногузир будани бунёди ҷомеаи боадолатро исбот намуданд, ки моҳияти онро гуманизм ташкил медиҳад.

## ТАЗОДҲО ВА ПИРӮЗИҲОИ АХЛОҚИИ САДАИ XX

Дар натиҷаи фарсуда гардидани сохти сармоядорӣ 25 октябри соли 1917 дар Русия инқилоби сотсиалистӣ ғалаба кард ва давлати шӯравӣ таъсис ёфт, ки он нахустин давлати меҳнаткашон дар таърихи башарият мебошад. Ин давлат минбаъд номи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС)-ро гирифта, аз моҳи декабри соли 1922 то августи 1991 арзи вуҷуд дошт.

Дар сохти сотсиалистӣ истисмори одам барҳам хӯрд, моликияти хусусӣ ба моликияти ҷамъиятӣ табдил ёфт ва шаҳрвандон баробарҳуқуқ гардиданд. Ин дастоварди беназир дар рушди ахлоқ буд. Дар солҳои мавҷудияти ИҶШС дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа комёбиҳо ба даст овარда шуданд. Бо вуҷуди ин дар давлати ИҶШС норасоиҳои сиёсӣ ҷой доштаанд: роҳбари давлат ба таври интихобӣ ба сари ҳокимият намеомад ва раъйи шаҳрвандон дар низоми сиёсӣ ба инобат гирифта намешуд.

Дар нимаи дуюми асри XX якчанд давлатҳо (Чин, Лаос, Кореяи Шимолӣ, Муғулистон, Албания, Булгористон, Маҷористон, Лаҳистон, Руминия, Югославия, Чехославакия, Куба) роҳи тараққиёти сохти сотсиалистиро интихоб карданд. Лекин дар давлатҳои сотсиалистӣ идоракунии тоталитарӣ вуҷуд дошт. Дар ин режими сиёсӣ давлат аз рӯи як идеология ва ҳизб амал карда, фаъолияти ҷамъият зери назорати ҷиддӣ қарор дошт, манфиатҳои давлат иҷборан ба ҳаёти шахсии одамон дохил карда шуд, озодии ақида вуҷуд надошт, ки ин раванди зидди ахлоқ мебошад.

Сохти сотсиалистӣ низ ҷомеаи идеалӣ набуд ва ба ахлоқ пурра ҷавоб дода наметавонист. Аммо, ин сохти ҷамъиятӣ

нисбати ҷомеаҳои истисморгар бартарӣ дошт ва мақсади он бунёди ҷомеаи адолатпарвари коммунистӣ буд.

Дар натиҷаи бӯҳрони умумӣ давлати тавонои ҷаҳон ИҶШС моҳи августи соли 1991 пош хӯрда, ҷумҳуриҳои он соҳибистиқлол гаштанд. Дар зери таъсири ин воқеа дар дигар давлатҳои сотсиалистӣ низ табаддулоти сиёсӣ ба вуҷуд омада, онҳо (ғайр аз Куба, Чин ва Кореяи Шимолӣ) роҳи демократии тараққиёти ҷомеаро пеш гирифтанд.

Демократия - калимаи юнонӣ буда, маънояш "ҳокимияти халқӣ" мебошад. Дар давраи муосир шакли идоракунии демократӣ дар бисёр давлатҳо амал карда, он ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва ташаккули ҳаматарафаи инсон мусоидат менамояд.

Дар нимаи асри XX дар арсаи байналмилалӣ воқеи мудҳиш - ҷанги дуюми ҷаҳон (1.09.1939 - 2.09.1945) ба вуқӯъ омад, ки он 75 давлат ва 60 фоизи аҳолии дунёро фаро гирифт. Ин ҷанг байни ду низоми сиёсӣ - сотсиалистӣ ва капиталистӣ ба амал омад. Ҷанги дуюми ҷаҳон саҳифаи сиёҳтарини таърих буда, он дар хотираи инсоният дарду алами фаромӯшнопазирро боқӣ гузошт. Ин ҷанг зиддияти бузурги ахлоқӣ буд, ки дар натиҷаи он беш аз 50 млн одамон ҳалок гардиданд. Оқибати нангини ҷанг инсониятро водор намуд, ки баҳри сулҳ мубориза баранд, то ки чунин ҳодиса такрор наёбад. Бо ҳамин мақсад баҳри таъмини сулҳ ва ҳифзи озодии инсон дар шаҳри Сан-Франсискои ИМА (24.10.1945) бо намояндагони 51 давлат Созмони Милали Муттаҳид таъсис ёфт.

Аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ "Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар" қабул карда шуд (10.12.1945). Ин аввалин санади байналмилалӣ, ки тамоми одамонро озод ва баробарҳуқуқ эълон намуда, дар он чунин зикр шудааст: "Ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад" (м. 3). СММ соли 1960 "Эъломия дар бораи ба

давлатҳо ва халқҳои мустамлика додани истиқлолият" - ро қабул кард, ки дар натиҷаи он давлатҳои тобеъ ва нимтобеъ соҳибихтиёр гаштанд.

Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи сулҳ ва озодӣ зиёда аз 100 ҳуҷҷати муҳим қабул карда, онҳоро дар амал татбиқ намуд. СММ дар тӯли 70 соли фаъолияти худ барои пирӯзии гуманизм талош варзида, дар ҷабҳаи ахлоқ ҷаҳиши азим ба амал овард. СММ созмони бонуфузтарини дунё буда, ҳоло 190 давлат узви он мебошад.

# ИЛМИ ЭТИКА ВА ЗАМОНИ МУОСИР

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX давраи пур аз фоҷиаву табаддулот гардид: шӯришу инқилобҳо, ҷангҳои ҷаҳонӣ, тақсимоти ҷаҳон ба ду низоми сиёсии ба ҳам муқобил ва ғайра. Ҳамаи ин равандҳо ба инкишофи ақидаҳои ахлоқӣ таъсири худро расонид ва дар илми этика ду ҷараён - этикаи зӯроварӣ ва этикаи безӯроварӣ ба амал омад.

Этикаи зӯроварӣ. Намояндагони ин ҷараён К.Маркс, Ф.Энгелс, Ф.Нитшсе ва Е.Дюринг буданд. Ф.Нитшсе ва Е.Дюринг роли зӯровариро муҳим ҳисобида, қайд мекунанд, ки инсон барои барҳам додани зулму истисмор ва беҳтар кардани ҳаёти худ ҳуқуқ дорад. Этикаи зӯроварӣ дар асарҳои В.И. Ленин инкишоф дода шуда, номи «диктатураи пролетариат»-ро гирифтааст. Диктатура - калимаи лотинӣ буда, маъноаш "ҳокимияти бемаҳдуд" мебошад. Диктатураи хунинтарини асри XX - сталинизм ва гитлеризм мебошад.

Этикаи безӯроварӣ. Ин ҷараён бо баробари этикаи зӯроварӣ пайдо шуда, васеъ паҳн гардид. Принсипи асосии ҷараёни мазкур маҳв кардани ҳама гуна зӯроварӣ аз болои инсон аст, ки он ба рушди муносибати неки инсон бо табиат ва ҷамъият мусоидат менамояд.

Дар инкишофи этикаи безӯроварӣ нависандаи маъруфи рус **Л.Н.Толстой** (1828 - 1910) ҳиссаи худро гузоштааст. Ӯ қайд мекунад, ки зулм, худбинӣ, ҳасуд, мансабхоҳӣ одамро вайрон мекунанд, наздикӣ бо Худо ахлоқро нек мегардонад ва дар ҳаёт принсипи этикаи дини насронӣ «ба бадӣ набояд бо бадӣ ҷавоб дод»- ро бояд риоя кард.

Намояндаи дигари этикаи безӯроварӣ **Мартин Лютер Кинг** (1929 - 1968) мебошад. Ӯ дар роҳи осоиш ва баробарҳуқуқии сиёҳпӯстони африко-америкоӣ мубориза бурда, дар ин ҷабҳа ба ҷоизаи Нобелӣ ноил гардидааст. Кинг дар Ню-Йорк «Институти этикаи безӯроварӣ»- ро таъсис дод.

Вай принсип ва усулҳои асосии инкишоф додани гуманизмро кор карда баромад. Кинг таъкид мекунад, ки амалӣ сохтани ин принсип вазифаи душвор аст, лек онҳо барои инсон вазъи мӯътадили ҳаётро муҳайё менамояд, муҳаббат нерӯи пешбарандаи инсон буда, ҳатто аз душманон низ онро набояд дареғ дошт, бахшида тавонистан хислати беҳтарини инсон аст.

Яке аз гуманистони намоёни асри XX сиёсатмадори Ҳиндустон **Индира Ганди** (1917 - 1984) мебошад. Индира барои истиқлолияти Ватани худ муборизаи осоишта бурдааст. Ӯ қайд менамояд, ки этики безӯроварӣ танҳо ба одами бохирад хос аст, муҳаббат қонуни зиндагӣ аст ва қисмат ба шахси бомуҳаббат аҷри зиёд ато менамояд, алоқамандии хирад ва муҳаббат таҳкурсии этикаи безӯроварӣ аст.

Дар рушди этикаи безӯроварӣ файласуфи немис, диншинос, мусиқишинос, табиб ва барандаи ҷоизаи Нобел **Алберт Швейсар** (1875 - 1965) саҳми худро гузоштааст. Ӯ нуқтаи олии этикаи безӯровариро кор карда баромад, ки он хайрхоҳӣ аст, тарбияи ҳисси муҳаббат ва эҳтиром дар натиҷаи камолоти табиии инсон имконпазир аст. Этикаи Швейсар инкишоф додани хислатҳои некро дар инсон ногузир меҳисобад.

Дар асри XX ва оғози қарни XXI илми этика ҳаматарафа инкишоф ёфт. Дар ин давра муҳаққиқон муаммоҳои ахлоқи инсонро таҳқиқ намуда, доир ба илми этика асарҳои зиёд офариданд. Аз ҷумла,

- *Йодль Ф. Т. История этики в новой философии. 1-2. - М., 1896.*
- *Спенсер.Основания этики. - СПб., 1899.*
- *Паульсен Ф. Основа этики. - М., 1906.*
- *Предмет и система этики. - Москва-София, 1973.*
- *Дробницкий О. Г. Понятие морали. - М., 1974.*
- *Мур Дж. Принципы этики. - М., 1984.*
- *Гусейнов А. А.Краткая история этики. - М., 1987.*
- *Соловьев В. С. Оправдание добра. Нравственная философия. - М., 1988.*

- *Витгенштейн. Лекция по этике. Ист. – философ.ежегодник. - М.,1989.*
- *Гусейнов А.А., Дубко Е.Л. Этика. - М., 2000.*
- *Канке В.А. Современная этика. - М., 2007.*
- *Гусейнов А. А.Великие моралисты. - М., 2008.*

Доир ба фанни этикаи касбӣ низ асарҳои зерин таълиф ёфтанд:

- *Ботавина Р. Н. Этика деловых отношений. - М., 2001.*
- *Гурьянов Ю. Г. Этика предпринимательства. - Кировоград, 2002.*
- *Беспалова Ю. М. Деловая этика и деловой этикет. - Тюмень, 2003.*
- *Асадов А. Н., Саядян Н. М. Культура делового общения. - СПб., 2003.*
- *Кузнецов И. Н. Деловой этикет. - М., 2004.*
- *Андреева И. В. Этика деловых отношений. – СПб., 2005.*
- *Громова Н. М. Деловое общение. - М., 2005.*
- *Егоршин А. П. Этика деловых отношений. - Нижний Новгород, 2005.*
- *Бородин В. А., Соколянский В. В. Этика бизнеса. - М., 2006.*

Дар садаи бистум дар илми этика якчанд шохаҳои алоҳида, ба монанди этикаи назариявӣ ва амалӣ, этикаи касбӣ, этикаи экологӣ, этикаи сиёсат ва давлатдорӣ, этикаи духтур, этикаи омӯзгор, этикаи дипломатия, этикаи идоракунии муассиса, этикаи оиладорӣ, этикаи муоширот, этикаи шахсӣ, этикаи рафтор ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Дар ин давра доир ба масъалаҳои ахлоқ рисолаҳои зиёд ба табъ расида, илми этика ғанӣ гардид.

Ҳамин тавр, дар замони муосир, ки давраи нашъунамои илм ва технология мебошад, дар ҷабҳаи фанни этика низ пешравиҳо ба амал омада, ҳамаи онҳо барои накӯ гардонидани ахлоқи инсон ва ҷамъият равона карда шудаанд.

# МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ИЛМИ ЭТИКА

Илми этика дар таърихи беш аз ду ҳазорсолаи худ ахлоқро чуқур ва ҳамаҷониба омӯхта, мафҳумҳои онро муайян кардааст. Яъне, илми этика ба воситаи мафҳумҳо ахлоқро таҳқиқ менамояд. Мафҳумҳои илми этика некӣ, бадӣ, адолат, қарз, виҷдон, дӯстӣ, шарму ҳаё, бахту саодат, ақлу хирад, моҳияти ҳаёт, ишқу муҳаббат, марг, ҳаёти абад ва ғайра мебошанд.

Мутафаккирон аз давраҳои қадим дар хусуси мафҳуми асосии ахлоқ баҳс мекарданд. Масалан, Афлотун андоза ва меъёрро, Арасту виҷдонро, Ибни Сино ва Форобӣ бахтро мафҳумҳои асосии ахлоқ мешумориданд. Этикаи муосир бошад, некӣ ва бадиро мафҳумҳои марказии ахлоқ ҳисобида, барои дарк кардани онҳо ба инсон кӯмак мерасонад.

Мафҳуми «нек» маъноҳои «хуб, хуш, бахайр, босалоҳ, фараҳбахш, умед, тавозӯъ, таҳаммул, тамкин, фаросат, меҳру меҳрубонӣ, боварӣ, ҳалимӣ, фурӯтанӣ, хоксорӣ, дурандешӣ, боҳимматӣ, ростӣ, нафърасонӣ» ва ғайраро дорад. Некӣ - амали бошууронаи инсон, ки ба манфиати ҷомеа равона карда шуда, боиси хушбахтии одамон мегардад.

Дини Маздаясно се ҳазор сол муқаддам некӣ ва бадиро вожаҳои асосии ахлоқ эълон кардааст (яъне Аҳурамаздо - тимсоли некӣ ва Аҳриман - тимсоли бадист). Тибқи оини Маздаясно некӯкорӣ аз оила ибтидо ёфта, рафтори нек аз руҳ ва тани солим бармеояд.

Арасту некию накӯкориро «мақсади ҳаёти инсон» номида, 12 хислати неки одамро муайян кардааст.

Мафҳуми «бад» маъноҳои «нафрат, адоват, кина, зулм, рашк, бухл, ҳасуд, хиёнат, фиреб, ғайбат, шар, хашм, гуноҳ, кибру ғурур, истисмор, коҳилӣ, дағалӣ, тундхӯӣ, бадгумонӣ, худписандӣ, осебрасонӣ, дуруғгӯӣ» ва ғайраро дорад.

Бадӣ – кирдори зишти инсон, ки боиси бадбахтии ода-

мон мегардад. Маҳз, бадӣ сабаби ҷангу ҷидолҳо, зулму ситам ва бераҳмиҳо дар ҳамаи замонаҳо буд. Сарчашмаи бадӣ нафси аммора аст.

Некӣ ва бадӣ дар ҳаёти маънавӣ хеле васеъ таҷассум ёфтааст. Ибни Сино дар асараш «Тадбири манзил» некӣ ва бадиро аз нигоҳи илм пурра таҳлил карда, ба онҳо хусусияти нисбӣ додааст, яъне ба ақидаи олим некӣ ва бадӣ ҳолатҳои тағйирёбандаи ахлоқ мебошанд.

Воқеан, ҳам инсон куллан нек ва ё бад шуда наметавонад, яъне одами бад ҳам ягон хислати некро соҳиб аст ё ки одами нек низ аз камбудӣ озод нест. Накӯкорӣ бохирадӣ аст. Инсон бояд дар ҳаққи худ ва дигарон некӣ кунад ва некиро ба худ одат гардонад. Зеро, некӣ ин талаботи ҳаёт аст. Шахс бо ақли худ некӣ ва бадиро озодона интихоб менамояд.

Виҷдон - нерӯи ниҳонии инсон буда, бо шуур ва идроку ҳиссиёти одам алоқаманд аст. Виҷдон қонуни абадӣ, нонавишта ва тағйирнопазири ахлоқ мебошад. Виҷдон ин зуҳуроти руҳӣ аст, ки инсон ба воситаи он масъулият ва қарзи шахсии худро эҳсос мекунад. Виҷдон инсонро водор менамояд, ки барои кирдораш дар назди ҷомеа ҷавоб диҳад.

Абӯнасри Форобӣ виҷдонро «масъулиятҳискунии шахс дар назди ҷомеа» номидааст. Бенедикт Спиноза виҷдонро «нидои дил» номидааст. Карл Маркс виҷдонро «дарк намудани қарзи шахсӣ ва аз рӯи ақл иҷро кардани он» номидааст.

Виҷдони пок табиатан ба инсон ато шудааст, ки зидди он амал кардан, сабаби пайдоиши бемориҳои ҷисмию руҳӣ мегардад. Поквиҷдонӣ кафолати муносибати мӯътадили шахс бо одамон мебошад. Адои қарз рӯҳи одамро осуда менамояд. Оромии рӯҳ бошад, ҷисмро нерӯманд мегардонад. Ташаккулёбии виҷдон ба муҳит, яъне оила, таълимгоҳ ва атрофиён, ки ба мафкураи кас таъсир мерасонанд, алоқаманд аст.

Адолат - инсофу тавфиқ, баробарӣ, додгустарӣ, ростгорӣ ва ғайраро ифода менамояд. Адолат – муносибатест,

ки дар асоси риояи ҳуқуқи инсон ба амал меояд.

Демокрит баробар баҳра бурдани сарватҳои табиатро «адолат» номидааст. Закариёи Розӣ барҳам додани нобаробарии иҷтимоиро «адолат» номидааст. Маркс ва Энгелс бунёди ҷомеаи адолатпешаро дар баробарҳуқуқии одамон мебинанд.

Бахт - мақсади олии инсон буда, маъноҳои «некрӯзӣ, фирузӣ, некӯаҳволӣ, саодат, иқбол, шодию нишот, толеи баланд, қисмати нек" ва ғайраро дорад. Бахт бо ҳиссиёт алоқаманд аст. Қаноатмандӣ, шукргузорӣ эҳсосоти бахтро ба вуҷуд оварад. Ҳар як инсон барои хушбахтӣ кӯшиш мекунад. Амалӣ шудани орзуҳои инсон боиси хушнудии вай мегардад. Барои ба бахт ноил шудан саломатӣ, шароити мусоид ва меҳнати мунтазам лозим аст. Дар урфияти шарқона тани солим ва хотири оромро хушбахтӣ меҳисобанд. Дарк кардани бахт танҳо дар зери ахлоқи нек имконпазир аст. Лекин, бахт дар ин дунё нопурра ва нисбӣ мебошад. Дар ин бора И.Кант чунин гуфтааст: «Хушбахтии пурра дар натиҷаи иҷро кардани талаботи динӣ, танҳо дар он дунё имконпазир аст».

Озодӣ - мувофиқи мақсад амал карда тавонистани инсон аст. Инсон аз таваллуд то вафоти худ табиатан озод мебошад (ғайр аз маҳрум аз озодӣ).

Дар ҷамъиятҳои истисморгар синфҳои поёнӣ озодии пурраи худро надоштанд ва манфиати онҳоро ҳимоя карда намешуд. Маҳз, озодӣ, адолат, баробарҳуқуқӣ орзую армони заҳматкашон дар тӯли садсолаҳо буд. Мафҳуми озодӣ дар мактабҳои динию фалсафии шарқу ғарб хеле васеъ таҷассум ёфтааст. Ранги сурхи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон низ далели қурбониҳои аҷдоди мо дар роҳи озодӣ аст.

Ишқ - эҳсосоти баланди рӯҳии инсон буда, мақсади он барпо кардани оила дар асоси никоҳ мебошад. Ишқ маъноҳои «меҳр, майл, дӯстдорӣ, шефтагӣ, навозиш, лутфу марҳамат» - ва ғайраро фаро мегирад. Ишқ ҳиссиёти латиф ва шафофест байни дилдодагон, ки танҳо покти-

натиро меписандад. Ишқ назокат ва латофати инсон аст. Ишқ мафҳуми мукаммали ахлоқ буда, дар ҳаёти маънавӣ ба таври махсус инъикос ёфтааст.

Мувофиқи таълимоти тасаввуф ишқ ва эҳсосоти қалбӣ волотар аз хирад аст. Абӯнасри Форобӣ дар асарҳои худ «Мадинат-ул-фозила», «Мадинат - ус - сиёсат» оиди ишқ ақидаҳо баён кардааст. Ибни Сино дар рисолаи худ «Фимоҳият-ил-ишқ» ишқро «зебоӣ» ва зебоиро «камолоти одам» меномад. Сино ишқро таҳқиқ карда, ду ҷиҳати он - рағбати тан ва ҷонро нишон додааст. Ӯ ишқро боиси қаноатмандии маънавии одамон, чун воситаи идораи тан аз тарафи ақл ва идораи нафс аз тарафи руҳ эзоҳ дода, нафсро ба ҳайвонӣ, наботӣ ва нотиқа ҷудо кардааст.

Ишқ дар бисёр лаҳзаҳо бо мафҳуми муҳаббат шабоҳат дорад. Аммо, муҳаббат нисбати ишқ маънои васеъ дорад. Масалан, муҳаббат ба волидайн, ватан, ёру дӯст, касбу ҳунар ва ғайра.

Муҳаббат эҳсосоти поки инсон аст. Қароргоҳи меҳр қалби инсон аст. Меҳр сафобахшу зиёбахш ба рӯҳу ҷони одам ва пайвандгари қалбҳо аст. Ҷисм аз бегизоӣ ва рӯҳи инсон аз бемеҳрӣ бимирад. Меҳр гавҳари бебаҳо аст. Нафақат инсон, балки тамоми мавҷудоти зинда ба меҳр ниёз дорад. Муҳаббат ҳақиқат, зебоӣ ва накӯкорӣ аст. Ибни Сино навиштааст: «Муҳаббат - асоси мавҷудияти ҷамъияти одамони озод ва комил аст».

Дӯстӣ - муносибати беғаразонаи ду ва ё якчанд одамон аст. Дустӣ кушодадилии одамонро ифода карда, дар зери муоширати бетамаъ мустаҳкам мегардад. Дустӣ дар натиҷаи боварӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ҳавасмандии ягона ба вуҷуд меояд. Ниёгон дӯстонро ба се тоифа - ҷонӣ, забонӣ ва нонӣ ҷудо кардаанд.

Ҳамин тавр, тавассути мафҳумҳои ахлоқ ташаккул додани одоби писандида мақсад ва вазифаи илми этика аст. Риоя ва татбиқ кардани мафҳумҳои ахлоқ талаботи этика мебошад.

# АХЛОҚ ВА ҶОМЕА

Ба даст овардани баробарии иҷтимоӣ ва озодии шахсӣ ҳадафи асосии башарият дар ҳамаи давраҳо буд. Ҳалли ин муаммо на танҳо вазифаи илми этика, балки кулли фанҳои гуманитарӣ мебошад.

Таҳлили ақидаҳои ахлоқӣ нишон медиҳад, ки рушди ахлоқ доимо бо шароити иқтисодию иҷтимоӣ алоқаманд буд. Фурӯравии ахлоқ бештар дар давраҳои буҳрони маънавӣ ба назар мерасид, яъне ин хусусият ба давраи гузариш (аз як сохт ба сохти дигар) хос аст. Илми этика нишон медиҳад, ки дар таърих «асри тиллоӣ» вуҷуд надошт, фақат пешравии тадриҷӣ дар инкишофи ахлоқ ба чашм мерасид: васеъшавии ҳуқуқи интихоб, қадр кардани мавқеи шахс, соҳиб шудани инсон ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, рушди демократия ва ғайра. Бинобарин, ташаккулёбии ахлоқ ин равиши мутлақ набуда, балки қадамҳои мунтазам ва зиддиятнок баҳри мӯътадил гардонидани муносибати байни одамон мебошад.

Ҳар зинаи ахлоқ дар натиҷаи муборизаи некӣ бар бадӣ ба даст оварда шудааст. Пешбарандаҳои ахлоқ табақаи меҳнаткашон буданд. Рушди ахлоқи инсоният ин дохилшавии паи ҳам ба қуллаҳои нави маънавӣ мебошад. Афзун шудани худписандӣ, кӯҳнапарастӣ ва маҳдудияти ҳавасмандии синфҳои нав зидди инкишофи объективонаи ахлоқ буданд. Дар ин бора файласуф ва нависандаи ирландӣ Оскар Уайлд (XIX) чунин навиштааст: ***«Беитоатӣ - нақӯкории асосии инсон, ки ба шарофати он прогресс имконпазир гардид».***

Дар замони кунунӣ дар натиҷаи суръати тези тараққиёти илм функсияҳои ахлоқ васеъ гардида, рушди он шиддат гирифт. Инкишофи ахлоқ таҷассуми зиддиятҳои ҳақиқии иҷтимоиро инъикос карда, ҳалли онҳо ба инсон

вобастааст. Ҳоло ихтилофоти нави ахлоқӣ, ба монанди фасодзадагӣ (коррупсия), нашъамандӣ, терроризм, амалиёти гурӯҳҳои ҷиноии муташаккил, депрессияи умумӣ ва ғайра муаммои ҷиддии имрӯза мебошанд. Роҳҳои ҳалли зиддиятҳои номбурда, баҳра бурдан аз маънавиёти ғании башар, иҷрои қарзи ахлоқӣ ва мубориза беамон алайҳи ҳама гуна беахлоқиҳо мебошанд.

Болоравии нуфузи ахлоқ, фароҳам овардани шароити моддию маънавӣ, афзоиши рӯҳияи гуманизм аломатҳои пешравии ахлоқ мебошанд. Принсипҳои этикаи муосир маҳсули инкишофи маънавиёти ҷамъияти инсонӣ буда, онҳо дар тӯли ҳазорсолаҳо ба даст оварда шудаанд. Принсипҳои ахлоқ дар зери ақидаҳои динӣ, маданияти давраҳои гуногун ва урфу одатҳои халқу миллатҳо пайдо шудаанд.

Принсипҳои ахлоқ - маҷмӯи қоидаҳое, ки инсон дар асоси онҳо зиндагӣ мекунад. Принсипҳои ахлоқ тасаввурот дар бораи некӣ буда, онҳо ба вуқӯъ омадани амалҳои ношоямро пешгирӣ менамоянд. Принсипҳои ахлоқ талаботи маънавӣ буда, бар зидди худбинии шахс баромад мекунанд. Принсипҳои ахлоқ қисми ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии инсон буда, дар зери онҳо шахс мақоми иҷтимоии худро дар ҷомеа ба даст меоварад. Ахлоқи муосир риояи принсипҳои зеринро аз ҳар як шахс тақозо менамояд.

Гуманизм – калимаи юнонӣ буда, муштақ аз вожаи «human» - «инсон» мебошад. Тибқи гуманизм инсон мавҷуди олӣ ва наҷиби олам буда, тамоми дастовардҳо бояд ба саодати одам хидмат намоянд. Дар ин хусус файласуфи Юнони қадим Софокл гуфтааст: *«Дар олам муъҷизаҳо бисёранд, лекин инсон мӯъҷизаи аз ҳама олӣ аст».* Дар ғарб Суқрот, дар шарқ Шайх Саъдӣ поягузорони гуманизм мебошанд. Дар давраи Эҳё Ҷ.Бруно, Ҷ.Локк, Б.Спиноза, Р.Декарт гуманизмро рушд доданд. Дар давраи маорифпарварӣ аз тарафи сотсиалистони хаёлӣ С.Симон, Ш.Фуре, Р.Оуэн

одамият тарғиб карда шудааст.

Гуманизм асоси ахлоқро ташкил медиҳад. Гуманизм ҷаҳонбинние мебошад, ки ба инкишофи руҳӣ ва ҷисмонии шахс мусоидат намуда, эҳтиром ва қадр кардани инсонро ногузир меҳисобад. Гуманизм инсонро дар маркази олам қарор дода, рӯҳонияти одамро аз ҳастӣ ва моддиёт боло мегузорад. Гуманизм яке аз принсипҳои давлати демократӣ буда, ҳама институтҳои идоракунӣ дар зери он амал мекунанд.

Муттаҳидӣ - ҳамфикрӣ, тифоқӣ, ҳамкорӣ ва рафоқати халқу миллат, нажодҳо ва одамонро инъикос менамояд. Иттиҳоди одамон ҳанӯз дар сохти ибтидоӣ ба вуҷуд омада, тамоми пешравиҳои ҳаёт дар зери он ба даст оварда шуданд. Моҳияти ҳаёти инсон низ аз ягонагию тифоқӣ иборат буда, хушбахтиҳо дар зери он имконпазир мегарданд. Муттаҳидӣ ҳоло ҳамдилии тамоми инсониятро ифода карда, мақсади он бунёд кардани сатҳи баланди ҳаёт мебошад. Падидаҳои номатлуб, ба монанди миллатгароӣ, маҳалгароӣ, сионизм, шовинизм, фашизм мухолифи муттаҳидии одамон мебошанд. Ваҳдат нерӯи тавоноест, ки одамонро ба қуллаҳои баланди пирӯзиҳо хоҳад расонд.

Ватандӯстӣ - муҳаббат ба меҳан, миллат, анъанаҳои беҳтарини одамиро ифода менамояд. Дар адабиёти бадеӣ Ватанро азизу муқаддас шумурда, онро ба модар ташбеҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, дӯст доштан, ҳимоя кардан, тараққӣ додани Ватан - Модар қарзи инсон аст. Муҳаммад (с) фармудаанд: *«Дӯст доштани Ватан аз имон аст» (Ҳубб-ул-ватани мин-ал- имони).*

Меҳнатдӯстӣ. Инсон тавассути забон, шуур ва меҳнат аз мавҷудоти дигар тафовут дорад. Меҳнат - амали бошууронаест, ки мақсади он истеҳсол кардани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад. Меҳнат ба се намуд - ҷисмонӣ, фикрӣ ва теникию технологӣ ҷудо мешавад. Меҳнат воситаи тарбияи шахс аст. Дар ин бора Т. Мор, Компанелла,

Руссо, Радишев, Добролюбов, Ушинский ва дигарон ақидаҳо баён кардаанд. К.Маркс дар асари «Сармоя» нақши бузурги меҳнатро дар ҳаёти инсон исбот кардааст.

Меҳнат хусусияти эҷодӣ дорад, яъне шахс доимо касбу кори худро такомул дода, дар он навоварию эҷодкорӣ пайдо карда метавонад. Меҳнат барои рушди қобилият ва маҳорати инсон мусоидат менамояд. Меҳнати ҷамъиятӣ дар асоси муносибати байниҳамдигарии одамон ҷараён мегирад. Меҳнат яке аз хусусиятҳои муҳими ахлоқ буда, он дар баҳодиҳӣ ба шахсияти одам аҳамияти муҳим дорад. Меҳнат принсипи умумии ҳаёт буда, манбаи ташаккули ҳаматарафаи инсон аст.

# АХЛОҚ ВА МОҲИЯТИ ОН

Дар тӯли қарнҳои зиёд одамон дар бораи зиндагии хушбахтона, ки аз меҳр, умед, боварӣ, шараф, некӣ, адл, зебоӣ, дӯстӣ иборат аст, орзу мекарданд. Онҳо ҳамеша барои ба даст овардани арзишҳои ахлоқ кӯшиш доштанд. Дар ривояту асотир, ҷаҳонбиниҳо ин ормони башарият инъикос ёфтаанд.

Синфи меҳнаткаш ахлоқи беҳтарини башарро мерос гирифта, онро дар ҷараёни меҳнат инкишоф дод. Зеро, ташаккули ахлоқ танҳо дар фаъолияти меҳнатӣ имконпазир аст. Байни ахлоқ ва муносибатҳои иқтисодӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад. Ахлоқ аз олами моддии одамон сарчашма мегирад. Яъне ахлоқ ин олами маънавӣ буда, бо олами моддӣ робитаи диалектикӣ дорад.

Инсон бидуни ҷомеа ва ҷомеа бидуни инсон вуҷуд дошта наметавонад. Чуноне, ки ҷомеа инкишоф ва тағйир меёбад, ахлоқ низ рушд ёфта, дигаргун мешавад. Илми этика моҳияти ахлоқро муайян намуд, яъне ахлоқ он гоҳ пешқадам шуда метавонад, ки талаботи ҷамъиятро қонеъ карда тавонад. Ахлоқ таҳкурсии ҳаёти маънавӣ буда, ҷамъиятро ба пеш такон медиҳад.

Дар ҷомеаи имрӯза ахлоқ хусусияти мураккаб ва бисёрҷабҳа дорад. Ахлоқ вазифаҳои мураттабсозӣ (воситаи танзимнамоӣ), инъикоскунандагӣ (воситаи ба дастоварии комёбиҳо), мӯътадилгардонӣ (воситаи ҳалли муноқишаҳо), маърифатноккунӣ (воситаи донишомӯзӣ) ва ғайраро иҷро мекунад. Ахлоқ аз шахс дониш, таҷриба, ҳунар ва одамиятро талаб менамояд. Ахлоқ ҷабҳаи сабтшудаи ҷомеа аст, ки аз урфу одат, қонуният, меъёрҳои давлатӣ ва динӣ маншаъ гирифта, чун нерӯи таъсирбахши ҷомеа амал мекунад. Тафаккури ахлоқӣ осеб нарасонидан ва эҳтироми

якдигарро аз одамон талаб менамояд. Қоидаҳои ахлоқ ба се гурӯҳ - ҳатмӣ, зарур, нолозим ҷудо мешаванд. Ахлоқ ва одоб вожаҳои паҳншудатарин мебошанд. Адаб, одоб - калимаҳои арабӣ буда, хушахлоқӣ, шарму ҳаё, таълиму таъдибро ифода мекунанд. Одоб низ ҷузъҳои худро дорад, ба монанди одоби муҳаббат, одоби виҷдон, одоби қарз, одоби ризоият ва ғайра. Одоб - амали озодонаи инсон буда, табиат ва хислатҳои фитрии шахсро фаро мегирад. Одоб маданияти шахсро инъикос мекунад .

Вуҷуди инсон аз ду мабдаъ - ҷисм ва рӯҳ иборат аст. Тарбияи этикӣ ба инкишофи руҳонияти шахс мусоидат менамояд. Ҷисми инсон то ба балоғат расидан рушд намояд, камолоти рӯҳию ахлоқии вай аз таваллуд то вафоташ идома меёбад. Яъне шахс ҳамеша дар ташаккули ахлоқӣ аст. Инкишофи ахлоқ танҳо дар шароити озод имконпазир аст. Инсон маҳз бо одобаш дар ҷамъият шинохта мешавад.

Рафтори шахс мафҳуми серпаҳлӯ буда, дар зери риоя кардани меъёр ва қоидаҳои этикӣ зоҳир мегардад. Ахлоқи шахс аз давраи кӯдакию бачагӣ дар асоси қонунҳои объективона ва омилҳои иҷтимоӣ инкишоф меёбад.

Олами моддӣ яктост, аммо олами маънавӣ бешумор аст. Олами маънавии инсон аз виҷдон, ҳиссиёт, идрок,ирода, эътиқод, ақида ва ғайра иборат буда, он тавассути ахлоқ дар олами беруна таҷассум меёбад. Эҳсосот ва мулоҳизаҳо ибтидои ахлоқи инсон буда, онҳо дар зери шароити моддӣ ба вуҷуд меоянд. Хислатҳои фитрӣ маҷмӯаи рӯҳоният ва шуури шахсро инъикос менамоянд. Инсон амали худро ба воситаи меъёрҳои этикӣ идора мекунад.

Хирад, маърифат ва ахлоқ ба ҳам алоқаманд мебошанд. Хирад дониш ва ахлоқро ташаккул медиҳад. Хирад ҷавҳари вуҷуди инсон буда, он инкишофёбанда ва кӯҳнаву пирнашаванда аст. Инсон бо воситаи хирад маърифат ҳосил карда, аз ҳақиқат огоҳ мегардад ва дар заминаи он

мукаммалшавии ахлоқ ба амал меояд.

Дар ахлоқи имрӯза мафҳумҳои «рафтори зебо», «муносибати зебо» бештар истифода бурда мешаванд. Яъне, этика бо илми эстетика алоқаманд аст.

Эстетика - калимаи юнонӣ буда, маъноящ «эҳсос кардани зебоӣ» аст. Зебоӣ - мафҳуми этикӣ, ки хусусиятҳои инсон ба монанди камолот, пурмазмунӣ, бомаъноӣ, муайянӣ, мукаммалӣ ва ғайраро инъикос менамояд. Муносибати зебо алоқаи байни ҳамдигарии одамонро фаро мегирад. Тибқи он нигоҳи шахс нисбати олам бояд нек бошад, ки он гоҳ ҷаҳонбинии шахс ҳақиқӣ ва озод мегардад. Зебоии дохилӣ дар натиҷаи кӯшиш ба саодат пайдо мешавад, яъне шахс дар ҷараёни инкишофи ахлоқӣ накӯкориро меомӯзад. Амали зебо - рафтори шахс дар роҳи некӣ буда, дар раванди бартараф кардани бадӣ ба вуҷуд меояд.

Этика бидуни эстетика вуҷуд дошта наметавонад. Инсон зебопараст аст ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи зебоӣ аст. Хушахлоқӣ зебоии ҳақиқӣ аст, ки бо тарбия ҳосил мегардад. Худи ҳаёт тарбиятгари бузург аст, ки бо тазоду санҷишҳои худ инсонро тарбия мекунад. Ҳаёт шоҳиди ҳамаи рафтори одам буда, ӯро ба накӯкор будан водор месозад. Дар роҳи тарбия устоди нахустини шахс хиради ӯ аст. Инсон баҳри камолоти ахлоқӣ ба амали нек кӯшиш менамояд. Лек, ҳаёт дар ин роҳ ба вай садду монеаҳоро пеш меоварад. Одам гоҳо гувоҳи он мегардад, ки зӯроварӣ аз ҳуқуқ, фиреб аз шараф боло рафта, бегуноҳ гунаҳгор мегардад ё ки гунаҳгор бе ҷазо мемонад. Ин беадолатӣ набояд одамро рӯҳафтода намуда, ӯро ба сӯи нобудӣ барад. Баръакс, инсон ба пирӯзии некӣ бар бадӣ умед баста, алайҳи ҳар беинсофию бераҳмӣ бо иродаи қавӣ ва бо дастгирию машварати ёру дустон мубориза бурда метавонад.

Рушди ахлоқи шахс дар он зоҳир мегардад, ки инсон манфиати худро аз манфиати ҷомеа боло нагузорад. Дар

ислоҳ кардани ахлоқ орому хомӯш сохтани нафс вазифаи инсон аст. Одоби накӯ дар худидоракунии дохилии шахс зоҳир ёфта, он ба воситаи сабр ба амал меояд.

Сабр - аломати хирад аст. Бо ёрии сабру таҳаммул душвориҳо паси сар мегарданд ва кас ба мурод мерасад. Ахлоқ аз шахс сабру тоқатро тақозо менамояд. Сабр бояд пешаи доимӣ бошад. Сабру қаноат мардонагӣ аст. Ниёгон сабрро ҳамчун ибодат, хислати бузургон ва калиди саодат арзёбӣ кардаанд. Дар Қуръони Маҷид омадааст: "Худо бо собирон аст" (2;153).

Ҳиммат - хислати олӣ буда, қобилияти эҳдои муҳаббатро ифода менамояд. Инсони боҳиммат нисбати одамон некбинона назар карда метавонад.

Боварӣ - муносибатест, ки дар зери эътимод ба идеал ва арзишҳои умумӣ ба вуҷуд меояд. Барои шахс боварии атрофиён муҳим аст. Ба воситаи боварӣ, кас норасоиҳои худро рафъ карда, ахлоқан рушд ёфта метавонад. Боварӣ ба устувор гардидани муносибатҳои одамон мусоидат менамояд.

Маъзур доштан - ба амали бад ҷавоб надоданро ифода менамояд. Авф кардан хислатест, ки аз рафтори одам бадиро ҷудо карда метавонад. Яъне, шахси бахшанда сабаби хатоии одамонро дарк намуда, онҳоро авф менамояд. Маъзур доштани норасоии дигарон хайрхоҳӣ аст.

Хоксорӣ - ҳалимӣ, меҳрубонӣ, фурӯтанӣ, шикастанафсиро нишон медиҳад. Одами хоксор қадри инсонро дарк ва риоя карда, худро аз дигарон боло намегузорад. Хоксорӣ олиҷанобӣ ва малакхӯӣ аст, ки аз хулқи нек далолат диҳад.

Шарм - малоҳат, нафосат ва ҳусни одоб аст. Шарму ҳаё худдорӣ аз беодобӣ мебошад. Беҳаёӣ нишонаи хулқи бад аст.

Сукут - тавозӯъ, тамкин ва мулоҳизакориро инъикос мекунад. Хомӯшӣ зиннат, шукӯҳ, қатъа, бениёзӣ ва фаровонии сирати инсон аст. Сукут саломатӣ аст. Бисёргӯӣ, гарчӣ дурри адан бошад ҳам дилро пажмурда мегардонад.

Сухани беҳуда аломати нодонӣ ва беодобӣ мебошад.

Дар ботини инсон хислатҳои нек ва бад ниҳонанд. Ҳамаи бадиҳо аз бадгумонӣ оғоз ёфта, бадандешӣ ниҳоди одамро олуда месозад.

Рашк - хислати осебрасон ба ҷони одам буда, ҷойи онро боварӣ ва садоқат бояд иваз намояд. Рашк ҳасуд ва бухл буда, одамро ҷисман ва руҳан нобуд менамояд.

Худбинӣ - кӯшиш ба манфиатҳои шахсӣ, ки аз муҳит ҷудо аст. Шахси худписанд барои муяссар гардидан ба хоҳиши худ ҳавасмандии атрофиёнро сарфи назар карда, хешро аз дигарон беҳ мепиндорад. Худбинӣ аз нафспарастӣ ба вуҷуд меояд ва оқибати он пушаймонӣ аст.

Ғазаб - ҳиссиёти тезутунд аст. Ҳини ғазаб шахс бо дасту забони худ ба дигарон озору ранҷиш расонида метавонад. Қаҳру ғазаб ақлро тира мегардонад. Ҷоҳилӣ аз нодонӣ аст. Фурӯ додани хашм ҷиҳод бар аҳриман аст. Шахси бохирад дар ҳолатҳои ногувор низ ҳиссиёти худро идора карда, бо оромӣ вазъиятро мӯътадил менамояд. Бозидоштани хашм дилро пурнур ва имонро қавӣ гардонад.

Барҳам додани хислатҳои бад ва инкишоф додани хислатҳои нек вазифаи этикии инсон мебошад. Қалби софу беғубор макони хислатҳои нек аст ва баҳри он шахс бояд кӯшиш намояд.

# ЭТИКАИ МУОШИРАТ

Муқаддимаи одоби муоширaт салом аст. «Ассалому алайкум» - калимаи арабӣ буда, маъношаш «сулҳ ва саломатӣ металабам» мебошад. Салом додан суннати одамӣ аст. Одоби муошират бо сухан ба амал меояд. Бо тарзи гуфтор ва сатҳи дониш одоби инсон ҳувайдо мегардад. Сухан бояд саҳеҳ, бофасоҳат, равон ва бурро садо диҳад. Дар одоби муошират бояд чунин қоидаҳоро риоя кард:

- Бо чеҳраи кушод, табъи болида ва табассум бояд сухан ронд.
- Ҳангоми сӯҳбат аввал мулоҳиза карда, баъд сухан гуфт.
- Бидуни эҳсосот осуда, нерӯманд ва бамаврид бояд калом гуфт.
- Дар доираи мавзӯъ бояд сӯҳбат кард ва ба пурсишҳо мухтасар посух дод.
- Дар назди одамон ба гӯянда, барои сухани ночояш набояд эрод гирифт.
- Аз рӯи дӯстдорӣ ё кинаву адоват фикри гӯяндаро набояд инкор кард.
- Фикри ҳамсӯҳбати худро бояд эҳтиром ва босаброна гӯш кард.

Ниёгон одоби муоширатро ба таври зерин таълим додаанд.

## Дар сухан гуфтан шаш адаб аст

- *Аввал, сухан муносиби ҳол ва андозаи вазни ақли ҳар кас гӯяд.*
- *Дуюм, бо лутф сухан гӯяд, бо дурруштӣ нагӯяд.*
- *Сеюм, ба вақти сухан гуфтан туршрӯӣ ва гирифтарӯӣ набошад.*

- *Чаҳорум, чандон сухан ба шунавандаи он гӯяд, ки малоли хотири ӯ нагардад.*
- *Панҷум, сухане гӯяд, ки манфиати дунё ва охират дар он бошад.*
- *Шашум, сухани беқадр, бемаъно ба забон наронад, ки сухан ба монанди тухм аст, ки агар тухм бемағз бошад, дар ҳар замине, ки афтад нарӯяд ва аз ӯ манфиате ҳосил нашавад.*

## Дар сухан шунидан ҳашт адаб аст

- *Аввал, он, ки то аз вай сухан напурсанд, нагӯяд.*
- *Дуюм, ба вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад.*
- *Сеюм, ба чапу рост нангарад.*
- *Чаҳорум, ғаразомез ва бо киноят сухан нагӯяд.*
- *Панҷум, ба рӯи шунаванда начаҳад ва сухани сахт нагӯяд.*
- *Шашум, фикр карда сухан гӯяд, то ки пушаймон нашавад.*
- *Ҳафтум, дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани сухангӯяндаро мунтақеъ нагардонад.*
- *Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи камақлист.*

(Аз“Ахлоқи муҳсинӣ”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ).

Суханронӣ дар маъракаю маросимҳо ва базму нишастҳо низ одоби худро дорад. Шахси нотиқ таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба худ ҷалб карда тавонад ва сухани ӯ дар одамон таассуроти нек пайдо намояд.

Ба инкишофи нутқ ва ҷаҳонбинии шахс мутолиа кардани асарҳои гуногун ва маҷаллаю рӯзномаҳо мусоидат менамоянд. Инчунин, бештар омӯхтани забонҳо ва аз ёд кардани шеърҳои зиёд завқи сухандониро афзун гардонида, ба ташаккулёбии одоби инсон кӯмак мерасонанд.

Сухан сеҳру ҷозиба ва инъикоскунандаи замири инсон

аст. Сухан сарчашмаи некиҳо ва бадиҳо мебошад. Бинобарин, андеша шарти аввал дар суханронӣ аст. Ҳамаи фаъолияти инсон бо сухан ба амал меояд. Аз ин рӯ, донистани одоби муошират ногузир аст. Зеро, лафзи хуш кафолати ҳамфикрӣ бо одамон мебошад.

Ҳамин тавр, ахлоқ муносибати инсон ба ҳаёт мебошад. Ахлоқи сутуда ҳадафи олии инсоният мебошад. Бинобарин, ахлоқи некро ситоиш ва тарғиб кардаанд ва минбаъд низ хоҳанд кард. Ахлоқ башариятро ба озодагии руҳӣ ва ҷисмӣ ҳидоят менамояд. Илми этика исбот кард, ки ахлоқи шоиста боиси нашъунамои давлат, сулҳу амонӣ, саломатӣ, дарозумрӣ, некӯаҳволӣ ва ҳамдилии кулли одамон хоҳад буд. Аз ин рӯ, аҳли олам бояд баҳри ахлоқи покиза, ки он роҳи мустақимест сӯи саодати абад, саъю кӯшиш намоянд.

# ЭТИКАИ КАСБӢ

Этикаи касбӣ яке аз ҷабҳаҳои илми этика буда, дар аҳди қадим пайдо шудааст. Асосгузори илми этикаи касбӣ олим-табиби Юнони бостон Буқрот ё Гиппократ (IV-III т.м.) мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки тақсимоти меҳнат (аз шикорчигӣ ҷудо шудани чорводорӣ, аз чорводорӣ зироаткорӣ ва аз зироаткорӣ ҳунармандӣ) боиси пайдоиши касбҳо гардидааст.

Буқрот дар бораи талаботи дақиқ, махфӣ ва ба худ хоси ахлоқи касбӣ ақидаҳо баён карда, доир ба этикаи омӯзгор, табиб, зироаткор, олим, подшоҳ ва дигар касбҳо қоидаҳои махсуси этикиро таҳқиқ намудааст. Ӯ талаботи этикаи табибро чун савганд ба тартиб даровард, ки то ҳол бо номи «Қасами Буқрот» дар соҳаи тиб амал мекунад.

Этикаи касбӣ дар натиҷаи талабот ва ҳавасмандии одамони ҳамкасб нисбат ба ахлоқ пайдо шуда, бо баробари тараққиёти истеҳсолот инкишоф ёфтааст. Дар рушди этикаи касбӣ ақидаҳои коллективи меҳнатӣ роли муҳим бозидаанд. Аммо дар ҷомеаҳои беадолат дар ҷараёни меҳнат ба этикаи касбӣ риоя карда намешуд.

Ҷамъият танҳо он гоҳ вуҷуд дошта метавонад, ки неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истеҳсол карда шаванд. Аз ин рӯ, этикаи касбӣ ба рушди фаъолияти меҳнатӣ мусоидат менамояд. Боварӣ ва эҳтироми инсон дар ҷараёни меҳнат дар мадди аввал аст. Дар фаъолияти корӣ огоҳӣ, танбеҳ, сарзаниш, мазаммат ва ё таърифу таҳсин кардани соҳибкасб мувофиқи адлу инсоф ва талаботи этикаи касбӣ мебошад. Дар иҷрои ӯҳдадории касбӣ шахс бояд ба донишу таҷриба ва имконияти худ эътимод намояд, ки ин ӯро нерӯманд мегардонад. Этикаи касбӣ муносибати инсонро ба ӯҳдадории касбӣ муайян мекунад, ки он бо ҷомеа ва

одамон алоқаманд аст.

Этикаи касбӣ - илмест, ки меъёр, принсип ва қоидаҳои фаъолияти меҳнатиро меомӯзад. Этикаи касбӣ чунин масъалаҳоро меомӯзад:

- муносибати гурӯҳи меҳнатӣ бо ҷамъият;
- муносибати шахс бо гурӯҳи меҳнатӣ;
- муносибати байниҳамдигарии ҳамкасбон ва одамон, ки объекти фаъолияти онҳо мебошанд;
- меъёрҳои этикӣ, ки иҷрои беҳтарини ӯҳдадории касбиро таъмин менамояд.

Вазифаи этикаи касбӣ таълим додани муносибати эҳтиромона нисбат ба табиат, ҷамъият ва одамон аст. Талаботи аввалиндараҷаи этикаи касбӣ бо виҷдони пок иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ мебошад. Меъёрҳои этикаи касбӣ қоидаҳое мебошанд, ки дар асоси идеалҳои гуманистӣ ба тартиб оварда шуда, аз шахс риоя кардани интизоми меҳнатиро талаб менамоянд. Дар ҳолати беэътиборӣ нисбати ӯҳдадории касбӣ корманд аз кор сабукдӯш карда мешавад. Барои пешгирии чунин ҳолатҳои ногувор меъёрҳои касбии зеринро риоя кардан лозим аст:

- бомаҳорат ва аз рӯи талабот иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ;
- дар ҷараёни кор нишон надодани хислатҳои манфӣ ва нигоҳ доштани ҳолати объективона;
- бо ҳамкасбон, мизоҷон ва ширкатҳои ҳамкор муносибати ҷиддии корӣ кардан;
- риоя кардани принсипи ҳамкорӣ ва муҳокима накардани ҳамкасбону зердастони худ дар назди мизоҷон ва шахсони дигар;
- дар муҳити корӣ роҳ надодан ба табъизи нажодӣ, синну солӣ, гендерӣ, миллатгароӣ ва маҳалгароӣ;
- дар мӯҳлат иҷро кардани супориши мизоҷон ва корхонаҳои ҳамкор.

Дар фаъолияти касбӣ муносибатҳои гуногун, ба монанди фармондиҳанда, иҷрокунанда, ҳисоботдиҳанда байни роҳбар, зердаст ва ҳамкор ба амал меоянд. Яъне роҳбар ӯҳдадор аст, иҷроиши корро аз рӯи меъёри касбӣ талаб намояд ва зердастон бояд вазифаи худро дар сатҳи беҳтарин иҷро кунанд, ки ин талаботи этикаи касбӣ ба ҳамаи соҳаҳои касб тааллуқ дорад.

Ихтисос - намуди муайяни фаъолияти меҳнатӣ буда, аз шахс дониш ва таҷрибаи кориро талаб мекунад. Дар ҷаҳони имрӯза зиёда аз 50. 000 намуди касбу ҳунар мавҷуд аст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон аз рӯи зиёда аз 3.000 касбу ихтисосҳо фаъолият мебаранд. Дар омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, миёнаи махсус ва мактабҳои олии мамлакат аз рӯи зиёда аз 600 номгӯи касбу ҳунарҳои гуногун мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Касбҳо аз рӯи ашёи меҳнат ба панҷ гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. «Инсон - инсон» - ашёи меҳнат одамон мебошанд (омӯзгор, духтур, кормандонии соҳаи хизматрасонӣ).

2. «Инсон - техника» - ашёи меҳнат воситаҳои техника мебошанд (муҳандис, наклиётчӣ).

3. «Инсон - табиат» - ашёи меҳнат замин, об, наботот ва ҳайвонот мебошанд (деҳқон, чорводор).

4. «Инсон - силсилаи нишонаҳо» - ашёи меҳнат нишонаҳои шартӣ, формулаҳо, рақамҳо мебошанд (муҳосиб, барномасоз).

5. «Инсон - образи бадеӣ» - ашёи меҳнат образи бадеӣ ва унсурҳои он мебошад (санъаткор, адиб).

Этикаи касбӣ меъёрҳои ахлокро доир ба соҳаҳои касб муайян мекунад. Кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳуқуқ, наклиёт ва ғайра бояд соҳиби ахлоқи олӣ бошанд, зеро онҳо ба ҳаёти инсон ҷавобгӯ мебошанд. Масалан, ба духтурон лозим аст, ки бо беморон меҳрубона ва

ғамхорона муносибат намоянд, ки онҳо муҳофизони саломатии инсон мебошанд; омӯзгорон бо меҳру муҳаббат бо кӯдакону бачагон муносибат намоянд, ки онҳо барои тарбияи насли наврас ҷавобгӯ мебошанд; ӯҳдадории касбии олимон аз он иборат аст, ки поквиҷдонона ҳақиқатро ҷустуҷӯ карда, дастоварди илмиро ба нафъи инсоният равона созанд; кормандони соҳаи ҳуқуқ вазифадоранд адолатро дар ҷомеа пойдор намоянд.

Принсипҳои этикаи касбӣ чунинанд: муттаҳидии касбӣ, дарк кардани қадри инсон ва вазифаи касбӣ, ҷавобгарии махсус, ки ба он шароити корӣ мусоидат менамояд. Айни ҳол, принсип ва меъёрҳои этикаи касбӣ, ки аз ахлоқи умумиинсонӣ сарчашма мегиранд, ба кодексҳои касбӣ табдил дода шудаанд. Ҳар як касб қоидаҳои этикии худро дошта, онҳо дар кодексҳои касбӣ инъикос ёфтаанд. Кодекси касбӣ муносибати байниҳамдигарии одамонро дар фаъолияти касбӣ фаро гирифта, нисбат ба рафтори корманд мукофот ва ҷазоро муайян менамояд. Кодексҳои касбӣ аз ҷониби ширкатҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, соҳаҳои меҳнат ва ихтисосҳо, гуруҳҳои меҳнатии минтақаҳо (ноҳияҳо, шаҳрҳо) ва созмонҳои байналмилалӣ (СММ, САҲА) пешниҳод карда мешаванд.

Этикаи касбӣ қисми ҷудонашавандаи фаъолияти меҳнатии ҳар як мутахассис буда, софдилона иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ ва рафтори одилонаро нисбати одамонро талаб менамояд. Этикаи касбӣ барои таъмини ахлоқи беҳтарин дар ҷараёни меҳнат ва оқилона истифода бурдани қобилияти корӣ равона карда шудааст.

# ЭТИКАИ МУОШИРАТИ КАСБӢ

Муошират касбӣ - муносибати ҳамкорон аст, ки барои ҳалли ин ё он масъалаи корӣ равона карда мешавад. Муоширати касбӣ якчанд намудҳо дорад.

Суҳбати касбӣ бо телефон - воситаи алоқаи оперативӣ, ки барои осон ва зуд ҳал кардани муаммоҳои касбӣ мусоидат намуда, аз ҳар ду тараф риояи қоидаҳои гуфтугӯи телефониро (салом гуфтан, узрхоҳӣ намудан, сипосгузорӣ кардан...) талаб менамояд.

Маҷлиси касбӣ - яке аз воситаҳои пурмаҳсул барои ҷалб кардани ҳампешагон ба ҷараёни қабули қарор, воситаи идораи зердастон дар минтақа ва ё муассисаи корӣ мебошад.

Мулоқоти касбӣ - мубодилаи афкори ҳамкорон оид ба масъалаҳои корӣ, ки дар асоси қоидаҳои муайян бо иштироки якчанд нафар ба вуқӯъ меояд.

Нишасти матбуот - вохӯрии шахсони расмӣ (арбобони сиёсию давлатӣ, роҳбарон, мутахассисон, соҳибкорон ва дигарон) бо мақсади ба аҳли ҷомеа расонидани маълумот доир ба масъалаҳои муҳим бо намояндагони расонаҳои хабарӣ ба амал меояд.

Суханронии оммавӣ - бо мақсади расонидани маълумот (даъват барои амалиёт, боваркунонӣ, огоҳсозӣ...) ба шунавандагон садо медиҳад.

Навиштаҷоти касбӣ - намуди хаттии муошират бо ҳамкорон, ки тавассути почта ва ё шабакаи интернет ба амал бароварда мешавад.

Мактуби касбӣ - ҳуҷҷати мухтасар, ки якчанд масъалаҳои кориро дарбар гирифта, он байни шахсони ҳуқуқӣ ва масъул ба амал меояд.

Барои соҳибкасб донистани намудҳои муоширати касбӣ дар фаъолияти меҳнатӣ хеле муҳим аст. Муоширати касбӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ барои ба даст овардани даромади барзиёд нигаронида шудааст.

# ЭТИКАИ МУОШИРАТИ ТЕЛЕФОНӢ

Телефон воситаи паҳншудатарини муошират дар замони имрӯза мебошад. Телефон барои ҳалли як қатор мушкилоти корӣ, барқарор кардани мусоҳибаҳо бе иштироки бевоситаи шахс ва ғайра мусоидат менамояд. Аммо агар шахс қоидаҳои истифода бурдани телефонро надонад, ба ҳолатҳои начандон хуб дучор шуданаш мумкин аст.

Муошırати телефонӣ яке аз намудҳои мураккаби муошират аст. Ба ҳисоб гирифта шудааст, ки ҳар як сӯҳбати телефонӣ 3-5 дақиқа тӯл мекашад. Шахси роҳбар дар як рӯз 20-30 маротиба бо телефон гуфтугӯ менамояд. Корманд қабл аз занг задан масъалаҳое, ки дар бобати онҳо бо телефон гуфтугӯ мекунад, бояд муайян намояд, то вақти ҳамсуҳбат зоеъ нагардад.

Ҳангоми гуфтугӯи телефонӣ қоидаҳои зеринро риоя намоед:

1. Ба дурустии рақамҳои телефон боварӣ ҳосил намоед.

2. Ба гуфтугӯи мухтасари телефонӣ омода бошед.

3. Пеш аз гуфтугӯи ҷиддии телефонӣ ба варақ қайдҳои заруриро нависед.

4. Дар оғози гуфтугӯ ному насаб ва ҷои коратонро гуфта, худро муаррифӣ намоед.

5. Агар саҳван ба телефони ҷои дигар фароед, ҳатман узрхоҳӣ намоед.

6. Ба занги хатои телефонӣ эҳтиромона посух диҳед: «Шумо иштибоҳ кардед» ва гӯшакро гузоред.

7. Ҳангоми бо ҳуҷҷатҳои муҳим кор кардан, телефонро хомӯш кунед.

8. Агар гуфтугӯи телефонӣ тӯл кашад, лаҳза ба лаҳза ҳамсӯҳбати худро бо овозҳои кӯтоҳ дастгирӣ намоед.

9. Гуфтугӯи касбии телефониро ба охир расонида, ҳатман ба ҳамсуҳбати худ миннатдорӣ ва барори кор таманно намоед.

10. Ҳангоми сӯҳбати касбӣ бо шахси берун аз корхона, телефон садо диҳад, хоҳиш кунед, баъдтар занг зананд.

11. Дар ҳузури ҳамкасбон бо овози паст бо телефон гуфтугӯ намоед.

12. Дар ҷараёни гуфтугӯи телефонӣ гарчӣ асабонӣ бошед, ҳам худро ба даст гиред.

Қабл аз бо телефон занг задан ба чунин ҷиҳатҳо эътибор диҳед: Оё ба гуфтугӯи телефонӣ зарурат вуҷуд дорад? Оё фикри шахси ҳамсуҳбат ба шумо зарур аст? Оё бо мусоҳиби худ вохӯрдани шумо имконпазир аст?

Барои ҳалли чунин масъалаҳо гуфтугӯи телефонӣ ҷоиз аст:

- Ба шумо ба даст овардан ва ё хабар додани ягон маълумот ҳатмӣ аст.
- Доир ба масъалаи корӣ донистани фикри ягон шахси вазифадор лозим аст.
- Барои муайян кардани вақт ва ҷои вохӯрии касбӣ бо ягон шахс занг задан лозим аст.
- Ба воситаи телефон огоҳ намудани ҳамкори худ дар бобати тағйир ёфтани вазъият ва ғайриимкон будани вохӯрии касбӣ зарур аст.

Телефон яке намудҳои технология буда, барои осон кардани мушкилотҳои шахсӣ ва касбӣ имконияти хуб фароҳам меоварад.

# ЭТИКАИ СӮҲБАТИ ГУВОРО

Хоҳиши қатъ кардани гуфтугӯи касбӣ дар байни ҳамсӯҳбатон дар вақтҳои гуногун пайдо шуданаш мумкин аст. Масалан, ҳамаи масъалаҳои корӣ ҳалли худро ёфтаанд, аммо яке аз ҳамкорон майли тӯл додани сӯҳбатро дорад. Риояи қоидаҳои зерин ба Шумо имконият медиҳад, ки ҳамсӯҳбати худро наранҷонида, гуфтугӯро қатъ намоед:

1. Ба мусоҳиби худ барои муоширати дилнишин миннатдорӣ изҳор намоед, ки вақти худро дарег надошта сӯҳбат кард.

2. Аксарият ин аломатро мефаҳманд, аммо ба баъзеҳо чораҳои махсус пешбинӣ карда мешаванд.

3. Ба ҳамсӯҳбататон таъкид кунед, ки шуморо корҳои зарур интизоранд. Дар ин ҳолат «бахшиш» гуфтан нодуруст аст. Беҳтараш «маъзарат мехоҳам» ва ё «узри манро қабул кунед» гуфтан қобили қабул аст.

4. Сабабҳои объективона (зарурати ба ягон ҷо рафтан, ба ягон кас занг задан) - ро фаҳмонед, он гоҳ дар ҳамсӯҳбати шумо ранҷиш пайдо нахоҳад шуд.

5. Бархезед ва дасти ҳамсӯҳбати худро фишурда, вайро то остонаи дар гусел карда, хайру хуш намоед, хушнудии хешро изҳор кунед, ки ин хеле муҳим аст.

6. Агар ҳамаи ин кинояҳоро нафаҳманд, бо котиба, ҳамкор ва ё зердасти бовариноки худ маслиҳат кунед, то ки пас аз ишораи махсус ба ҳуҷраи корӣ даромада, огоҳ созад, ки шуморо роҳбар ва ё шахси дар вазифаи боло истода таъҷилан ба наздаш даъват мекунад.

Гуфтугӯи касбии телефониро ҳамчунин беранҷиши ҳамсӯҳбат қатъ кардан мумкин аст. Хоҳиши тамом кардани мулоқотро дошта бошед, ба ҳамкоратон гуфта метавонед: «Ҳоло маҷлиси корӣ баргузор мешавад ва алла-

кай ҳама ҷамъ шудаанд». Агар пас аз ин амалиёт суханро давом дода, ба кор халал расонад, фаҳмонед, ки вақтҳои охир бо телефон ким-чӣ руй медиҳад ва овоз на он қадар хуб шунаво аст. Баъд гӯшакро ба ҷояш гузоред. Дар натиҷа ба муносибати касбии шумо бо ҳамсӯҳбататон осеб намерасад.

Ҳамин тариқ, суханронии ботамкин ба бомуваффақият анҷом ёфтани сӯҳбати касбӣ мусоидат менамояд.

# ЭТИКАИ ОМӮЗГОР

Касби омӯзгорӣ пешаи қадимтарин аст. Мардум муаллимро шахси мӯътабар пиндошта, нисбаташ бо эҳтироми хос муносибат мекарданд ва мақоми устод дар байни мардум баланд буд. Этикаи педагогӣ низ дар аҳди қадим пайдо шудааст. Дар таълимотҳои даосизм, конфутсизм, зардуштия ва мактабҳои фалсафии Юнону Рими бостон доир ба этикаи омӯзгор афкори илмӣ вуҷуд дошт. Абӯнасри Форобӣ, Ал - Киндӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Туфайл ба ахлоқи муаллим ва шогирд таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар ин бобат ақидаҳои худро баён кардаанд.

Форобӣ дар асараш "Таҳсили саодат" навиштааст, ки омӯзгор бояд солимақл, поквиҷдон, боинтизом, бофиросат, сахтгир ва нармдил бошад.

Ибни Сино дар асараш "Тадбири манзил" қайд менамояд, ки омӯзгор бояд бохирад, сухандон, бовиқору сангин, бомурувват ва покдоман бошад; омӯзгор дар синни 6 солагии шогирд ба таълим додан шурӯъ намояд, дар ибтидои таълим ба кӯдак Қуръонро омӯзонад, зеро аз худ кардани ин китоби муқаддас дар инкишофи шуури кӯдак аҳамияти калон дорад, сипас, забон, суханварӣ, одоб, фалсафа, ҳандаса, риёзӣ, нуҷум, ҷугрофия ва ҳунарро таълим бидиҳад; омӯзгор бо табиати шогирд ошно ва аз завқу қобилияти вай бояд огоҳ бошад.

Ибни Сино коллективона таълим доданро ба муаллим тавсия медиҳад. Чунки, дар омӯзиши якҷоя дӯстии шогирдон ва ҳавасмандии онҳо нисбат ба донишандӯзӣ афзун мегардад. Устод шогирдро аз хурдсолӣ бояд дар зери ҳисси меҳнатдӯстӣ тарбия намояд. Зеро, ҳунар доштан ва меҳнат кардан қиммати инсонро нишон медиҳад.

Ибни Сино омӯзгорро ба хоксорӣ ва фурӯтанӣ даъват

менамояд. Кибру ғурур боиси тира гаштани хиради устод мегардад. Нармдилии бисёри устод нисбати шогирдон ҷабр мебошад. Дар таълим сахтгирии омӯзгор ба манфиати шогирд буда, шахси боандеша инро бо гузашти айём эҳсос мекунад.

Доир ба этикаи муаллим дар давраи имрӯза бисёр таҳқиқотҳо ба амал омадаанд. Этикаи педагогӣ аз омӯзгор поквиҷдонӣ, дурандешӣ, тавозуъ, босабрӣ, эҷодкорӣ, ростӣ, боадлӣ, нотиқию сухандонӣ, боимониву парҳезгорӣ, ҳамраъйиву ҳамкорӣ бо ҳамкасбон, шогирдон ва волидайн ва ғайраро тақозо менамояд.

Муаллим тарбиятгари аҳли ҷомеа аст. Тарбия ва таълим доданани фарзандони мардум ӯҳдадории касбии омӯзгор мебошад. Насли имрӯза аввал дар боғчаи бачагона, сипас дар мактабҳои миёна, махсус ва олӣ дар назди омӯзгор таълиму тарбия мегиранд. Кӯдак ба когази сафед ва муаллим ба наққош шабоҳат дорад. Бинобарин, муаллим вазифадор аст, ки тамоми дониш ва ғайрати худро баҳри ташаккули маънавии шогирдаш сафарбар намояд, то ки вай чун шахси баркамол ба воя бирасад. Омӯзгор ба шогирд ҳамчун ба шахсе, ки ҷаҳонбинии худро дорад, муносибат намояд, на чун объекти касбӣ. Омӯзгор дар дарс бурро ва равон бояд сухан кунад. Ҳангоми гузаронидани машғулияти дарсӣ аз техника ва технология истифода бурда, бо усулҳои шавқовар мавзӯъро фаҳмонад. Агар дар раванди таълиму тарбия ба душвориҳо дучор ояд, аз фишороварӣ, таҳдидкунӣ, хашмгирӣ ва ғайра худдорӣ карда, оқилона рафтор намояд. Муаллим қабл аз ҳама касби худро дӯст дорад ва ҳамеша барои такомули маҳорати педагогӣ кӯшиш намояд. Бо дониш ва одоби худ таваҷҷӯҳи волидайн, шогирдон ва атрофиёнро ба худ ҷалб карда, ба эътимоди онҳо сазовор гардад.

Устоди мактаби олӣ бояд олими соҳаи худ бошад, дар

навиштани корҳои дипломӣ ва рисолаҳои номзадӣ ба шогирдон раҳнамой намояд. Тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногун вазифаи устодони мактабҳои олӣ мебошад.

Ҳамин тавр, муаллим шахсест, ки фаъолияти худро ба маърифатнокии насли наврас равона менамояд. Муаллим олами дохилии инсонро зебо сохта, вайро аз ҳақиқат огоҳ менамояд.

# ЭТИКАИ МУҲАНДИС

Яке аз намудҳои этикаи касбӣ ин этикаи муҳандис мебошад. Этикаи муҳандис - маҷмӯаи қоидаҳоест, ки рафтори муҳандисро дар фаъолияти касбӣ муайян мекунад. Этикаи муҳандис аз чунин меъёрҳои ахлоқӣ иборат аст: поквиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадории касбӣ, сохтани таҷҳизотҳои безарар, ки ба одамон нафърасон бошанд, ҷавобгарӣ ба натиҷаҳои касбии худ, муайян кардани шаклҳои муносибати муҳандис бо бунёдкорон ва истифодабарандагони техника ва ғайра.

Якчанд меъёрҳои этикаи муҳандис дар қоидаҳои маъмурии ин ё он муассиса, ки кори онҳоро идора мекунад, қайд гардидааст. Дар кодексҳои гуногуни касбии муҳандисон (амрикоӣ, олмонӣ, русиягӣ) баробари талаботи этикӣ одатан тавсияномаҳо низ илова карда мешаванд, то ки фаъолияти муҳандисон ба талабот ҷавобгӯ бошад. Муҳандисон бояд ахлоқи беҳтаринро соҳиб бошанд, зеро, онҳо ба бехатарии ҳаёти одамон масъуланд. Муҳандис бояд қобилияти иҷро кардани вазифа, масъала, ба нақша гирифтан, дарк карда тавонистани ҳодисаҳо, идора ва назорат карда тавонистан раванди корро дошта бошад.

Этикаи муҳандис низ мисли касбҳои дигар дар фаъолияти меҳнатӣ масъулияти махсусро талаб мекунад. Пас худи масъулият чист? Ин ҳисобот додан дар бораи иҷроиши ӯҳдадории касбӣ дар назди дигарон мебошад. Ӯҳдадории касбӣ ба виҷдони шахс вобаста буда, он аз рӯи талаботи ҷиддӣ назорат карда намешавад. Аммо ин ӯҳдадорӣ низ ченаки худро дорад, ки он бо садои дил пайванд аст.

Ба этикаи муҳандис адлҷӯӣ, босаховатӣ, нафъоварӣ, пурсабрӣ нисбати одамон, боло гузоштани арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз арзишҳои моддӣ ва ғайра хосанд. Дар

низоми нави этикаи касбӣ, аз ҷумла дар этикаи муҳандис рушд додани маҳорати табиӣ ва касбӣ, ҳамкорӣ ва муттаҳидии иҷтимоӣ, эътимоди байниҳамдигарӣ, итоат ба қонун дар фаъолияти меҳнатии соҳибкасб ҷой доранд. Кодекси касбии муҳандис меъёрҳои этикиеро, ки муносибати муҳандисро нисбати ҷомеа муайян мекунад, дар худ инъикос менамояд. Техника симои гуманитарии муҳандисро инъикос карда, ақидаи инсонро дар шакли образҳо, схемаҳо ва ритмҳо муайян менамояд. То имрӯз доир ба этикаи муҳандис қоидаҳои махсус навишта нашудаанд. Аммо барномаи фалсафаи техника меъёрҳои этикаи муҳандисро пешниҳод менамояд, ки он аз фарҳанги техникӣ иборат аст.

Айни ҳол, суръати тараққиёти техника хеле бошитоб буда, он ҷузъи ҳаёти инсон гардидааст. Техника ин маҳсули фаъолияти эҷодкоронаи инсон дар шакли махсус мебошад. Олами техника ин олами мураккаб ва пурасрори инсон аст. Олами техника се арзиши бузург - ҳақиқат, зебоӣ ва накӯкориро дар худ таҷассум менамояд. Дониши техникӣ кулли илмҳоро фаро гирифта, дар ҳаёти инсон фаъолияти техникаро афзоиш медиҳад. Бо вуҷуди ин прогресси техникӣ яккатор муаммоҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Собиқ ноиб-президенти АФ Аврупо - Ханс Ленк дар бораи ҷиҳатҳои манфии техника ва технологияи пешқадам, ки маҳсули меҳнати муҳандис аст, чунин ақидаҳои худро баён кардааст.

1. Ҳудуди ҷуғрофӣ, ки дар зери таъсири фаъолияти инсон вайрон шудааст, афзуда истодааст.

2. Шумораи одамоне, ки аз чорабиниҳои техникӣ зарар мебинанд, зиёд шуда истодааст.

3. Вазъияти бади экологӣ, дар назди насли наврас мушкилоти тиббӣ-биологӣ ба вуҷуд оварда истодааст.

4. Инсон беш аз пеш ба объекти санҷиши техника табдил ёфта истодааст.

5. Ба насли инсон эҳтимоли таҳдиди техника ба вуҷуд омада истодааст.

Муаммоҳои номбурда, ба этикаи муҳандис талаботи навро ба миён меоварад. Ягон соҳаи техника ба талаботи ахлоқ пурра ҷавоб дода наметавонад. Аз ин рӯ, ҳар як навоварии техникӣ, ки ба ташаккули инсоният таъсир мерасонад, бояд аз назари илм санҷида шавад. Бинобарин, соли 1974 дар симпозиуми байналмилалӣ аз ҷониби олимон, файласуфон ва муҳандисон «Эъломия дар бораи ӯҳдадории ахлоқӣ нисбат ба техника» қабул карда шуд. Дар он қайд карда мешавад, ки ҳавасмандии шахсӣ аз талаботи умумии одамон, ки аз кӯшиш ба озодӣ, адолат ва саодат иборат аст, бартар нест ва ҳама гуна кашфиёти техникӣ бояд аз назорати байналмилалӣ гузаронида шавад.

Айни ҳол, технологияи иттилоотии ҷомеа хусусияти умумиҷаҳонӣ гирифта, талаботи ахлоқии он «техноэтика» номида мешаванд. Техноэтика муносибату рафтори инсонро нисбати техника фаро мегирад. Дар техноэтика техника чун воситаи ба даст овардани мақсад истифода бурда мешавад. Техноэтика ду хусусият - нафъоварӣ ва сарфакориро дорад. Арзишҳои техникӣ барои рушди шахс ва ҷомеа, тозагии экологӣ, тандурустӣ ва бехатарии ҳаёти одамон бояд хизмат намояд.

Ҳамин тавр, техника ва технология маҳсули касби муҳандис мебошад. Омӯхтан ва риоя кардани этикаи касбӣ барои муҳандис ногузир аст, ки ӯ ба амнияти техникӣ ҷавобгар аст. Этикаи касбӣ донистани қоидаҳои техноэтикаро натанҳо аз муҳандис, балки аз ҳар як шахс тақозо менамояд.

# ЭТИКАИ ШАХСИ РОҲБАР

Роҳбар шахсест, ки аз ҷиҳати дониш ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи худ нисбати дигарон бартарӣ дорад. Роҳбар барои идораи муассисаи корӣ масъул аст. Шахси роҳбар ба тартиботи корӣ, оқилона истифода бурдани вақт дар ҷараёни меҳнат, пурмаҳсул гардидани самараи кор, мувофиқи талаб иҷро кардани нақшаи корӣ ва ғайраро назорат мекунад. Роҳбар дар фаъолияти худ бояд адолат ва одамиятро пеша намояд, имконияти кории кормандонро дарк карда, бо зердастон муносибати ҷиддӣ, аммо рафиқона дошта бошад.

Шахси роҳбар ҳар рӯз 10-15 дақиқа пеш аз оғози вақти корӣ ба муассиса ҳозир шуда, бояд ба фаъолият шурӯъ намояд. Интизом ва маҳсулнокии кор бештар ба серталабии роҳбар вобастааст. Бинобарин, шахси роҳбар қабл аз ҳама сиёсат ва виқори касбии худро дошта бошад. Табиист, ки меҳнат бе камбудӣ иҷро намешавад. Аз ин рӯ, норасоиҳоро бо хирад, сабр ва насиҳат бартараф кардан рафтори роҳбари одил аст. Роҳбар бояд нотиқ бошад. Инчунин бо муомилаи хуш ва нарм эътибори коллективи меҳнатиро ба худ ҷалб намояд, ки шарти зарурӣ дар фаъолияти роҳбар аст.

Дар ҳар корхона шахсони пуртаҷриба, яъне пирони кор ҳастанд, ки солҳои зиёд дар ҳамин соҳа ва ё корхона фаъолият доранд. Нисбати чунин шахсон роҳбар ва коллективи меҳнатӣ бо эҳтироми хоса муносибат намоянд. Зеро фаъолияти онҳо барои корхона хеле муфид мебошад.

Шахси роҳбар аз амалиёти касбии ҳар як корманд, аз пешравию қафомонии онҳо ҳаматарафа огоҳ бошад. Кормандони пешқадам барои комёбиҳои меҳнатиашон мувофиқи кодекси касбӣ бо мукофот, раҳматнома ва ё ифтихорнома қадр карда шаванд, то ки ҳавасмандии онҳо нисбати

касбу корашон боз ҳам афзунтар гардад. Ба кормандоне, ки интизоми меҳнатиро бесабаб вайрон мекунанд, масъулияти кориро эҳсос намекунанд, ӯҳдадории касбиро мувофиқи талаб иҷро намекунанд, роҳбар нисбати онҳо бояд воситаҳои тарбияи меҳнатиро андешад. Вагарна онҳо бо рафторҳои ношоями худ ба раванди кор таъсири манфӣ хоҳанд расонд. Чораҳои тарбиявӣ -сарзаниш, танбеҳ, огоҳ, доштани фоизи маош ва ғайра мебошанд.

Шахси роҳбар аз ҷиҳати ахлоқи касбӣ бояд мададгори зердастони худ бошад. Агар ягон нафар коргар аз роҳбар имдод пурсад, то қадри имкон ба вай дасти ёрӣ дароз кунад. Дар ҷараёни кор байни кормандон нофаҳмию муноқиша бархостанаш аз эҳтимол дур нест. Дар чунин ҳолати ногувор роҳбар хирадро пеша карда, онро бартараф кунад, сабабҳои ба вуқӯъ омадани низову кашмокашиҳоро дарк намуда, дар асоси принсипи ҳамкорӣ онҳоро ҳал намояд. Дар фаъолияти касбӣ ибораҳои «хешу таборӣ», «хоҳару бародарӣ», «ҳамшаҳрию ҷӯрагӣ» набояд ҷой дошта бошанд.

Роҳбар бо нозукбинӣ, ақлу фиросаташ ва маҳорати корни худ дар байни коллективи меҳнатӣ намунаву ифтихор бошад. Шахси роҳбар бояд дар зери талаботи этикаи касбӣ фаъолияти кориро пеш барад. Сӯиистеъмол аз вазифа ин кирдори зидди қонун буда, барои он аз рӯи кодекси ҷиноятӣ ҷазо муайян гардидааст ва ҳар як роҳбар инро дар хотир дошта, ҷиддӣ риоя намояд. Роҳбар масъулияти худро дар назди ҷомеа ва одамон эҳсос намуда, бояд дар бораи иҷроиши ӯҳдадории касбӣ ба роҳбари худ ҳисобот диҳад.

Меҳнат усули тарбия ва воситаи обутобёбии инсоният аст. Дар ҳолати пурра ва бомаҳсул иҷро кардани вазифаи касбӣ мутахассис зина ба зина соҳибтаҷриба мегардад ва ин ба фаъолияти шахси роҳбарикунанда низ taaллуқ дорад.

Ҳамин тавр, шахси роҳбар бо ахлоқи ҳамида ва фаъолияти пурсамари хеш бояд ба тараққиёти соҳаи касби худ саҳми босазо гузорад.

# ОИЛА ВА ЭТИКАИ ОИЛАДОРӢ

Оила - таҳкурсии ҷомеа мебошад. Дар сохти авлодии ҷомеаи ибтидоӣ оила вуҷуд надошт, яъне дар давраи модаршоҳӣ никоҳ хусусияти бисёрникоҳӣ (полегамӣ) дошт. Оила дар давраи падаршоҳӣ дар ҷараёни пайдо шудани якканикоҳӣ (моногамӣ) мустаҳкам гардид. Оила дар ин натиҷаи инкишофи ҷамъият ба вуҷуд омадааст.

Асоси оила никоҳ аст. Никоҳ бо ишқу муҳаббати зану шавҳар ба вуҷуд меояд. Никоҳ озодона ва ихтиёрӣ баста шуда, мақсади он давом додани насл мебошад. Никоҳ - муносибати динию ҳуқуқии ҳамсарон буда, мувофиқи қонун ба расмият дароварда мешавад.

Никоҳ суннати бани одам буда, он аз Одам (а) ва Момо Ҳаво оғоз ёфтааст. Аз нигоҳи дини ислом никоҳ аҳду паймони муқаддаси зану мард мебошад. Инсон низ мисли тамоми мавҷудоти зиндаи олам ҷуфт, яъне зан ва мард офарида шудааст. Дар Қуръони Карим чунин омадааст: "Мо шумоёнро ҷуфт офаридем" (78;8). Никоҳ ба тозагии ахлоқ хидмат карда, зан ва мардро аз бисёр нопокиҳо ҳифз менамояд. Дар ҳадис гуфта шудааст, ки никоҳ нисфи дин аст, нисфи дигарашро аз Худои Бузург талаб намоед.

Арасту оиларо "асоси давлат" номида, хушбахтиро мақсади бунёди оила меҳисобад. Насриддини Тӯсӣ дар асари худ «Ахлоқи Носирӣ» вазифаи волидайн ва фарзандонро дар оила муайян карда, оиладориро «санъат» номидааст. Ибни Сино дар асараш «Тадбири манзил» мегӯяд, ки ташкили оила бояд аз сохтани манзил оғоз ёбад, меҳрубонӣ ва ғамхорӣ асоси муносибати оиладорӣ мебошад.

Мувофиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оила дар ҳимояи давлат аст.

Оила институти иҷтимоии ҷомеа буда, дар он муносибатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ ва иқтисодӣ ба амал меоянд. Дар оила зану мард баробарҳуқуқанд. Ҳамсарон дар оила масъулияти ҷиддиро на танҳо нисбати ҳамдигар, балки ба фарзандон ва волидайни худ низ ба зимма мегиранд, ки иҷрои он ба воситаи ахлоқи воло имконпазир аст. Осоиши хонадон он гоҳ фароҳам меояд, ки ҳуқуқ ва манфиати аъзоёни оила эҳтиром карда шаванд.

Дар оиладорӣ одоби нек дар мадди аввал аст. Дар зиндагии якҷоя маданияти психологӣ, ҷинсӣ, ахлоқӣ ва маишӣ заруранд. Муносибати маҳрамона ба ҳамсарон эҳсосоти пок ва қаноатмандии рӯҳию ҷониро эҳдо менамояд. Бо муҳаббат зиндагӣ кардани ҳамсарон худ ҷозиба аст. Байни онҳо гоҳо пайдо шудани нофаҳмӣ ин табиист. Дар чунин ҳолат ҳамсарон таҳаммулро пеш гирифта, оромона онро бартараф намоянд. Зеро, муомилаи хуш калиди бисёр душвориҳо аст. Дар фаъолияти касбии зан ё шавҳар муаммо пайдо шавад, бо маслиҳату дилбардорӣ якдигарро дастгирӣ намоянд, то ки рӯҳафтода нашаванд. Онҳо ақидаи ҳамдигарро эҳтиром намоянд, асрори хонадонро фош накунанд, дар назди одамон обрӯи оиларо ҳифз кунанд ва дар танҳоӣ камбудии якдигарро ислоҳ бинамоянд. Фазои озоду ошкори хонадон дар зери боварӣ ба вуҷуд меояд. Эътимод боиси устувории муносибати ҳамсарон мебошад, ки дар акси ҳол бегонашавӣ ва барҳамхӯрии оила ҳолати воқеӣ аст.

Зан дар оила меҳрубону мушфиқ, мунису дилсӯз ва мард бояд кавиирода, ботамкин ва пуштибони хонадон бошад. Осудагии оила бештар ба зан вобастааст. Ниёгон зани некро "офияти зиндагонӣ" номидаанд. Зан бо лафзи ширин ва чусту чолокии худ муҳити оиларо роҳатбахш карда метавонад. Зан кадбонуи оила аст. Нигоҳубинии кӯдак, сариштагии хона, тайёр кардани хӯрок ва ғайра

вазифаи зан мебошад. Ҳоло воситаҳои гуногуни маишӣ мавҷуданд, ки меҳнати занро дар оила сабук мегардонанд.

Таваллуди тифл хушбахтии бузург дар оила мебошад. Фарзанд муҳаббати ҳамсаронро боз афзун менамояд. Волидайн мураббиёни нахустини фарзанд буда, дар рушди одоби кӯдак нақши муҳим доранд. Тарбияи фарзанд аз падару модар эҳтиёткорӣ ва ҳушёриро тақозо мекунад. Дар ҳаққи фарзанд ҳам ғамхорӣ, ҳам талабот бояд андоза дошта бошад. Муносибати беҳад ҷиддии волидайн тарсу дилшикастагӣ, дуршавию бегонашавӣ, ё ки баръакс меҳрубонии зиёд танбалию худбиниро дар фарзанд ба вуҷуд оварданаш аз эҳтимол дур нест. Аз ин лиҳоз, дар тарбия ҳолати миёнаро ишғол кардан мувофиқ аст. Тарбияи фарзанд дар алоқамандӣ бо мактаб ва ҷамъият ба амал меояд. Падару модар дар хусуси фарзанд бо омӯзгорон ва атрофиён доимо тамос дошта бошанд. Лекин, ҳоло аз таълиму тарбия дур мондани бачагону наврасон ба назар мерасад. Бинобарин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд»-ро қабул кард (2.08.2011), то ки волидайн қарзи худро эҳсос карда, нисбати тарбияи фарзанд муносибати ҷиддӣ намоянд.

Оила паноҳгоҳ ва маскани камолоти рӯҳию ҷисмии фарзандон бояд бошад. Тарбияи ахлоқӣ аз оила оғоз меёбад. Оилаи солим ба рушди нумӯи ҷомеа мусоидат менамояд. Бо қарори Созмони Милали Муттаҳид аз соли 1994 инҷониб ҳар сол рӯзи 15 -уми май ҳамчун Рӯзи байналмилалии оила қайд карда мешавад. Мутаассифона, ҳоло нафақат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз марзи он оила ба муаммои ҷиддӣ табдил ёфтааст. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки вайроншавии оилаҳо сол аз сол афзуда истодаанд. Сабаби асосии вайрон шудани оила ин риоя накардани меъёрҳои ахлоқ аст. Бешармӣ, беэътиноӣ, бевафоӣ, беҳурматӣ, ноаҳлӣ, нобоварӣ, нофаҳмӣ,

дилсардӣ, хиёнаткорӣ, зинокорӣ оиларо барбод медиҳанд.

Садоқату вафодорӣ, эҳтирому эътимод ба ҳамдигар, бофарҳангии зану шавҳар боиси устувории оила мегарданд. Ҳаловати оилавиро ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад. Танҳоӣ ба инсон ранҷу дардовар аст. Аз ин рӯ, ҳифз кардани никоҳ ва оила ӯҳдадории зану шавҳар ва аҳли ҷомеа мебошад.

# *ҲИКМАТҲОИ БУЗУРГОН АНДАР АХЛОҚ*

***Дониш - асоси накӯкорӣ ва нодонӣ - манбаи беахлоқӣ аст. Ҳақиқат ва накӯкорӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд.***

***Сукрот***

***Нуқтаи олии ахлоқ саодат аст. Давлат зебоӣ ва ҳақиқатро бояд муттаҳид созад.***

***Афлотун***

***Саодат мақсади асосии ҳаёти инсон, ки он ба воситаи накӯкорӣ, накукорӣ бо дониш ва дониш бо тарбия ба даст оварда мешавад.***

***Демокрит***

***Этика - илми махсуси амалӣ дар бораи ахлоқ, ки мақсади он омӯхтани роҳи накӯкорӣ ва саодат аст.***

***Арасту***

***Дар ҳаёти инсон хотираи ором, дӯстӣ, лаззати маънавӣ, эҳсосоти нек бояд ҳукмрон бошанд, то ки ахлоқи нек ташаккул ёбад.***

***Эпикур***

***Боақл худро бо одоб оро медиҳад.***

***Ҳазрати Алӣ (р)***

***Бадахлоқ ба гуноҳ кардан водор менамояд.***

***Ҳазрати Имоми Аъзам (р)***

*Инсон ба қоидаҳои ахлоқ - адолат, ҳикмат, мардонагӣ ва накӯкорӣ бояд риоя намояд.*

*Августин*

*Саодати олӣ - илоҳиёт аст, ки ба воситаи ахлоқи нек ва маърифат ба даст оварда мешавад.*

*Ф. Аквинӣ*

*Озодии инсон аз бузургии ҳикмати Офаридгор далолат медиҳад. Ҳар як инсон бо иродаи худ амалҳои нек карда метавонад.*

*П.Абеляр*

*Кӯшиш ба покизагӣ боахлоқшавии инсон аст. Хизмат ба ҷомеа корнамоии одами боахлоқ аст.*

*Ҷ.Бруно*

*Ташаккулёбии ахлоқӣ - рушди ҳақиқии одам аст. Барои инсон ҳамаи хислатҳои нек имконпазиранд. Боақл шахсест, ки аз ҳама кас чизе меомӯзад.*

*М.Монтен*

*Накӯкорие, ки ба манфиати одамон равона шудааст - адолат аст. Давлат бояд адолатро қонунӣ гардонад. Сиёсате, ки ба саодати инсон нигаронида шудааст, ба ахлоқ хизмат мекунад.*

*А.Гелветсий*

*Хирадмандӣ, тавоноӣ, адолат ва фаъолияти манфиатбахш хусусиятҳои муҳими ахлоқ мебошанд. Нерӯ ва ахлоқи инсон бо баробари дониши ӯ рушд меёбанд.*

*П.Голбах*

*Ахлоқ - маҷмӯи муносибатҳои ҳақиқӣ, ки ба манфиати одамон барқарор гардидааст. Вазифаи давлат эҳтиром ва ҳимоя кардани қадр ва шарафи инсон аст.*

***Т.Гоббс***

*Этика ба инсон роҳи саодатманд шуданро не, балки роҳи ба саодат лоиқ шуданро меомӯзонад. Ахлоқ аз тарафи табиат ба инсон ато нашудааст, балки дар натиҷаи барҳам додани худбинӣ дар одам пайдо шудааст.*

***И.Кант***

*Ахлоқ - худидоракунии дохилии инсон, ки он барои амалишавии накӯкорӣ ва иҷрои ӯҳдадорӣ равона шудааст.*

***Ф.Гегел***

*Инсон бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад: ҳам либосаш, ҳам суханаш, ҳам чеҳрааш ва ҳам қалбаш.*

***А.П.Чехов***

*Рафтор боиси пайдо шудани одат мегардад, одат ба хислат табдил мееёбад ва дар заминаи хислат қисмати инсон ба вуҷуд меояд.*

***У.Теккер***

*Бидуни эҳсосоти чуқури ахлоқӣ инсон соҳиби муҳаббат ва шараф намегардад.*

***В.Белинский***

*Хушахлоқӣ аз дин пайдо мешавад.*

***Ф.М.Достоевский***

## МАНОБЕЪ

1. Ҷомӣ А. Баҳористон. - Душанбе: Ирфон, 1966.
2. Кайковус У. Қобуснома. - Душанбе: Маориф, 1979.
3. Ибни Сино. Тадбири манзил. - Душанбе: Ирфон; 1983.
4. Аттор Ф. Пандномa.- Душанбе: Адиб, 1990.
5. Кошифӣ Ҳ.В. Ахлоқи муҳсинӣ. - Душанбе: Адиб, 1991.
6. Шерозӣ С. Гулистон.- Душанбе, 1998.
7. Ганҷавӣ Н. Ҳазору як андарз. - Душанбе: Маориф, 2008.
8. Ғаззолӣ М. Насиҳат-ул-мулк. - Душанбе: Ирфон, 2011.

## АДАБИЁТ

1. Андреева И. В. Этика деловых отношений. -СПб., 2005.
2. Асадов А. Н. Культура делового общения. -СПб., 2003.
3. Асташина Л. Н. Деловое общение. - Барнаул, 2004.
4. Белова Ю. А. Деловое общение. - Омск, 2005.
5. Беспалова Ю. М. Деловая этика и деловой этикет. -Тюмень, 2003.
6. Витгенштейн. Лекция по Этике.- М., 1989.
7. Громова Н. М. Деловое общение. - М., 2005.
8. Гулмаҳмадов М. Ташаккули симои маънавии одами советӣ. -Душанбе: Ирфон, 1973.
9. Гусейнов А. А., Иррлитц Ғ. Краткая история этики. - М., 1987.
10. Гусейнов А.А. Великие моралисты. - М., 2008.
11. Дробницкий О. Г. Понятие морали. - М., 1974.
12. Кремесова О.В. Одоби муошират. - Душанбе: Маориф, 1985.
13. Мирбобоев М. ва диг. Фалсафа. -Хуҷанд: Хуросон, 2010.

14. Мур Дж. Принципы этики.- М., 1984.
15. Муродӣ Т. Панду ибрат. - Хуҷанд: Ношир, 2012.
16. Нурова С.Оила ва оиладорӣ. - Хуҷанд, 1999.
17. Паульсен Ф. Основа этики. - М., 1906.
18. Предмет и система этики. - Москва: София, 1973.
19. Раҳимов Х., Исматов Б. Одобу рафтори оиладорӣ. -Душанбе: Маориф, 1992.
20. Содиқов А. Ганҷинаи ахлоқ. -Душанбе: Ирфон, 1984.
21. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. -Душанбе: Ирфон, 1989.
22. Соколов И.П., Эйхе Н.С. Тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ. -Душанбе: Ирфон, 1978.
23. Спиноза. Этика. // Соч. в 2-х тт. Т. 1. - М., 1957.
24. Спенсер. Основания этики. - СПб., 1899.
25. Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. -Душанбе: Ирфон, 1990.
26. Ҳакимова С. Одоб. Этика. -Душанбе: Адиб, 2004.
27. Ҳейнз У. ва диг. Ману дунё. Хазинаи байналмиллалии маориф, 1999.
28. Этика. Под ред. А. А. Гусейнова, Е.Л. Дубко. -М., 2000.

# МУНДАРИЧА


1. Сарсухан.............................................................. 4
2. Этика ҳамчун илм.............................................. 5
3. Давраҳои рушди илми этика................................ 8
4. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони форсу тоҷик..... 26
5. Ахлоқ ва дин........................................................ 57
6. Зинаҳои инкишофи ахлоқ ва зиддиятҳои он............ 64
7. Ғояҳои ахлоқӣ дар Русияи тоинқилобӣ..................... 69
8. Этикаи марксистӣ................................................ 71
9. Тазодҳо ва пирӯзиҳои ахлоқии садаи XX.................. 74
10. Илми этика ва замони муосир............................. 77
11. Мафҳумҳои асосии илми этика............................ 80
12. Ахлоқ ва ҷомеа.................................................. 84
13. Ахлоқ ва моҳияти он.......................................... 88
14. Этикаи муошират............................................... 92
15. Этикаи касбӣ..................................................... 96
16. Этикаи муошират касбӣ.................................... 100
17. Этикаи муошират касбии телефонӣ...................... 101
18. Этикаи сӯҳбати гуворо...................................... 103
19. Этикаи омӯзгор................................................ 105
20. Этикаи муҳандис............................................... 108
21. Этикаи шахси роҳбар ......................................... 111
22. Оила ва этикаи оиладорӣ.................................. 113
23. Адабиёт ........................................................... 120

ISBN 978-99975-58-21-3

**У.А.Ғаффорова, М.Ш. Файзуллоева**

# ЭТИКА
# ИЛМ ДАР БОРАИ АХЛОҚ

Муҳаррир: д.и.ф., профессор Зоҳидов О.Х.
Муҳаррири техникӣ: Акилова М.

Ба матбаа 20.07.2020 супурда шуд. Ба чопаш 27.07.2020 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60x84/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Супориши №5589.
Ҷузъи чопии шартӣ 7,2. Адади нашр 100 нусха.

Матбааи «Ношир»
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи ба номи Сейтвелиев, 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj

